# Худовандо, ба ман дуо карданро ёд деҳ
# (дар 28 рӯз)

***Пеш аз оне, ки ба омӯзиш шурӯъ кунӣ***

Он ҷое, ки бояд қавӣ бошем, мо заиф ҳастем. Пас чаро касоне, ки ба Исо ибрози имон мекунанд, чунин ҳаёти нотавонона ва содда доранд? Чаро бисёр одамоне, ки дар олами Ғарби насронӣ «машҳур» буданд «ба гуноҳ ғӯтида рафтанд»?

Вақте ки ҳаввориёни Калисоҳои аввал ногаҳон худро дучори баҳсу ҷидол дарёфтанд, ки сабаби масрафи ҳам вақт ва ҳам қувваи онҳо шуд, онҳо фаҳмиданд, ки кореро анҷом додаанд. Ба онҳо хатари гум кардани бартарии даъвати онҳо- Каломи Худо ва дуо таҳдид мекард. Барои ҳамин онҳо «ҷамоати шогирдонро» даъват карданд ва гуфтанд: «Шоиста нест, ки мо Каломи Худоро тарк карда, ба хизмати таъмини ризқу рӯзӣ машғул шавем. Пас, эй бародарон, ҳафт одами некном ва пур аз Рӯҳулқудс ва пурҳикматро аз миёни худ интихоб намоед, то ки онҳоро ба ин хизмат таъин кунем. Лекин мо бо дуо ва бо таълими каломи Худо машғул хоҳем шуд» (Аъмол 6:2-4).

***Ана дар ҳамин маврид ҳар фарзанди Худо бояд қавӣ бошад:***

Дар каломи Худо ва дар дуо. Чаро Каломи Худо? Чаро ки мувофиқи гуфтаи Исо «одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар калимае, ки аз даҳони Худо барояд» ва ин Каломи Худо аст (Матто 4:4).

Ин илҳоми илоҳист. Калимаи илҳом дар 2 Тимотиюс 3:16 аз калимаи юнонии «теопнестос» (theopnestos )гирифта шуда маънояш «Илҳоми Илоҳӣ» мебошад. Аз ин сабаб ҳам ҳаёти ман ва ҳам Дастуроти Рӯҳонӣ ба он бахшида шудаанд, ки ба одамон чӣ тарз омӯхтани Каломи Худоро ёд диҳем. Мо барои он вуҷуд дорем, ки дар Каломи Худо чунин халқи Худоро ташкил диҳем, ки ҳаёташон дар ҳурмату эҳтиром нисбати Худо гузарад.

Каломи Худо бунёди ҳама чиз дар зиндагии мо мебошад. Вақте Худо дар бораи ҳар амали додагӣ сухан мекунад ва чизеро, ки Ӯ мегӯяд ҳақиқат аст. Чизеро, ки Ӯ амр диҳад бояд бечуну чаро ба он итоат карда шавад. Худо сухан мекунад ва______ Мо бояд имон орем ва итоат кунем. ҳоло он ки масеҳият беш аз боваркунӣ ва итоаткунӣ ба фармонҳою ваъдаҳо аст. Масеҳият дин нест: ин муносибат аст. Ва муносибат ба иртибот (алоқа) ниёз дорад. Пас дуо хеле муҳим аст, чунки ба василаи дуо шумо ва ман ба Падари осмониамон иртибот дорем. Фикрҳои беҳисоберо ҳал мебоист кард, хирад ҷустуҷӯ шавад, захираҳое, ки ба онҳо эҳтиёҷ дорем, хатоҳою гуноҳо ислоҳ шаванд, муҳаббат ва қадрдонӣ алоқа дошта бошанд. Яъне, мо бояд бе ист дуо кунем. Аслан ҷанбаҳои ҳаёти ҳаррӯзаи моро дар Каломи Худо метавонист дарёфт кард, вале он ба тафсили амалӣ

эҳтиёҷ надорад. Пас, моро лозим аст ки бо Падари осмониамон сухан кунем ва ба Ӯ гӯш диҳем. Ин дуо аст.

Шогирдон бояд эҳтиёткор бошанд, мабодо онҳо банди хизмати Худо шуда Каломро, ки он Худои аз ҳама бохабар ва дуоро, ки тавассути он бо Ӯ иртибот мекунанд, тарк кунанд.

ҳангоме ки Исо бо шогирдонаш дар замин буд, онҳо мақоми дуоро дар зиндагии Ӯ диданд ва онҳо таълимоти ӯро дар бораи муҳим будани суботкорӣ дар дуо шуниданд. Яъне онҳо фаҳмиданд, ки чӣ тавр дуо кунанд, онҳо пурсиданд: «Худовандо ба мо дуо гуфтанро ёд деҳ».

Оё онҳо ба ин ниёз доштанд? Албатта! ҳақиқати ҳол он аст, ки ҳарчанд бештар шумо худро ба дуо ва Каломи Худо бахшед, муносибати шумо қавитар мешавад, ки он аз болои ҳама чизи дигар бартарӣ дорад.

Дар ин ҷо ҳам чунин аст: Ин китоби дигар барои дуо нест, ин китоби омӯзиши ҷавоби Исо ба шогирдони Ӯ мебошад, вақте онҳо гуфтанд «Худовандо! Ба мо дуо гуфтанро ёд деҳ» ва Ӯ гуфт, «вақте ки шумо дуо мекунед, чунин гӯед….»

Омӯзише, ки шумо ба он шурӯъ кардед, аллакай аз тарафи 450 000 нафар ба ҷо оварда шуд ва ҳисоботҳои муваффақиятҳои онҳо маро беҳад рӯҳбаланд карданд. Онҳо ҳаяҷоновар буданд. Ва мо инро интизор будем, чунки шумо танҳо мехоҳед ба Каломи Худо ворид шавед ва тарзи дуои Худовандро ҷуқуртар омӯзед.

Омӯзиши шумо танҳо чор ҳафта – ё бисту ҳашт рӯз давом хоҳад кард. Вале он чиро шумо меомӯзед шумо тамоми ҳаётатон истифода хоҳед бурд.

Чун шумо дар давоми ин дарсҳо ё баъди итмом аз он истифода мебаред, шумо хоҳиш мекунед, ки китобҳои дигарреро низ дар бораи дуо мутолиа намоед. Албатта дар ин мавзӯъ китоб ёфтан душвор нест. Баъзеи ин китобҳо ганҷинаҳои бебаҳо ҳастанд. Вале, китобҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки асоси инҷилии қавӣ надоранд, пас ба шумо лозим аст, ки китобҳоро бо як нуқтасанҷию борикбинӣ интихоб намоед. Гузашта аз ин, оё ба мо зарур аст, ки аз навиштаҷотҳои муқаддас ва чизеро ки онҳо дар бобати дуо таълим медиҳанд, дур равем? Ман фикр мекунам, ки не, вале ман мехоҳам шумо худатон ба хулосае оед.

Ин китоби дарсӣ бо дуое тақдим шудааст, ки Худо онро барои «мувофиқи иродаи Ӯ» дуо гуфтан ва сухани Ӯ дар шумо мондан истифода мекунад. Ба хотир биёред, ки Исо гуфта буд, « Агар дар ман бимонед ва сухани Ман дар шумо бимонад, ҳар чӣ мехоҳед, талаб кунед, ва он ба шумо дода хоҳад шуд» (Юҳанно 15:7).

Шумо метавонед ин китобро барои омӯзишҳои гурӯҳӣ, дуокунии гурӯҳӣ, дарсҳои мактабҳои Якшанбе, ё метавонед онро шахсан истифода кунед. Чӣ хеле ки шумо мехоҳед онро истифода набаред, ва баъд натиҷаи онро хоҳед дид.

## *РӮЗИ ЯКУМ*

Вақти дуокунӣ дар яке аз конференсияҳои занона дар Пресепт Министриез буд ва зане аз мо хоҳиш кард, барои як аъзои калисояш, ки ҳозир дар беморхона, аз касалии саратон азоб мекашад ва дар дами марг аст, дуо гӯем.

«Барои шифоёбиаш дуо мекунед?» гуфт зан.

Дебра Мартин, яке аз кормандони мо, он замон микрофонро идора мекард, ва ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки дуо гӯяд. Дебра бо дуокунӣ бо овози паст ва бо шармгинӣ сар кард. Ман дарк кардам, ки ӯ бо суоле дар набард аст- суоле, ки ҳамчунин дар дили ман буд: «Худовандо! Чӣ хел дуо гӯям?».

Ҳоло ман фақат мешунавам, ки баъзе «бародарон» ё «хоҳарони» мо мегӯянд, «Мубориза! Чаро мубориза! Имони ӯ куҷо? Оё ӯ имон надорад, ки Худо метавонад шифо бахшад? Оё ӯ ваъдаҳоро медонад?» Оё Навиштаҷотҳои Муқаддас намегӯянд, ки агар мо бо номи Ӯ чизеро хоҳиш кунем Ӯ онро иҷро хоҳад кард? Дар бобати ояте, ки мегӯяд «мувофиқи имони шумо дар шумо хоҳад буд?».

Бале Дебра ваъдаҳоро медонист ва ӯ медонист, ки Худо метавонад шифо бахшад ва шифо ҳам мебахшад. Масъала дар он аст, ки ӯ иродаи Худоро барои ин шахси алоҳида надонист.

«Иродаи Худо! Иродаи Худо!» Ман боз овози баъзеҳоро мешунавам. «Иродаи Худо шифо бахшидан мебошад! Шифоёбӣ барои ҳама аст, агар мо танҳо имон талаб кардани онро дошта бошем!».

Агар шумо ба ин гуфтаи охир дар ризоият сар ҷунбондед, ман медонам шумо аз куҷо омадаед, ва мо инро баъдтар дар раванди омӯзишамон мавриди омӯзиш қарор хоҳем дод. Вале ҳоло, ман намехоҳам аз мавзӯъ берун шавам, чаро ки ҳозир мо танҳо як мақсад дорем: «Худовандо! Маро дуо гуфтан ёд деҳ».

Оё Шумо ҳам дар вазъияте, ки Дебра буд, афтидаед? Агар одамон гӯянд, ки шумо ба дуо боварӣ доред, ман ҳам бо онҳо ҳамфикр ҳастам. Шумо чӣ кор кардед? Чӣ тарз шумо дуо гуфтед? Оё Худо ба дуои шумо ҷавоб дод? Шумо боварии комил доред, ки Ӯ ҷавоб дод? Ё, агар Ӯ ҷавоб дод, ин шуморо ба тааҷҷуб овард?

Ба ман имкон диҳед, ки каме бештар суол кунам, ки ҳоло мо сари ин масъалаем. То чанд шумо дар дуоҳоятон эътимоднок ҳастед? Оё шумо ягон бор боварӣ доштед, ки Худо ба дуоҳоятон посух медиҳад? Вақте ки шумо дуо мекунед, дуоҳоятон ба шакли умумӣ мисли «ҳамаро дуои хайр деҳ. Ба ҳамаи мубаллиғон (миссионер) ёрӣ деҳ. Ҳамаи маризонро шифоӣ бахш» мебошанд? Шумо метарсед, ки ба тарзи махсус дуо кунед, то ки аз Худо ҷавоби муайянеро пурсед?

Оҳ, дӯстам, бовар кунед, ки ман шуморо мефаҳмам. Ман он ҷо будам. Чун ман он ҷо будам, шумо муқобил нестед, ки ман якчанд суоли дигар пурсам?

Оё шумо ягон бор ҳангоми доварии дигарон ва ҷавоби онҳо ба дуо дар тарсу харос будед. Оё шумо худро ҳамчун инкоршуда ҳис мекардед, чунки шумо ин хел ҷавобҳо нагирифтед? Оё ин шуморо рашкманд, ҳасудомез… ва ё тамоман асабонӣ мекунад? Оё ба шумо тааҷҷубовар аст, ки шумо чӣ хел дуо карданро медонед? Оё Шумо аз дуоҳоятон ноумед шудаед ё не? Шумо китобҳоро дар бораи дуо мехонед ба ҳаяҷон меоед ё худро маҳкум мекунед, бо садои баланд сар мекунед ва баъд овозатон паст мешавад.

Дили худро тақдис намоед. Боз як бори дигар гуфтаниям ки ман мефаҳмам. Ва ҳарчанд ман намехоҳам он гоҳе, ки вақти дуо расид, пеш бошам. Ман метавонам бо шумо принципҳоро аз Каломи Худо бо ҳам бинем, ки онҳо ба мо барои он ки дуоямон таъсирнок шаванд ва ҷавобро пайдо кунанд зарур ҳастанд. Инҳо асос ҳастанд. Онҳо оддӣ ҳастанд. Онҳо инҷилӣ ҳастанд. Пас онҳо амал мекунанд. Ба шумо танҳо амалия зарур аст!

Ирода! Хуб! ҳоло бошад дар пеши Худо муайян кунед, ки шумо он чиро, ки оғоз кардед ба анҷом хоҳед расонд? Ё дигар карда гӯем, маълум кунед, ки шумо бисту ҳашт рӯз дар пеши пои Ӯ хоҳед гузаронд, ва онро хоҳед омӯхт вақте Ӯ мегӯяд, «Пас, ба ин мазмун дуо гӯед…?» (Матто 6:9) ва дар ин ҳол Ӯ чиро дар назар дорад.

Имрӯз вазифаи шумо хондани оятҳои зерин аз 1 Юҳанно мебошад. Баъди хондан ман ба Шумо мегӯям чӣ кор бояд кард.

«Ва ҷуръате, ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад. Ва агар донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад, онро низ медонем, ки он чӣ аз Ӯ талаб кардаем, меёбем» ( 1 Юҳанно 5:14-15).

Мувофиқи ин оятҳо агар шумо чизеро, ки иродаи Худо бошад талаб кунед, шумо метавонед фаҳмед, ки Ӯ шуморо мешунавад ва ба дуоҳоятон ҷавоб медиҳад.

Ин иродаи Худо барои шумо аст, ки чӣ тарз дуо гуед? Баъд ба василаи дуо ба пеши Худо равед, ба Ӯ гӯед, ки нoвобаста аз дуо шумо чӣ мехоҳед. Ваъдаҳои ӯро ба Ӯ нишон диҳед, ва онҳоро талаб кунед.

Дуои худатонро нависед. Онро оддӣ, кӯтоҳ ва ба мақсад наздик нависед. Худо хубтар намешунавад, агар мо дарозтар дуо гӯем!

## *РӮЗИ ДУЮМ*

Бисёр вақтҳо шумо мешунавед, «Дуои боисрори шахси, одил қуввати бузург дорад» (Яъқуб 5:16). Ин чӣ маънӣ дорад? Ва боз Яъқуб мегӯяд, «Ильёс шахсе буд монанди мо, ва дуо гуфт, ки борон наборад, ва се солу шаш моҳ дар рӯи замин борон набуд. Ва боз дуо гуфт, ва осмон борон дод, ва замин самараи худро ба вуҷуд овард» (Яъқуб 5:17-18).

Лаҳзае, чун мо шунидем «Ильёс шахсе буд монанди мо» рӯҳбаланд шудем. Вақте ки мо инро мехонем умедамон пур мешавад. Агар Ильёс инсони оддӣ ба мисли мову шумо мебуд ва дуоҳояшон қабул шуданд, пас барои мо умед аст! Албатта ин умеди мо то он замонест, вақте мо мехонем, ки ин одам муддати се солу шаш моҳ  ба осмон дуо кард! Ва дуояш дар ин ҷо анҷом напазируфт! Ильёс бо дуо осмонро на танҳо пӯшонд, балки бо ҳамон роҳ онро кушод.

Умедамон ширин буд, вақте он давом дошт, вале он дигар нест. ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ гоҳ, осмонро на танҳо пӯшонд, балки бо ҳамон роҳ онро кушод.

Умедамон ширин буд, вақте он давом дошт, вале он дигар нест. ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ гоҳ мо наметавонем ин хел дуо гӯем! «Не, на ман. На масеҳии оддӣ ба мисли ман», шояд шумо фикр мекунед. «Ин дуокуни муқаддаси олӣ аст, вақте ки шумо дуо мекунед ва ба ин тарз ҷавоб гиред!»

Оё ин мақсади Худо буд, ки Яъқуб ин суханҳоро сабт кунад? Онҳо суханҳои рӯҳбаландӣ ё ноумедианд? Оҳ, дӯстам, ман медонам, ки инҳо суханҳои умед ва рӯҳбаландӣ ҳастанд. Худо маро чунин дидан мехоҳад, ки мо одамони оддӣ- ба монанди ман ва шумо- ба василаи дуо корҳои ғайриоддӣ анҷом дода метавонем.

«Вале чӣ хел?» мепурсед шумо.

«Чӣ хел?» ана ин савол аст. Ва Каломи Худо ҷавоб дорад. Ва ману шумо саъю кӯшиш кунем онро тавассути панду насиҳат паи панду насиҳат, сатр паи сатр, каме ин ҷо ва каме он ҷо ҷустуҷӯ намоем, то ин ки то ба охир расидани ин бисту ҳашт рӯз шумо ба таври амиқ бидонед, ки дуоро чӣ тарз таъсирнок гуфт.

Саъю кӯшиш барои дуо кофӣ нест. қонунҳои дуо мавҷуд ҳастанд қонунҳо дар Каломи Худо мебошанд. Вақте ки мо ин дарсҳоро хатм мекунем мо ин қонунҳоро хоҳем донист. Агар қудрати Ильёс дар дуо шуморо ҳайрон кард, андеша кунед, ки шогирд бояд худро чӣ тарз ҳис кунад, вақте ки қудрати дуои Худовандро ҳис кунад. Барои ҳамин онҳо мегӯянд, «Худовандо! моро дуо гуфтан ёд деҳ…» (Луқо 11:1).

Пас рӯҳафтода нашавед. Дуоро омӯзондан мумкин аст. Чун онро метавон омӯзонд, онро ҳамчунин метавон омӯхт!

Барои ҳамин Исо ҷавоб дод, «Вақте ки дуо мегӯед, чунин бигӯед…» (Луқо 11:2).

Порчаи зеринро аз Луқо 11:1-10-хонед. ҳангоми хондан дар бораи он фикр кунед, ки чаро Исо тасвирҳоеро интихоб кард, ки Ӯ дар оятҳои 5-8 истифода бурдааст.

Чун наздики Ерусалим, ба Байт-Фоҷӣ ва Байт-ҳинӣ, бар кӯҳи Зайтун расиданд, Ӯ ду шогирди Худро фиристода. Ба онҳо гуфт: «Ба ин деҳа, ки рӯ ба рӯи шумост, биравед, чун даромадед, харкурраеро баста меёбед, ки ҳануз касе бар он савор нашудааст; онро воз карда, ин ҷо биёред». «Ва агар касе ба шумо гӯяд: «Чаро чунин мекунед?», ба ҷавобаш бигӯед, ки Худованд ба он эҳтиёҷ дорад, ва дарҳол онро ба ин ҷо мефиристад». Онҳо рафта, курраро ёфтанд, ки дар кӯча назди дарвозае бастагӣ буд, ва онро воз карданд. Баъзе касоне ки дар он ҷо истода буданд, ба онҳо гуфтанд: «Чӣ кор доред, ки курраро воз мекунед?» Ба ҷавоби онҳо он чиро гуфтанд, ки Исо фармуда буд, ва онҳоро ба ҳоли худ гузоштанд. Ва курраро назди Исо оварда, ҷомаҳои худро бар он афканданд, то бар он савор шуд. Бисёр касон ҷомаҳои худро бар роҳ густурданд, ва дигарон шохаҳои дарахтонро бурида, бар роҳ густурданд. Ва онҳое ки аз пеш ва аз пас равона буданд, хитоб мекарданд.

«Ҳӯшаъно!
Муборак аст Он ки ба исми Худованд меояд!
«Муборак аст малакути Падари мо Довуд, ки ба исми Худованд меояд!
ҳӯшаъно дар арши аъло!» (Луқо 11:1-10)

Нависед, ки чаро Исо дар оятҳои 5-8 тасвирҳоро истифода кард.

Дуо кардан осон нест. Дуо илм аст, ва илм суботкориро талаб мекунад. Дар ин порча, феълҳои талаб кардан, ҷустуҷӯ кардан, ва дарро кӯфтан, дар замони ҳозира омадаанд, ки аъмоли давомдор ё доимиро мефаҳмонад. Чаро Исо ба мо мегӯяд, ки мо пурсидан, ҷустуҷӯ кардан ва дар кӯфтанро давом диҳем? Чаро Худо ба хоҳишҳои мо дар вақти кӯтоҳ ҷавоб намедиҳад? Оё шумо андеша

мекунед, ки мумкин ин моро дар ҷамоати доимӣ нигоҳ медорад ва моро дар ин раванд суботкорӣ меомӯзад?

## *РӮЗИ СЕЮМ*

«Худовандо! Дуо гуфтанро ба мо ёд деҳ, чунон ки Яҳьё низ ба шогирдонаш ёд додааст» (Луқо 11:1). Ваҳ, чӣ суханҳои пур-арзишанд, ва онҳо ба ман нишон медиҳанд, ки дуо маҳорат аст ва онро метавон омӯхт. Агар дуо маҳорат бошад, пас ман метавонам онро бо мурури замон ва таҷрибаҳо инкишоф диҳам.

Ман фикр мекунам, ки мо бисёр вақт рӯҳафтода мешавем чун дар бораи имон ва ҳаёти дуоҳои дигар мешунавем. Мо чунин фикр мекунем, «Ман ба ин ноил нахоҳам шуд**»**. Яъне мо пеш аз оне, ки оғоз кунем заифу маъюс мешавем. Ё мо худамонро бо дигарон муқоиса мекунем. Мо дар бораи одамони муқаддас мехонем, ки соатҳо, рӯзҳо, шабҳоро бо дуо мегузаронанд ва мо ҳатто наметавонем, ки даҳ, бист, ё сӣ дақиқа дуо гӯем. Пас чӣ хел мо метавонем ҳар рӯз соатҳо дуо гӯем, дар бораи рӯзҳою шабҳо ҳатто ҳоҷати гап ҳам нест. Мо ҳис мекунем, ки мо ҳаргиз чунин наметавонем, ва мо сар накарда аз он даст мекашем.

Вале шумо метавонед ноил шавед! Фақат бифаҳмед, ки он оҳиста-оҳиста бо дониш, бо ҷидду ҷаҳд, бо мурури замон ва бо тайриба хоҳад омад. Онҳо Исоро ҳангоми дуокунӣ диданд (Луқо 11:1), ва онҳо фаҳмиданд, ки Ӯ медонад чӣ хел дуо гӯяд. Онҳо ташнаи донистани тарзи дуокунӣ буданд, барои ҳамин онҳо пеши Донанда рафтанд.

Ин ҷое аст, ки ман ва шумо рафтанӣ ҳастем: ба пеши Донанда, Худованд Исои Масеҳ, Каломи Худ. Мувофиқи матни Луқо 11, Исо ба талаби шогирдонаш ҷавоб гардонд, ки мо онро «Дуои Худованд» ном мебарем. Вақте ки Ӯ ба онҳо ин дуоро тақдим намуд, оё Исо онро дар назар дошт, ки шогирдон танҳо дуоро паи ҳам такрор ба такрор гӯянд? Оё Ӯ гуфта буд, ки гуфтани ин суханҳо роҳ ба сӯи дуо аст? Не. Ва Исо гуфта буд, «Вақте ки дуо мегӯед, чунин бигӯед. Ӯ гуфт. «Вақте ки шумо дуо мегӯед, пургӯӣ накунед» (Матто 6:7,9)».

Пас Дуои Худованд маънои онро надорад, ки онро аз рӯи одат такрор ба такрор гӯем. Исо он тарзи дастурамалеро истифода бурд, ки кашишони он вақта ба кор мебурданд. Ӯ ба шогирдон намунаи дуокуниро омӯзонд.

Намунаи дуоҳо ҷамъи ҷумлаҳои кӯтоҳ мебошанд, ки ҳар кадомаш мавзӯъеро барои дуо тақдим мекунад. Ман ба мисли дигарон боварӣ дорам, ки Дуои Худованд ба мо дар шакли мавзӯи ҷузъи таркибӣ, барои дуои таъсирнок нишон медиҳад. Дар Каломи Худо шогирдон ба Исо гуфтанд, «Ба мо дуо гуфтанро ёд деҳ». Исо ба онҳо чунин ҷавоб дод. «Пас ба ин мазмун дуо

гӯед» (Матто 6:9). Барои ҳамин, мувофиқи намуна ё нақшаи Дуои Худованд дуо гуфтан, дуои таъсирнок аст ва он фоидаи зиёде дорад.

Чаро шумо бо Худо аҳд намебандед, ки бе шикаст дар бисту панҷ рӯзи дигар барои дуо вақти махсусеро ҷудо мекунед? Ба Ӯ гӯед, ки шумо ба пеши Ӯ ҳамчун шогирд меоед. Ба Ӯ бигӯед, ки агар Ӯ ба шумо кӯмак накунад дигар ҳеҷ умеде нест! ҳангоми дуокунӣ, бо Ӯ дар бораи он чизеро, ки шумо омӯхтед ҳарф занед. Худатонро бо дигарон муқоиса накунед, ё кӯшиши ба тарзи ҳаёти дуои онҳо зиндагӣ кардан накунед. Фақат  шумо ва Худо, писар ва Падар ҳастед.

Ӯ интизор аст ва ташнаи гузарондани вақт бо шумо мебошад.

## *РӮЗИ ЧОРУМ*

Оё ин оличаноб намебуд, агар ҳар гуфтаҳои муҳими дуоро ба якчанд ҷумлаҳои содда фишурда намоянд, то ин ки онҳоро метавон осонакак дар хотир нигоҳ дошт? Ва баъд дар кадом ҳолате, ки набошед, шумо метавонед ин гуфтаҳои муҳимро ба ёд оваред ва онҳоро барои иртибот бо Падар ба тарзи пурмаънӣ истифода баред.

Оҳ, дӯстам, боре агар шумо дуо гуфтанро ёд гирифтед, бифаҳмед, ки аз донистани он ки ҳангоми дуо шумо ба лаби ҷомаи Ӯ даст расондед, чизи дигаре ширинтар нест. Ин шифоёбӣ аст! Ин азнавшавӣ аст! Ин ба шумо сулҳу осоиш ва самимият меорад, ва он ба мисли марҳаме бар рӯҳи шумо ҷорӣ мешавад.

Вале метавон ҳамаи ҳақиқатҳои дуоро дар якчанд ҷумлаҳои кӯтоҳ ва содда ҷамъ намуд? Бале! Онҳоро метавон ҷамъ намуд! Онҳоро ҷамъ карданд! Худованди мо ин корро кард, вақте ки Ӯ ба мо Дуои Худовандиро тақдим намуд. Чӣ хеле, ки ман дирӯз гуфтам Дуои Худованд ин маҷмӯъи ҷумлаҳои намунавианд, ки ҳама ҷиҳатҳои дуоро дар бар мегиранд. Пас ҳангоме, ки ҷумларо паи ҷумла, гуфтаро паи гуфта мехонед шумо тамоми ҷанбаҳои дуоро аз худ мекунед. Ҳамаи талаботҳо барои дуо, ҳамаи ҷиҳатҳои парастиш ва ҳамду саногӯӣ, ҳамаи лаҳзаҳои ҳомигӣ (тарафгирӣ) ва арзагӯӣ дар Дуои Худованд омадаанд. Ин намунаи ҳақиқиест барои ҳамаи дуоҳо. Оҳ, чӣ ганҷинаи бузургеро Худованди мо ба шогирдонаш ва ба мо тақдим намуд, вақте ки онҳо гуфта буданд, «Худовандо! Ба мо дуо гуфтанро ёд деҳ”.

Имрӯз мо ин мисоли дуоро ҷумла ба ҷумла таҳлил хоҳем кард. Чун мо дар як вақт ба як панд нигоҳ мекунем, ман шуморо ба Навиштаҷоти дигар хоҳам бурд, ки ҳар панди махсусро, васеъ мекунад, рӯшан мекунад, тасвир мекунад ё бо далел исбот мекунад.

Ман намехоҳам шумо танҳо хонандаи ғайрифаъоли ҳақиқат бошед. Ба шумо лозим аст, ки ҳангоми омӯзиш фаъолона ширкат варзед. Яъне, агар ба шумо чизе карданро фармуданд пас онро ба ҷо оваред. Ман инро шукргӯӣ ном мебарам. Ин кори вазнин нест. Ин омӯзише аст ки ба шумо кӯмак мекунад то ҳақиқатро дар қалбатон маҳкам кунед. Пас биёед сар кунем!

Дуои Худованд аз Матто 6:9-13 бароятон дар саҳифаи оянда сабт шудааст. Онро хонед. Ва баъд дар бораи он андеша кунед.

Аз Худо талаб кунед, ки ба шумо нишон диҳад, ки кадом мавзӯъҳо ё сарлавҳаҳо барои дуо дар ин намунаи дуо нишон дода шудаанд. Чун шумо мехонед, дар атрофи ҳар ҷумла қавсҳоро монед ва баъд барои мавзӯъ сарлавҳа нависед. Мисол:

**Таслим ба Иродаи Худо**

| Сарлавҳаи шумо |
|---|

Пеш аз он, ки сар кунам, иҷозат диҳед як чизи муҳимро бароятон гӯям: Дар бораи бофаросатӣ ва суханпардозии сарлавҳаҳо хавотиромез набошед. Дар бораи истифодаи аллитерация (услуби шеърнависӣ, ки барои афзудани таъсири сухан кали маҳоеро интихоб мекунанд, ки дар онҳо овозҳои ҳамсадо такрор шаванд), фикр накунед, ки ҳамаи сарлавҳаҳоро ба як ҳарф оғоз намоед. Ин нуқтаи асосӣ нест. ҳоло шояд шумо пай бурдед, ки дар навиштаҷот ё гуфтаҳои ман ҳеҷ суханпардозӣ нест, ҳоло он ки Худо онро истифода бурдааст. Пас роҳат кунед. Бигузор Худо ба шумо фаросат бахшад. Баъд он чизеро, ки дар дуо омӯхтед, дар амал татбиқ кунед.

## *РӮЗИ ПАНҶУМ*

Дирӯз ҳангоми таҳлили ҳар намунаи ҷумлаҳои Худованди мо чиро дарк кардед? Ба ман иҷозат диҳед, ки он чиро ман дарк кардам бо шумо ба ҳам бинам.

| **МАВЗӯЪ** | **НАМУНАИ ҶУМЛА** | **САРЛАВҲА** |
|---|---|---|
| **Парастиш** | *Эй Падари Мо ки дар осмонӣ, Исми Ту муқаддас бод* | **Парастиши Падар** |
| **Боварӣ** | *Малакути Ту биёяд* | **Боварӣ ба соҳибихтиёрии Худо** |
| **Таслимшавӣ** | *Иродаи Ту чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд* | **Таслимшавӣ ба иродаи Ӯ** |

| | | |
|---|---|---|
| **Арз ва ҳомигӣ** | *Ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ* | |
| **Иқроршавӣ** | *Ва қарзҳои маро бибахш, чунон ки мо низ ба қарздорони худ мебахшем* | **Иқроршавӣ ва бахшиши қарзҳо** |
| **Раҳоӣ** | *Ва маро ба озмоиш дучор накун, балки моро аз иблис раҳои кун* | **Ҳушёрӣ ва раҳоӣ** |
| **Парастиш** | *Зеро ки малакут ва қувват ва ҷалол то абад аз они туст Омин* | **Парастиш** |

Ҳарчанд сарлавҳаҳои мо метавонанд ба тарзи гуногун ба қалам дода шаванд, ман чунин андеша мекунам, ки Дуои Худованд ҳамаи ин мавзӯъҳои асосӣ ва ҳама фарогирандаро дар бар мегирад. Ва ҳар сухани Каломи Худо оиди мавзӯи дуоро метавон зери яке аз ин ҷумлаҳои намунавӣ вогузошт. Дуои Худовандро бофаҳмона гуфтан ҳамаи мавзӯъҳои дуоро фаро мегирад. Пас, агар шумо ин дуоро аз ёд мекунед, калиди дуои таъсирнок дар дастатон хоҳад буд.

Барои ба шумо кӯмак кардан, мо ин дуоро ҷумла ба ҷумла, таҳлил хоҳем кард. То ҳоло, мо танҳо зоҳири дуоро даст задем! Вале, фақат бисту се рӯзи дигар мондааст! Вале он чизеро мо дар ин бисту се рӯз хоҳем кард, барои ҳаёти шумо бунёди мустаҳкаме хоҳад буд. Баъд шумо метавонед ҷумлаҳои мураккабтарро созед ва бошукӯҳу олӣ будани онҳо ба хоҳиши шумо вобастагӣ дорад. ҳамчунин ин ба он вобаста ҳаст ки то чанд шумо метавонед худатонро ба дуо ва рӯҳонияти Калом (Аъмол 6:4) бахшед. Дуо ва Калом асоси масеҳият мебошад. ҳамаи хизматҳои ҳақиқӣ барои Малакут решаашро дар онҳо пайдо мекунанд.

Ҳозир ман мехоҳам шумо дар бораи «Эй Падари мо, ки дар Осмонӣ» андеша намоед. Чаро Исо ба ин тарз шурӯъ кард? Дар бораи ин фикр кунед ва пеш аз он, ки ба дарсҳои дигар сар кунед ҷавобатонро рӯи коғаз оред. Дар хотир нигоҳ доред, ки инҳо рӯзҳо…рӯзҳои омӯзиш тавассути ширкати фаъолона мебошанд. ҳеҷ гоҳ бештар аз оне ки коридед, ҳосил ҷамъ нахоҳед кард!

Дуои ҳақиқӣ ин алоқа бо Падар мебошад. Он гоҳе, ки шумо бо парастиш, тарафгирӣ, арзагӯӣ, ё сипосгузорӣ сару кор доред, ҳамаашон ба Худо, ба Падар нигаронда шудааст.

Дар Ибриён 11:6 омадааст; «Аммо бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест, зеро ҳар ки сӯи Худо меояд, бояд имон дошта бошад, ки Ӯ ҳаст, ва ба толибони Худ мукофот хоҳад дод». Чӣ тарз Ибриён 11:6-ро бо панди кушодашавӣ ҳангоми дуо муқоиса кард?

Оё шумо мулоҳиза кардед, ки Ибриён 11:6 бо суханони; «Аммо бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест?» Яъне имони на танҳо ба Худо писанд омадан, балки инчунин ба пеши Ӯ омаданро фаро мегирад. Аммо имон чист? Он дар Ибриён 11:1 чунин маънидод шудааст: «Имон эътиқоди қавӣ ба чизҳоест, ки мо ба онҳо умед мебандем, ва боварӣ ба чизҳоест, ки намоён нестанд».

Дуо бо гуфтугӯ кардан бо Худо сар мешавад, ҳарчанд шумо ӯро ҳаргиз дидагӣ нестед, дар ин ҷо – Худо «барои онҳое, ки дар ҷустуҷӯи Ӯ ҳастанд музд мебошад». Аз ҳамаи он чизе, ки мо имрӯз гуфтем, оё шумо метавон пай бурд, ки бунёд, ҳақиқати аслии ҳамаи дуоҳо имон ба Худо мебошад?

Ва Ӯ чӣ тарз Худо аст? Ӯро дар Матто 6:9 чӣ хел ном мебаранд? «Падари мо».

Дӯстам, оё инро пай бурдед? Шумо ба пеши Подшоҳи дур, дастнорас ва бетафовут нахоҳед рафт: Шумо ба пеши Падар, Падар бо фарзандон, Падаре, ки дӯст медорад, ғамхорӣ мекунад, Падаре, ки мехоҳад бо фарзандонаш рафоқат дошта бошад. Пас биёед лаҳзаеро дар гуфтугӯ бо Ӯ гузаронем, чуноне ки фарзанд бо падари худ сухан мекунад.

«Вале кай» мегӯед шумо, «падари ман ҳеҷ гоҳ бо ман гуфтугӯ накард, ҳеҷ гоҳ маро ғамхорӣ накард, пас чӣ хел ман метавонам бо Худо ҳамчун Падар гуфтугӯ кунам?» ҳарчанд шумо ин хел падар дошта бошед, оё шумо мехостед падаре дошта бошед, ки шуморо дӯст дорад, ғамхорӣ кунад, дастрас бошад? Албатта шумо мехостед. Бале Ӯ дар он ҷо, дар осмонҳо, интизор аст, ки шумо бо Ӯ гуфтугӯ кунед.

Ҳамаро бо овози баланд гӯед. Гӯед, ки шумо дар бораи Ӯ ҳамчун Падар чӣ андеша доред. Ба Ӯ дар бораи тарсу бими худ, умедҳои худ, интизориҳои худ нақл кунед. Гӯед, ки шумо барои муносибат бо Ӯ майл доред. Баъд пурсед, ки Ӯ чӣ майл дорад… ва бодиққат гӯш кунед. Ба Ӯ вақт диҳед то сухан гӯяд, сипас он чизе, ки ба хотират меояд онро рӯи коғаз оваред.

## *РӮЗИ ШАШУМ*

Падари мо… Ӯ чӣ хел ҳаст? Кашфи ҷавоб ба ин суол дуоҳои шуморо хеле афзун хоҳад кард.

Агар шумо хоҳиши донистани ӯро доред, ки Ӯ чӣ тарз содиқона аст, шумо бояд Каломи Худоро истифода баред. Ва шумо хоҳед донист, ки чаро миқдори каме ӯро дар ҳақиқат ҳам мешиносанд? Мо Падари Худ ва роҳҳои ӯро нахоҳем фаҳмид, агар мо донишҷӯёни Каломи Ӯ набошем. Мо бояд омӯзем то ин ки

худамонро ба Худо муносиб нишон диҳем (2  Тимотиюс 2:15). Агар мо Худои худ ва роҳҳои ӯро надонем, дуоҳҳои мо беқувват ва бетаъсир хоҳанд  шуд. Мо барои Худои худ ҳеҷ чизи бузург намеоварем, агар мо бузургии ӯро намедонем. Мо аз Худо талаб намекунем, ки корҳои инсонро иҷро кунад, то он замоне, ки мо роҳҳои ӯро бо халқ ва ваъдаҳои ӯро дар муносибат ба корҳои инсон дарк намоем.

Биёед дар ин ҷо лаҳзае таваққуф кунем ва ман ба шумо тасвиреро пешниҳод мекунам. Ба ёд оред, ки чӣ тарз Илёс ба василаҳо дуо осмонро кушоду сипас пӯшонд? Даҳшатнок ҳамин хел не? Оё шумо ҳайрон нашудед, ки Ильёс дар куҷо ба чунин имон ноил шуд, агар ӯ одами оддӣ буд? Хуб, Ильёс китоби Шариати Мусоро медонист. Ильёс ҳамчунин Худои худро медонист. Ӯ медонист, ки Худо ба Каломи худ содиқ ҳаст.

Вақте ки Ильёс дар пеши подшоҳи бадкор Аҳъоб истода гуфт; «Ба ҳаёти Худованд Худои Исроил, ки ба ҳузураш  истодаам, касам мехӯрам, ки дар ин солҳо шабнам ва борон нахоҳад борид, магар ки бар тибқи каломи ман». Ӯ фақат аз Каломи Худо истифода мекард. Дар такрори шариат 28, Худо мегӯяд, ки Ӯ ин корро хоҳад кард, агар халқи Ӯ аз итоат ба Каломи Ӯ рӯй гардонанд. Яке аз аъмоле, ки Худо гуфт, ки онро хоҳад кард ин хел буд « Худованд борони заминатро ғубор ва хок хоҳад гардонид, ва он аз осмон бар ту фуруд хоҳад омад, то даме ки несту нобуд шавқ. Ва осмони ту, ки болои сари туст, монанди мис хоҳад гардид, ва замине  ки зери пои туст- монанди оҳан» (такрори шариат 28:24, 23).

Ильёс худаш одами ғайримуқаррарқ набуд. Ӯ одами оддӣ бо табиати мисли мо буд. Ӯ дар дуо қудрат дошт, чунки Ӯ Худояшро мефаҳмид, Ӯ Каломи Худояшро мефаҳмид, ва Ӯ медонист чӣ хел ин Каломро дар дуояш талаб кунад. ҳангоме, ки одамон баъди сеюним сол тавба карданд, Ильёс аллакай медонист, ки чӣ кор кард. Ӯ дуо кард ва ваъдаи Худоро барои борон додан дар ивази итоаткорӣ талаб кард. Ва борон омад!

Дӯстам, агар мо фақат мефаҳмидем, ки тавоноии дуоҳои мо аз фаҳмидани Падари мо, ки дар Осмон аст ва дарк кардани он, ки «ҳар як инъоми нек ва ҳар як бахшоиши комил аз боло, аз ҷониби Падари нурҳо нозил мешавад, ки дар Ӯ таъғироте ва ҳеҷ дигаргуние мавӣуд нест» (Яъқуб 1:17).

Ба ман иҷозат диҳед, ин ҳақиқатро бо дуое аз Аҳди қадим тасвир кунам. 2 Вақоеънома 20:1-12-ро хонед. ҳангоми хондан диққат диҳед, ки Еҳушофот дар бораи Худо чиро медонад.

Ва баъд аз он чунин воқеъ шуд, ки бани-Муоб ва бани-Аммун, ва бо онҳо баъзе аз мауниён ба муқобили Еҳушофот барои йанг омаданд. Ва назди Еҳушофот омаданд ва хабар дода, гуфтанд: «Анбӯҳи бузурге аз он тарафи баҳр, аз Арам ба муқобили ту меоянд, ва инак, онҳо ба ҳасасун-Томор, ки ҳамон Айн-йадӣ бошад,

расидаанд». Ва Еҳушофот ба харос афтод, ва ба мадади Худованд рӯй овард, ва дар тамоми Яҳудо рӯзадорӣ эълон кард.

Ва аҳли Яҳудо йамъ шуданд, то ки аз Худованд мадад пурсанд, аз ҳамаи шаҳрҳои Яҳудо низ омаданд, то ки аз Худованд мадад пурсанд. Ва Еҳушофот дар миёни йамоати Яҳудо ва Ерусалим, дар хонаи Худованд, пеши саҳни нав истода. Гуфт: «Эй Худованд Худои падарони мо! Ту охир, Худо дар осмон Ҳастӣ, ва Ту бар ҳамаи мамлакатҳои қавмҳо салтанат меронӣ, ва қувват ва иқтидор дар дасти Туст, ва касе нест, ки тавонад пеши Ту истодагӣ намояд. Ту, охир, эй Худои мо, сокинони ин заминро аз пеши қавми Худ Исроил бадар рондаӣ, ва онро ба насли дӯсти Худ Иброҳим ба сурати абадӣ додаӣ. Ва онҳо дар он сокин шуданд, ва барои Ту қудсе ба исми Ту дар он бино карда, гуфтанд: «Агар мусибате, шамшери йазодиҳандае, ё вабо ва қаҳтӣ бар мо биёяд, мо пеши ин хона ва пеши Ту,чунки исми Ту дар ин хона аст, -биистем ва сӯи Ту дар тангии худ истиғоса барем, ва Ту иҷобат намуда наҷот хоҳӣ дод». Ва алҳол, инак, бани-Аммун ва Муоб ва кӯҳи Сеир, ки Ту ба Исроил, вақти аз замини Миср омаданашон, иҷозат надодӣ, аз кишварҳои онҳо убур намоянд, бинобар ин аз пеши онҳо давр зада гузашта, онҳоро несту нобуд накарданд. Инак, онҳо подоши инро ба мо медиҳанд, яъне мехоҳанд, ки омада, моро аз меросе ки ба тасарруфӣ мо додаӣ, бадар ронанд. "Эй Худои мо! Худат онҳоро доварӣ намо, зеро мо қувват надорем, ки пеши анбӯҳи бузурге ки ба муқобили мо меоянд, истодагӣ намоем, ва мо намедонем чӣ кор кунем, балки чашмони мо ба сӯи Туст». Чӣ тарз Еҳушофот донистани Худоро дар дуояш истифода бурд (2 Вақоеънома 20:1-12).

## *РӮЗИ ҲАФТУМ*

Агар Дуои Худованд барои ҳамаи дуоҳо намуна аст, ба василаи он мо метавонем ҳақиқатҳои муҳимро роҷеъ ба баъзе шартҳои лозимӣ барои дуои таъсирнок биомӯзем.

Дар ҷумлаи якум «Эй Падари мо, ки дар осмонӣ, исми Ту муқаддас бод», Исо ду зарурияtro барои дуо нишон додааст.

Якеашро мо имрӯз мавриди таҳқиқ хоҳем гирифт.

Дуюмашро Рӯзи нӯҳум аз назар хоҳем гузаронд.

Ва чун мо ҷумлаҳои дигарро меомӯзем, шумо шартҳои зарурирo барои дуо хоҳед фаҳмид.

Дуо бо парастиши Падар сар мешавад.

Касеро парастиш кардан ин арзишу қиммати ӯро эътироф кардан, ва ҳурмату эҳтироми ӯро ба ҷо овардан аст. Барои ҳамин Исо моро аз олӣ будани

Худо, он Яке ки дар осмон зиндагӣ мекунад ва касе, ки ҳамаи корҳои оламро назорат мекунад (Дониёл 4:34-35) огоҳ месозад. Номи Ӯ муқаддас бод, Ӯ ҳамчун муқаддас аст, аз ҳамаи дигарҳо Ӯ бештар сазовори ҳурмату эҳтиром мебошад.

Чаро? Чунки Падари мо аз инсон тамоман ҷудо ҳаст. Ӯ инсон нест Ӯ бештар аз инсон аст. Ӯ Худо аст. Пас чун шумо дар дуо ба пеши Худо меоед, шумо ба пеши он Яке меоед, ки аз шумо бузургтар ва тавонотар аст. Парастиши Он тавоно зарурияти аввали дуо аст.

Фароизи Худоро ба хотир оред, «Исми Худованд Худои Худро беҳуда ба забон нагир, зеро ки Худованд касеро, ки исми ӯро беҳуда ба забон мегирад, бейазо нахоҳад гузошт» (ҳуруӣ 20:7). Хуб, агар номи Худовандро бо ягон мақсад ба забон гирем, пас ин тақдискунии номи ӯст!

«Номи Худованд, на танҳо маънии як сарлавҳа дорад, балки ҳамаи он чизе, ки ба василаи онҳо Ӯ Худашро зоҳир мекунад ва Худро нишон медиҳад дар бар мегирад» гуфтааст як шорех (тафсирдиҳанда).

Пас, одамизод номи Худовандро он вақт беҳуда ба забон мегирад, агар ба Ӯ имон надорад, ӯро инкор мекунад, ё ҳақиқатро дар бораи Худо таҳриф мекунад.

Дӯстам, бубинед, ки номҳои Худо аз хислати Ӯ шаҳодат медиҳанд. Агар шумо номи ӯро муқаддас гардонед, пас шумо эътироф кардед, ки Ӯ кист ва мувофиқи гуфтаҳо рафтор намоед.

Агар шумо гӯед, ки «Мебахшед, ман боварӣ надорам, ки Худо офаридгор ҳаст», ё «Ман бовар кардан наметавонам, ки Худо эҳтиёҷотҳои маро ҳақиқатан ҳам таъмин мекунанд», пас шумо номи Ӯро тақдис намекунед, Шумо номи Ӯро беҳуда бо андешаҳои барғалат дар бораи Ӯ ба забон мегиред.

Дар бораи ин фикр кардан ҷоиз  ҳаст, ҳамин тавр не? Бисёриҳо, ки дар бораи беҳуда ба забон гирифтани номи
Худованд  ҳаргиз фикр намекунанд, бо қасам хӯрдан ё бо суханҳои ғайрийиддӣ, забони ғайриодобӣ (сленга) вақте хислати ӯро инкор ё зери шубҳа қарор медиҳанд, нисбат ба номи Ӯ беҳурматӣ зоҳир мекунанд.

Ба ман иҷозат диҳед, то баъзе номҳои Худоро бо шумо бо ҳам бинам, ва баъд шумо метавонед ҳамчуноне, ки мехоҳед ӯро эҳтиром кунед. Агар шумо вақт дошта бошед, хуб мешуд Китоби Муқаддасро аз назар гузаронед, ва ишораҳоеро, ки ин номҳо истифода шудаанд бинависед, то ин ки аз матн бифаҳмед чӣ хел дар ҳар ҳолати алоҳида Худо табиати Худро зоҳир мекунад.

«Исми Ӯ қуддус ва саҳмгин аст» (Забур 111:9). Ба номҳои Ӯ ибодат кунед… онҳоро дар хотир нигоҳ доред… ва онҳоро тақдис кунед.

Номҳои Худоро йуқуртар омӯзед. Барои кӯмак, шумо метавонед китоберо бо номи “Худовандо, Ман мехоҳам Туро донам” хонед. Ман ин китобро дар бораи номҳои Худо баъд аз оне ки худам бори аввал Дуои Худовандро омӯхтан сар кардам навиштам, чунки ман фикр кардам, «Падар чӣ хел мо метавонем номи Туро бо тамоми Ҳастӣ тақдис кунем, агар мо онро надонем?» Ва ҳамин хел ин омӯзиш тавлид ёфт, ва он ҳаёти миқдори бузурги одамонро дигар кард, чунки онҳо акнун омӯхтанд, ки Худои онҳо кист, ва чӣ хел дар дуо ба Ӯ наздик шаванд.

Ҳиқояҳое, ки дар онҳо Худо ҳамчун фард амал кардааст номи Худовандро барои худ манораи тавоное кардаанд! Ин мӯъйизае аст! Ана ин қудрати номи Ӯ!

**НОМҲОИ ХУДО**

| **НОМ** | **КИТОБИ МУҚАДДАС** | **МАЪНО Ё ХУДО ҲАМЧУН…НИШОН ДОДА ШУДААСТ** |
|---|---|---|
| **Елион** | *Ҳастӣ 1:1* | **Офаридгор** |
| **Ел Елион** | *Ҳастӣ 14:18-20* | **Худои таоло** |
| **Адӯной** | *Ирмиё 23:6* | **Худованд-адолати мо** |
| **Адӯной-йире** | *Ҳастӣ 22:19* | **Худованд ҳозир хоҳад кард** |
| **Адӯной Раа** | *Забур 23:1* | **Худованд Чӯпони ман аст** |
| **Адӯной Шалом** | *Доварон 6:24* | **Худованд-осоиштагӣ** |
| **Адӯной Ниссӣ** | *Хуруҷ 17:15* | **Худованд Байрақи ман аст** |
| **Адӯной Раа** | *Хуруҷ 15:26* | **Худованди Шифобахш** |
| **Адӯной Шаммаъ** | *Ҳизқиёл 48:35* | **Худованд он ҷост.** |

***РӮЗИ ҲАШТУМ***

Мо дар замони хатарнок зиндагӣ мекунем! Пас номи дигари Худо, ки барои шумо лозим аст, онро бидонед “Худованди лашкарҳо” мебошад. Дар ҳоли ҳозир дилҳои бисёр одамон аз тарс аз онҳо дур шудаанд, ва даври замони мо боз ҳам сахтар шудааст. Онҳое, ки ба омӯзиши охиратшиносқ-ақидаҳои амалҳои оянда сару кор доранд, медонанд, “ки дар айёми охир замонҳои сахт фаро хоҳад расид” (2 Тимотиюс 3:1). Дилҳои одамон сардтар ва сардтар хоҳад шуд, то он замоне, ки онҳо нафратзадаи Худо мешаванд ва пас ҳамчунин онҳо нафратзадагони фарзандони Худо хоҳанд шуд. Вақте ки одамони бадкор ба муқобили мо меоянд, мо чӣ кор хоҳем кард? Дуои Худованд он вақт чӣ хел кӯмак хоҳад кард?

Вақте ки ба шумо чизе таҳдид мекунад, номи ӯро ба ёд оред ва дар дуоятон ӯро тақдис намоед. Ба ман иҷозат диҳед, ба шумо нишон диҳам, ки дар шароити амалӣ бо тақдим кардан ба шумо тасвирҳои зебои китоби Ишаъё ман чиро дар назар дорам. Шумо бояд порчаеро хонед, вале чӣ хел дуои хайр хоҳед гирифт !

Ишаъё 36-ро бодиққатона хонед ва ба суолҳояш ҷавоб гардонед. Пеш аз хондани ин фасл, ба ман иҷозат диҳед матнро бароятон пешкаш намоям.

Халқи Исроил ба ду шоҳигарӣ ҷудо шуд: Шоҳигарии Шимолии Исроил, ки аз даҳ қабила иборат аст: ва Шоҳигарии ҷанубии Яҳудо, ки ду қабиларо дар бар мегирад, Яҳудо ва Бенёмин. Ошур  аллакай Шоҳигарии Шимолиро ба тасарруфи худ даровард ва акнун ба Шоҳигарии ҷанубӣ таҳдид карда истодааст.

Дар соли чордаҳуми подшоҳ Ҳизқиё воқеъ шуд, ки Санҳериб, подшоҳи Ашшур, бар ҳамаи шаҳрҳои истеҳкомдори Яҳудо ҳуҷум оварда, онҳоро забт намуд. Ва подшоҳи Ашшур Рабшоқеро аз Локиш ба Ерусалим назди подшоҳ Ҳизқиё бо лашкари азиме фиристод, ва ӯ назди ҷӯи ҳавзи боло, дар роҳи саҳрои козар истод. Ва Илёқим ибни ҳилқиё, ки нозири боргоҳ буд, ва Шебнои мирзо ва Юоҳ ибни Ософи вақоеънавис назди ӯ берун омаданд.

Ва Рабшоқе ба онҳо гуфт: “Ба Ҳизқиё бигӯед: “Подшоҳи бузург, подшоҳи Ашшур чунин мегӯяд: ин чӣ таваккалест, ки бар он таваккал кардақ? Ман мегӯям: оё ин ҳама суханони ботил ба ҷои машварат ва қуввати ҷанг аст? Пас чист, ки бар вай таваккал карда, ба ман осӣ шудақ? Инак, бар ин асои наи нимшикаста, яъне бар Миср таваккал мекунӣ, ки агар касе бар он такя кунад, ба дасташ халида, онро захмдор месозад; чунин аст фиръавн, подшоҳи Миср, барои ҳамаи онҳое ки бар ӯ таваккал мекунанд. Ва агар ба ман гӯӣ, ки бар Худованд Худои мо таваккал мекунем,- ӯ оё ҳамон нест, ки минбарҳо ва қурбонгоҳҳояшро Ҳизқиё аз миён бардошта, ба Яҳудия ва Ерусалим гуфтааст: фақат пеши ин қурбонгоҳ саҷда намоед? Ва акнун, лутфан, бо оғои ман, подшоҳи Ашшур, шарт бибанд, ва ман ду ҳазор асп ба ту хоҳам дод, агар ту барои худ саворонро бар онҳо тавонӣ ба даст оварқ. Пас, чӣ гуна ту мехоҳӣ рӯи пошо, яъне яке аз хурдтарин бандагони оғои маро баргардонӣ, ва бар Миср барои аробаҳо ва саворон таваккал намоқ? Ва оё ман алҳол бе изни Худованд бар ин замин ҳуҷум овардаам, то ки онро хароб кунам? Худованд ба ман гуфтааст: бар ин замин ҳуҷум овар ва онро хароб кун!” Ва Илёқим ва Шебно ва Юоҳ ва Рабшоқе гуфтанд: “Бо бандагони худ ба забони арамӣ гуфтугузор кун, зеро ки онро мефаҳмем; ва бо мо ба забони яҳудӣ дар гӯши қавме ки бар ҳисор мебошанд, гуфтугузор накун”. Ва Рабшоқе гуфт: “Оё оғои ман маро фақат назди оғои ту ва назди ту фиристодааст, то ки ин суханонро бигӯям? Не, назди ин мардум низ фиристодааст, ки бар ҳисор нишастаанд, ва ҳамчун шумо наҷосати худро хоҳанд хӯрд ва пешоби худро хоҳанд нӯшид”.

Ва Рабшоқе бархост ва бо овози баланд ба забони яҳудӣ фарёд зада, гуфт: “Суханони подшоҳи бузург, подшоҳи Ашшурро бишнавед! Подшоҳ чунин мегӯяд: “Бигзор Ҳизқиё шуморо фирефта накунад, зеро ки ӯ наметавонад шуморо раҳо намояд. Ва бигзор Ҳизқиё шуморо ба Худованд умедвор карда, нагӯяд, ки Худованд моро ба яқин раҳо хоҳад намуд, ва ин шаҳр ба дасти подшоҳи Ашшур таслим нахоҳад шуд. Ба Ҳизқиё гӯш надиҳед, зеро ки подшоҳи Ашшур чунин мегӯяд: бо ман мусолиҳа намоед ва пеши ман берун оед; ва ҳар яке меваи токи худро, ва ҳар яке анҷири худро хоҳед хурд, ва ҳар яке аз оби чоҳи худ хоҳед нӯшид. То вақте ки ман биёям ва шуморо гирифта, ба замине монанди замини худатон, ба замини ғалла ва шарбат, ба замини нон ва токзор бибарам. Мабодо Ҳизқиё шуморо фирефта карда, гӯяд: Худованд моро раҳо хоҳад намуд! Оё худоёни халқҳо, ҳар яке замини худро, аз дасти подшоҳи Ашшур раҳо кардаанд? Худоёни ҳамот ва Арпод куҷоянд? Худоёни Сефарвоим куҷоянд? Ва оё Сомарияро аз дасти ман раҳо кардаанд? Аз ҳамаи худоёни ин заминҳо кист, ки замини худро аз дасти ман раҳо карда бошад? Пас, наход ки Худованд Ерусалимро аз дасти ман метавонад раҳо кунад?”

Валекин онҳо хомӯш монда, ба ҷавоби вай сухане нагуфтанд, зеро подшоҳ амр фармуда гуфта буд, ки “ ба вай ҷавоб надиҳед”. Ва Илёқим ибни ҳилқиё, ки нозири боргоҳ буд, ва Шебнои мирзо, ва Юоҳ ибниОсофи вақоеънавис бо ҷомаҳои  чокзада назди Ҳизқиё омаданд, ва суханони Рабшоқеро ба ӯ гуфтанд (Ишаъё 36).

1. Рабшоқе кист?

2. Ӯ чӣ таҳдид карда истодааст?

3. Мувофиқи Ишаъё 36:10, кӣ ба ӯ иҷозат дод, то ин корро кунад?

4. Мувофиқи Ишаъё 36:18:20 муносибати Рабшоқеъ ба Худо чӣ хел аст?

Акнун Ишаъё 37-ро хонед ва ба суолҳо ҷавоб диҳед. чӣ хел ман ин фаслро дӯст медорам!

Ва воқеъ шуд, ки чун подшоҳ Ҳизқиё инро шунид, либоси худро чок зад, ва палос пӯшид, ва ба хонаи Худованд даромад. Ва Илёқими нозири боргоҳ ва

Шебнои мирзо ва коҳинони пиронсолро, ки палос пӯшида буданд, назди набӣ, Ишаъё ибни Омӯс, фиристод. Ва онҳо ба вай гуфтанд: "Ҳизқиё чунин мегӯяд:" Имрӯз рӯзи тангӣ ва ҷазо ва таҳқир аст, зеро ки кӯдакон ба дами валодат расидаанд, вале қуввати зоидан нест. Шояд, Худованд, Худои ту, суханони Рабшоқеро, ки оғояш подшоҳи Ашшур ӯро барои таҳқир кардани Худои ҳай фиристодааст, бишнавад ва ӯро аз барои суханоне ки Худованд, Худои ту, шунидааст, ҷазо диҳад; пас, барои ин бақияе ки вуҷуд доранд, дуое бигӯй". Ва бандагони подшоҳ Ҳизқиё назди Ишаъё омаданд.

Ва Ишаъё ба онҳо гуфт: " Ба оғои худ чунин бигӯед: "Худованд чунин мегӯяд: аз суханоне ки шунидаӣ, ки навкарони подшоҳи Ашшур Маро бо онҳо дашном додаанд, натарс. Инак, рӯҳе бар ӯ мефиристам, ва ӯ овозае шунида, ба замини худ хоҳад баргашт, ва ӯро дар заминаш бо дами шамшер нобуд хоҳам кард". Ва Рабшоқе баргашт, ва подшоҳи Ашшурро дар вазъияте ёфт, ки бо Либно ҷанг мекард, зеро шунида буд, ки аз Локиш ақиб рафтааст.

Ва ӯ дар бораи Тирҳоқо, подшоҳи ҳабаш, хабаре шунид, ки яъне: "Берун омадааст, то ки бо ту ҷанг кунад"; ва чун шунид, элчиён назди Ҳизқиё фиристода, гуфт: "Ба Ҳизқиё, подшоҳи Яҳудия, чунин бигӯед: "Бигзор Худоят туро фирефта накунад, ки ту ба ӯ таваккал намуда мегӯӣ: Ерусалим ба дасти подшоҳи Ашшур таслим нахоҳад шуд. Инак, ту шунидаӣ, ки подшоҳони Ашшур бо ҳамаи кишварҳо чиҳо кардаанд, то ки сокинонашонро маҳв намоянд; ва оё ту раҳо хоҳӣ шуд? Оё худоёни халқҳое, ки падарони ман несту нобуд кардаанд, онҳоро, яъне: ҷӯзон ва ҳорон ва Расаф ва банқ-Аданро, ки дар Талассор буданд, раҳоӣ доданд? Подшоҳи ҳамот ва подшоҳи Арпод ва подшоҳи шаҳри Сефарвоим, ҳенаъ ва Ивво куҷоянд?"

Ва Ҳизқиё номаро аз дасти элчиён гирифт, ва онро хонд, ва ба хонаи Худованд даромад, ва онро ба ҳузури Худованд густаронид. Ва Ҳизқиё назди Худованд дуо хонда, гуфт: "Эй Худованди лашкарҳо, Худои Исроил, ки бар каррубиён нишастақ! Туӣ, ки бар ҳамаи мамлакатҳои замин Худои ягона ҳастқ; Ту осмон ва заминро офаридақ. Гӯши Худро, эй Худованд, хам карда, бишнав; чашмони Худро, эй Худованд, кушода, бубин; ва ҳамаи суханони Санҳерибро, ки барои таҳқир кардани Худои ҳай фиристодааст, бишнав. Худовандо! Дуруст аст, ки подшоҳони Ашшур ҳамаи кишварҳо ва замини худашонро хароб кардаанд. Ва худоёни онҳоро дар оташ андохтаанд, зеро ки онҳо Худо набуданд, балки маснӯи дастҳои одам, ва чӯб ва санг буданд, бинобар ин онҳоро несту нобуд кардаанд. Ва акнун, эй Худованд Худои мо, моро аз дасти вай наҷот деҳ, то ҳамаи мамлакатҳои замин бидонанд, ки Ту Худованди ягона ҳастқ".

Ва Ишаъё ибни Омӯс назди Ҳизқиё кас фиристода, гуфт: "Худованд, Худои Исроил, чунин мегӯяд: азбаски назди Ман дар бораи Санҳериб, подшоҳи Ашшур, дуо гуфтқ. Чунин аст сухане, ки Худованд дар бораи вай гуфтааст: духтари бокираи Сион аз ту нафрат намуда, туро тамасхур кардааст, ва духтари Ерусалим аз қафои ту сар ҷунбонидааст! Киро ту таҳқир намудаӣ ва дашном

додак? Ва дар ҳаққи кӣ овоз баланд кардаӣ ва чашмони худро боло бардоштак? Дар ҳаққи қуддуси Исроил! Ба воситаи бандагони худ Худовандро таҳқир намуда, гуфтак: " Бо анбӯҳи аробаҳои худ ман ба қуллаи кӯҳҳо, бар ақсои Лубнон баромадаам, ва арзҳои болобаланд ва сарвҳои гузини онро буридаам, ва ба қуллаи баландтарини он, ба боғистони ҳосилхези он расидаам. Ва ман чоҳ канда, об нӯшидаам; ва бо кафи пойҳои худ ҳамаи наҳрҳои Мисрро хушк хоҳам кард".

Оё ту нашнидаӣ, ки Ман аз замони пеш инро қарор додаам, аз қадимулайём инро пешбинӣ намудаам, ва ҳоло инро тавре ба амал овардаам, ки ту шаҳрҳои истеҳкомдорро валангор карда, ба харобазор табдил медиҳқ? Ва сокинони онҳо камқувват, ҳаросон ва хиҷил шудаанд: онҳо мисли алафи саҳро ва майсаи навхез, ва сабзаи болои бомҳо, ва мисли киштзоре ки пеш аз хӯша бастанаш хушк шуда бошад, гардидаанд. Вале Ман нишастани туро, ва баромадани туро, ва даромадани туро медонам; ва адоватеро, ки ба Ман дорқ. Азбаски адовате ки ба Ман дорӣ, ва лоуболии ту ба гӯши Ман расидааст, бинобар ин маҳори Худро ба бинии ту, ва ҷилави Худро ба даҳони ту хоҳам зад, ва туро бо роҳе ки омадаӣ, хоҳам баргардонид. Ва аломат барои ту, эй Ҳизқиё, чунин аст: имсол ғаллаи худрӯй хоҳед хӯрд, ва дар соли дуюм – он чи аз он бирӯяд; вале дар соли сеюм кишт кунед ва дарав намоед, ва токҳо шинонед ва меваи онҳоро бихӯред. Ва растагорони хонадони Яҳудо, ки боқӣ мондаанд, аз нав дар поён реша хоҳанд давонид, ва дар боло мева хоҳанд овард. Зеро ки бақия аз Ерусалим, ва растагорон аз кӯҳи Сион ба вуҷуд хоҳанд омад. Рашки Худованди лашкарҳо инро ба амал хоҳад овард. Бинобар ин Худованд дар бораи подшоҳи Ашшур чунин мегӯяд: вай ба ин шаҳр ворид нахоҳад шуд, ва ба он ҷо тир нахоҳад андохт, ва назди он бо сипар нахоҳад омад, ва дар муқобили он хокрез барпо нахоҳад кард.

Бо кадом роҳе ки омадааст, бо ҳамон хоҳад баргашт, валекин ба ин шаҳр ворид нахоҳад шуд, - мегӯяд Худованд. Ва Ман ин шаҳрро ҳимоят хоҳам кард, то ки онро ба хотири Худам ва ба хотири бандаи Худ Довуд наҷот диҳам". Ва фариштаи Худованд берун омада, дар ӯрдуи Ашшур саду ҳаштоду панҷ ҳазор нафарро зарба зад; ва субҳидам бархостанд, ва инак, ҳамаашон ҷасадҳои мурда буданд.
Ва Санҳериб, подшоҳи Ашшур, ақиб нишаста, раҳсипор шуд, ва бозгашта, дар Нинве сукунат кард. Ва воқеъ шуд, ки чун Ӯ дар хонаи Нисрӯк, худои худ, саҷда мекард, писаронаш Адрмалик ва Шаросир ӯро бо шамшер куштанд, ва худашон, ба замини Аророт гурехтанд; ва писараш Асарҳадӯн ба ҷои Ӯ подшоҳ шуд (Ишаъё 37).

1. Вақте ки Ҳизқиё гапҳои Рабшоқеро шунид ӯ чӣ кор мекунад?

2. Ин ба шумо дар бораи Ҳизқиё чӣ мегӯяд?

3. Муносибати Рабшоқеро ба Худо дар Ишаъё 37:8-13 боз як бори дигар қайд кунед?

4. Мувофиқи Ишаъё 37:14-15. Ҳизқиё бо мактуби Рабшоқеъ чӣ кард?

Ба Ишаъё 37:16-20 баргардед ва ба дуои Ҳизқиё ба Худо нигаред. Онро бори дигар хонед ва ба суоли зерин посух диҳед.

1. Чӣ хел Ҳизқиё номи Худоро тақдис кард?

2. Кадом монандиро байни ин дуо ва Дуои Худованд мебинед?

Имрӯз чиро омӯхтед, ки дар ҳаётатон истифода баред?

***РӮЗИ НӮҲУМ***

Ду рӯз пеш мо зарурияти аввалро барои дуо ки дар ҷумлаи якуми намунавии Дуои Худованд буд аз назар гузарондем. Зарурияти аввал парастиш буд. Имрӯз мо ба зарурияти дуюм, ки ҳамчунин дар ин ҷумла аст назар меандозем. Вале аввал ман мехоҳам як чизро роҷеъ ба парастиш ба шумо бо ҳам бинам.

Дар Навиштаҳои Муқаддас вақте ки одамон Худоро парастиш мекунанд, ҳеҷ гоҳ онҳо иборахои ба ҳам монандро боз ва боз истифода намебаранд, барои мисол " ҳамду сано бод ба Ту Исо; ҳамду сано бод ба Ту Исо".

Дар Ишаъё 6 сорофиён чунин нидо мекунанд, "қуддус аст, қуддус аст, қуддус аст Худованди лашкарҳо …" (Ишаъё 6:3). Вале такрори себора танҳо яке аз воситаи маънӣ додани ҳақиқат, ба мисли муқаддасии Худо мебошад. Такрори дубора ба мисли "ҳақиқат, ҳақиқат" фақат ростии чизеро мефаҳмонад.

Дар парастиши библиявӣ шумо такрорёбии ибораҳоро дарёфт нахоҳед кард: ба ҷои он дуогӯ табиати Худо ва роҳҳои ӯро такрор мекунад,ба Ӯ дар бораи садоқати Ӯ ва ваъдаҳои Ӯ хотиррасон мекунад. Бутпарастон бисёр вақт бо такроркунии девонавор ва таҳриконаи суханҳои ҳангоми ибодати худоҳояшон банд ҳастанд, вале фарзандони Худо ин хел намекунанд!

Мо ба такроркунии беҳуда ниёз надорем. Заминаи парастиши мо ҳақиқат аст, на ҳиссиёт; он на дар шавқу завқи суханҳои мо асос ёфтааст, балки асосаш садоқати Худои мо мебошад. ҳиссиёт баъд аз ҳақиқат меояд!

Ба дуоҳои зерини Библияатон нигоҳ кунед. Вақте ки онҳоро мехонед, қайд кунед, ки чӣ хел илтимоскунанда Худоро парастиш мекунад. Яъне ӯ дар бораи Худо чӣ мегӯяд? Чӣ хел ӯ ба Худо наздик мешавад?

Ирмиё 32:16-25

Дониёл 2:19-23
Дониёл 9:3-19

Ба фикратон ҳангоми ибодат чӣ фоидаовартар аст:
а) фақат паиҳам такрор кардани "ҳамду сано ба Ту, Исо?" ё
б) такроркунии табиат, роҳҳо ва ваъдаҳои Худои шумо?
Бо кадом васила бо Худо ва Каломи Ӯ наздиктар шинос мешавед? Агар шумо як инсони дуогӯ бошед, кадомашро интихоб мекардед? Ба хотир ор, ки парастиш кардан ин эътирофи арзишҳои дигарро мефаҳмонад. Кадом шакли парастиш инро боз ҳам таъсирбахштар мекунад? Дар бораи ин аз рӯи Каломи Ӯ андеша кунед ва баъд мувофиқи он Худои худатонро парастиш кунед:

Акнун биёед ба зарурияти дуюм барои дуо нигарем: Падарии Худо. Мувофиқи Каломи Худо, ҳеҷ мард, зан, ё кӯдак наметавонад Худоро аз Исо ҷудо "Падар" гӯяд, то он даме, ки бори дигар мо аз об ва рӯҳ таваллуд наёбем Худо Падари мо нест (Юҳанно 3:5). " Лекин ба онҳо, ки Ӯро (Исои Масеҳ) қабул карданд ва ба исми Ӯ имон овардаанд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд, ки на аз хун, на аз хоҳиши марде, балки аз Худо таваллуд ёфтаанд" (Юҳанно1 : 12-13).

То он даме, ки Шумо Худованд Исои Масеҳро напазируфтаед шумо фарзанди Худо ҳисоб мешавед? Вале, он замоне, ки ӯро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳанда мепазиред, шумо бо Рӯҳулқудс мӯҳр зада шудед. Рӯҳулқудс ба шумо дар вақти наҷотёбӣ дода мешавад ва он кафолати озодшавии ҷисми шуморо дорад. Озодшавии ҷисми шумо маънии онро дорад, ки шумо ҷисми наҷотёфтаи нав хоҳед дошт (1 Қӯрунтиён 15:51-54). Эфсӯсиён 1:13-14-ро бо диққат хонед, ва қайд намоед, ки дар бораи Рӯҳулқудс чиро фаҳмидед.

Дар Ӯ шумо низ, чун каломи ростиро, яъне башорати наҷоти худро шунидед ва ба Ӯ имон овардед, бо Рӯҳулқудс мӯҳр зада шудаед, ва то замоне, ки мулки Худо боз харида шавад. Он гарави мероси мост барои ҳамду санои ҷалоли Ӯ (Эфсӯсиён 1:13-14).

Ба ман иҷозат диҳед,  ба шумо Навиштаҷоти дигарро, ки эътироф мекунад, ки ин фақат ба василаи наҷот ва атои Рӯҳулқудс шумо метавонед Худоро “Падар” гӯед, шинос намоям.

“Зеро ҳамаи онҳое ки роҳнамояшон Рӯҳи Худост, фарзандони Худо ҳастанд; Чунки шумо рӯҳи бандагиро қабул накардаед, ки боз ҳаросон шавед, балки Рӯҳи фарзандхондагиро қабул  кардаед, ки ба Он мо нидо мекунем: “Эй Або, Эй Падар!”  (Румиён 8:14-15).

Дӯстам, шумо дарк кардед, ки ҳамаи ин чӣ маънӣ дорад? Ин маънии онро дорад, ки дуо барои онҳое, ки ҳақиқатан ҳам фарзандони Худо ҳастанд имтиёзе аст. Дуо барои ҳамагон нест. дуо фақат барои онҳое, ки метавонанд бо Исо бигӯянд “Падари мо…” Ин зарурияти дуюм барои дуо мебошад. Дар бораи ин андеша кунед. Ин барои ҳаётатон чӣ аҳамият дорад?

Бо бисёр одамон вохӯрӣ доштӣ ва онҳо гуфтанд, ки як роҳи  барои худ кушодагии онҳо он буд, ки онҳо дуоро ҳамчун дин мефаҳманд, на ҳамчун муносибат, ва онҳо ба дуоҳояшон ҳеҷ гоҳ ҷавоби бевосита нагирифтаанд.

Бисёриҳо дар чунин ақидаанд ва дили ман барои онҳо месӯзад “Чизе”, ки чунин ба назар мерасад, дар озмоиши масеҳии онҳо партофта шудааст, ва бе он ҳаёт мурдаю беранг аст, дар ҳақиқат Касе- яъне Рӯҳулқудс- сокини мубораки ботини мо мебошад!

Ва чӣ хел шумо медонед, ки Ӯ он ҷо –дар мо зиндагӣ карда истодааст? Шумо медонед, чунки он ҷо тағйироте аст. Масеҳӣ офаридаи нав аст.

Агар шумо дар бораи итминони наҷоти худатон савол дошта бошед Навиштаҷотҳои зеринро аз назар гузаронед: 2 Қӯрунтиён 5:17; Эфсӯсиён 1:13-15; 1 Юҳанно 2:3-6; 1 Юҳанно 3:7-10,
1 Қӯрунтиён 6:9-11; ва 1 Юҳанно 5:11-14.

Чун ин порчаҳоро хондед, аз Худо хоҳиш кунед бо дилатон гуфтугӯ кунад ва сипас мушоҳидаҳоятонро нависед. Аз Ӯ пурсед, ки ҷои шуморо дар ҳурмату эҳтиром нисбат ба Ӯ нишон диҳад. Боварӣ доред,  Ӯ ин корро мекунад, чунки Ӯ хоҳиш дорад, ки шумо ҳақиқатро бифаҳмед, ва Ӯ мегӯяд,  агар шумо Ӯро аз самими қалб ҷустуҷӯ намоед, Ӯ шуморо пайдо хоҳад кард.

Рӯзе, ки Худо ба шумо гуфтааст чӣ аст? Дар хотир дор, Ӯ ҳаргиз маҳкум намекунад. Ин иродаи Ӯ нест, ки шумо талаф шавед, агар шумо имон доред.

### *РӮЗИ ДАҲУМ*

“Малакути ту биёяд”, ҷумлаи дуюм намунавӣ аст ва тавоноияш дар кӯтоҳии он мебошад. Ин  чӣ маънӣ дорад? Чаро ин мавзӯест барои дуо? Чаро он аз ҷумлаи “Иродаи Ту, чунон ки дар Осмон аст дар замин ҳам ба амал ояд, ҷудо аст?

То вақти муайяне ман нафаҳмидам чаро ин ду ҷумла аз ҳамдигар ҷудо ҳастанд. Барои фаҳмидани он (андеша) ибодат лозим буд. Барои ба шумо расондани ҳамаи он чизе, ки дар ин се калима "Малакути Ту биёяд" мебошад чандин рӯз даркор аст! Вале, чун мо ин омӯзишро ба бисту ҳашт рӯз маҳдуд кардем, ман ба шумо нукоти асосии гуфтаи Худованди маро ба шумо мегӯям; сипас шумо метавонед онро амиқтар аз худ кунед.

"Малакути Ту биёяд" – ин дар дуо тасдиқ намудани садоқати мо ба ҳукмронии мутлақи Малакути Худ аз болои ҳама чиз мебошад. Дуо ин иртиботи муқаррарӣ бо Худо, гуфтугӯ бо ҳукмрони Мутлақи тамоми олам мебошад. Чун мо дидем, ин иртибот аз парастиш, эътирофи ҳақиқат дар бораи падар, тақдискунӣ ё эҳтироми номи Ӯ сар мешуд. Номи ӯ, албатта, шахсияти ӯро нишон медиҳад! Аз парастиш мо ба садоқат мегузорем.

Садоқат? Оё парастиш ва садоқат ҳаммаъно ҳастанд? Шумо ба ман бигӯед. Оё шумо одамонеро, ки "сазовор будани" Худоро эътироф карда, дар айни ҳол бо Малакути Ӯ ва афзалияти Ӯ як нашудаанд медонед ё не? Ман одамонеро, ки Худоро тарафдорӣ ва баланд мебардоранд медонам: ҳарчанд онҳо ӯро ба таври комил медонанд ва эътироф мекунанд, онҳо нисбат ба пешрафти Малакути ӯ, дида дар бораи пешрафти рӯҳонияти худ, мазҳаби худ, ақидаи дӯстдоштаи худ, дар бораи ҷиҳатҳои идорабозию коғазпаронии худ, роҳат ва некӯаҳволии худ бештар дар ташвишанд. Ман одамонеро медонам, ки мегӯянд, "Ман медонам, ман бояд Каломи Худоро бештар омӯзам", ё "Ман медонам ман бояд шаҳодат диҳам", ё "Ман медонам, ман бояд бештар дар кори Ӯ гирифтор бошам… Вале! Вале чӣ! Дар ҳақиқат онҳо чунин мегӯянд, "садоқати аввали ман ба Худо нест". Дар бораи ин фикр кунед, Саволи дигари шумо эҳтимол ба монанди саволе бошад, ки ман доштам, "Вале ин бо итоат ба иродаи Ӯ ҳангоме, ки мо дуо мекунем" Иродаи Ту ба амал ояд" муносиб аст? Бале ҳар ду як ҳастанд. Вале итоати рост, пурра ба иродаи Худо фақат ба воситаи садоқати комил ба Малакути Ӯ тавлид мешавад.
Ва ин сабаби он шуд, ки Калисои Исои Масеҳ ба ифлосии дунё рӯйнокӣ ғалтид! Мо ду-фикра ҳастем, чизҳои беҳтарини ҳар ду оламро хоҳон ҳастем ва фаромӯш мекунем, ки "иқоматгоҳи мо акнун дар осмон аст, ки аз онҷо Исои Масеҳи Худовандро, ҳамчун Наҷотдиҳанда, интизор дорем" (Филиппиён 3:20). Мо ташнаи интизори Ӯ нестем, чунки мо худамонро аз табиат ба он чизе ки моро аз ҷустуҷӯи "аввал Малакути Худо ва адолати Ӯ" (Матто 6:33) дур меандозад.

Итоати мо ба пул ва он чизе, ки аз он бармеояд, ба мақому вазифа ва эътибори он, ба чизҳо ва лаззати онҳо, ба "Калисоият" мебошад. Калисоият Калисоро якум мешуморад. Масеҳият Исоро пеш мегузорад. Мо аз хотир мебарорем, ки Исо сарвари Калисо аст! Мо ба Худо чоплусӣ мекунем. Мо аз масеҳият танҳо онро хоҳон ҳастем, ки моро ба осмон расонад, танҳо ба дуоҳои мо посух гӯяд. Мо намехоҳем ба Малакути Ӯ пурра итоат кунем. Мо намехоҳем, ки Малакути

Ӯ имрӯз, фардо ё баъди чанд сол биёяд, чунки ба мисли Димос, мо ин дунёро бештар дӯст медорем (2 Тимотиюс 4:10).

Чун ман инро навиштам, ҳақиқат ин “дар дили ман мисли оташи фурӯзон буд, ки дар устухонҳоям ҷойгир шудааст” (Ирмиё 20:9). Оҳ, дили ман ба ҳоли онҳое, ки то ҳоло ҳам ба Ӯ комилан тобеъ нашудаанд афсӯс мехӯрад.

“Шумо доварӣ мекунед!” эҳтимол мегӯед шумо. Не, дӯсти ман аз назар гузаронда истодаам. Меваи мо, ё нокифоя будани он аз тобеъияти мо шаҳодат медиҳад. Вақте ки мардҳо ва занон барои ҳама чиз ба ҷузъ аз омӯзиши шахсӣ ва амиқӣ Каломи Худо вақт доранд, ман медонам, ки онҳо ба ҳузури Худо муносиб нестанд (2 Тимотиюс 2:15).

Онҳо дар бораи Олам бисёр медонанду дар бораи Худо хеле кам! Чаро? Чунки онҳо барои чизҳои ин зиндагӣ вақт доранду барои омӯзиши Каломи Худо вақт надоранд. Онҳо бовар карданро ба он ки “одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад, балки ба ҳар калимае, ки аз даҳони Худованд барояд зиндагӣ мекунад”. Такрори Шариат 8:3). Иртибот бо Худо ба василаи Каломи Ӯ ва дуо барои ҳаёти пурсамар, ки омадани Малакути ӯро тез мекунад, хеле муҳим ҳаст.

Вақте ки Исо мардон ва занонро ба Худ даъват кард чӣ гуна садоқатро ӯ талаб кард? Навиштаҳои зерро бодиққатона хонед.

Пас мардумро бо шогирдонаш назди Худ хонда, гуфт “ҳар кӣ хоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд хештанро инкор карда ва салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намояд” (Марқӯс 8:34).

“Агар касе назди Ман ояд ва аз падару модар, зану фарзандон, бародарону хоҳарон ва ҳамчунин аз ҷони худ нафрат накунад, вай наметавонад шогирди Ман бошад” (Луқо 14:26).

Гумон накунед, ки омадаам, то осоиштагӣ бар замин биёрам; наомадаам, ки осоиштагӣ биёрам, балки шамшер. Зеро ки омадаам, то ОДАМРО АЗ ПАДАРАШ, ДУХТАРРО АЗ МОДАРАШ ВА КЕЛИНРО АЗ МОДАРШӯЯШ ҶУДО КУНАМ. ВА ДУШМАНИ ОДАМ АҲЛИ ХОНАИ Ӯ ХОҲАНД БУД. ҲАР КӢ ПАДАР Ё МОДАРАШРО АЗ МАН БЕШТАР ДӮСТ МЕДОРАД, ЛОИҚИ МАН НЕСТ; ВА ҲАР КӢ ПИСАР Ё ДУХТАРАШРО АЗ МАН БЕШТАР ДӮСТ МЕДОРАД, ЛОИҚИ МАН НЕСТ.
Ва ҳар кӣ салиби худро намебардорад ва маро пайравӣ намекунад, лоиқи Ман нест. Ҳар кӣ ҷони худро нигоҳдорӣ кунад, онро барбод хоҳад дод; ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман барбод диҳад, онро нигоҳдорӣ хоҳад кард (Матто 10:34-39).

Фаҳмиши худро оиди тобеъияте, ки Исо талаб мекард бинависед.

Ҳеҷ чиз камтар аз инкори хештан, салиби худро бардоштан, ва Ӯро пайравӣ кардан (Марқӯс 8:34), аз падару модар, зану фарзандон, бародарону хоҳарон ва ҳамчунин аз ҷони худ нафрат кардан итоати комилро аз ҳам ҷудо мекунад ва ҳеҷ чиз камтар ба шумо имкон намедиҳад то ин ки шумо содиқона дуо карда гӯед "Малакути Ту биёяд". Биёед порчаро аз Навиштаҳои Муқаддас бо ҳам бинем.

Ва ҳангоме, ки онҳо дар роҳ буданд, шахсе ба Ӯ гуфт: "Худовандо! Ҳар ҷо равӣ, Туро пайравӣ хоҳам кард". Исо ба вай гуфт: "Рӯбоҳон лона ва мурғони ҳаво ошёна доранд; лекин Писари Одам ҷое надорад, ки сар ниҳад". Ба дигаре гуфт: "Маро пайравӣ кун". Вай гуфт: "Худовандо! Ба ман иҷозат деҳ, ки рафта, аввал падари худро дафн кунам". Лекин Исо ба вай гуфт: "Бигзор, ки мурдагон мурдагони худро дафн кунанд: аммо ту рафта, аз Малакути Худо башорат деҳ". Боз шахси дигаре гуфт: "Худовандо! Туро пайравӣ хоҳам кард, лекин аввал ба ман иҷозат деҳ, ки бо аҳли хонаи худ хайрухуш кунам". Лекин Исо ба вай гуфт: "Касе ки дасташро болои амоч монда бошад ва ба ақиб нигоҳ кунад, ба Малакути Худо лоиқ нест" (Луқо 9:57-62)

Оиди ибораҳои "ба ман иҷозат деҳ, аввал" ва "лекин аввал ба ман иҷозат деҳ"-ро мулоҳиза кардед? ҷавоби Исо ба ин баҳонаҳо, ва таъсирандозиҳо чӣ ҷавоб дод? Ӯ гуфт, "Не". Малакути Ӯ бояд бартарӣ дошта бошад "То ки дар ҳама чиз Ӯ аввалин бошад (Қӯсассиён 1:18).

З-ин сабаб вақте ки дуо мекунед, "Малакути Ту биёяд"-ро гӯед. Ва вақте, ки дуо мекунед, худатонро озмоед, ки дар дилатон ягон чиз нест, ки шуморо аз итоати ҷудонашаванда ба омадани Малакути Ӯ дур кунад.

Ман мехостам каме дигар оиди ин ҷумлаи дуюм сухан гӯям, вале ман онро ба рӯзи бистуякум мемонам. ҳозир, хуб мешуд агар шумо ба пеши Падар мерафтед ва аз Ӯ хоҳиш мекардед ба шумо он чизеро, ки шуморо аз итоат ба Малакути Ӯ ҷудо мекунад, нишон диҳад, ҳамин хел не? Онро нависед.

Инро ба рафиқи наздик ва содиқ дар Худованд, гӯед ва якҷоя Худоро дар дуо ҷустуҷӯ намоед. Чунки "Ду нафар аз як нафар беҳтаранд, чунки барои онҳо аз меҳнаташон музди хубе пайдост. Зеро ки агар яке афтад, дигаре аз онҳо рафиқи худро бармехезонад. Валекин вой бар ҳоли он одами танҳо, вақте ки ӯ меафтад, ва касе набошад, ки ӯро бархезонад!" (Воиз 4:9-10).

## *РӮЗИ ЁЗДАҲУМ*

Дар якчанд рӯзҳои оянда мо ба мафҳумҳои мавзӯи сеюм барои дуо: итоат ба иродаи Худо-ро аз назар хоҳем гузаронд.

Мувофиқи Дуои Худованд, дуои ҳақиқат ин итоат ба иродаи Падар мебошад: "Иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд". Оё ин дуо танҳо он вақт иҷро мешавад, вақте ки Исо бармегардад" ва Малакут ва салтанат

ва кибриёи Малакутҳо дар таҳти тамоми осмон ба муқаддасон, яъне ба қавми ҳаққи Таоло дода хоҳад шуд, ки малакути Ӯ малакути ҷовидонист, ва ҳамаи салтанатҳо ба Ӯ хизмат ва итоат хоҳанд кард?”

Не дӯстам. “Иродаи Ту ба амал ояд” дуое нест, ки мо омадани Малакутро интизор бошем: Ин муносибати қалбии итоати ҳозира ба салтанат ва иродаи Падар.

Иродаи Падар ин аст, ки шумо ба Писари Ӯ, Худованд Исои Масеҳ, Худо ба шакли ҷисм имон оред (Юҳанно 6:40). Ба шакли ҷисмонӣ маънии “дар шакли гӯштқ”-ро дорад. Ё дигар хел карда гӯем, иродаи Падар ин аст, шумо имон оваред, ки Исои Масеҳ Худо аст ба шакли ҷисмонӣ. Агар ба ин ҳақиқат бовар намекунед, дар гуноҳҳои худ хоҳед мурд (Юҳанно 8:24). Онҳое, ки ба Худованд Исои Масеҳ имон наоварданд, муқобили иродаи Худо ҳастанд, ва дар хатоҳою гуноҳҳои худ мурда хоҳанд буд (Эфсӯсиён 2:1). Ғазаби Худо бар онҳо мемонад (Юҳанно 3:36), барои ҳамин “дар ҳеҷ каси дигар наҷот нест, ва дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он наҷот ёбем” (Аъмол 4:12).

Итоат ба Худо қисми комили наҷотёбӣ мебошад. Имон доштан, ки Исо Худост, ин мақом ва ҳуқуқҳои ӯро ҳамчун Худо эътироф кардан ҳаст. ӯро ҳамчун Наҷотдиҳанда эътироф кардан, яъне фақат ин Худо-одам метавонад шуморо аз гуноҳҳоятон наҷот диҳад. Ва решаи ҳамаи гуноҳҳо чист? Оё ин озодӣ нест? Оё ин он нест, ки кас роҳи худро дошта бошад? Ишаъё 53:6 мегӯяд, ки ҳамаамон гумроҳ будем: “ҳар яке бо роҳи худ мерафтем”. Агар шумо ба ҳар ояте, ки гуноҳро муайян мекунад назар андозед, шумо кашф мекунед, ки ҳар оят то як дараҷае нишон медиҳад, ки мо худсарона вайрон кардани шариатро интихоб намудаем, имон намеоварем, ва ба ҷои интихоби роҳи Худо мо бо роҳи худ равонаем.

Рӯзи Нӯҳумро ба ёд оред, вақте ки ба шумо якчанд навиштаҳо тақдим шуданд, то ба шумо нишон диҳанд, ки далелҳои наҷотёбӣ кадомҳоянд? Хуб, яке аз далелҳои наҷотёбӣ ин доштани хоҳиши итоат ба Худо мебошад: эътирофи он ки Ӯ Худо аст ва шумо инсон ҳастед, ва барои ҳамин шумо бояд ба Ӯ итоат кунед. Ва пеш аз оне, ки мо ин муносибати итоаткориро аз нуқтаи назари дуо бинем, биёед ба муносибати итоаткорӣ ва наҷотёбӣ назар андозем.

Ба оятҳои зерин нигоҳ кунед ва чизеро, ки аз худ кардед қайд кунед.

Наметавонад дарахти нек меваи бад оварад, ва дарахти бад – меваи нек. ҳар дарахте ки меваи нек намеоварад, бурида ва дар оташ андохта мешавад. Пас, онҳоро аз меваҳошон хоҳед шинохт. На ҳар касе ки ба Ман: “Худовандо! Худовандо!” мегӯяд, ба Малакути Осмон дохил хоҳад шуд, балки он касе ки иродаи Падари Маро, ки дар осмон аст, ба ҷо меоварад. Бисёр касон дар он рӯз ба Ман хоҳанд гуфт: “Худовандо! Худовандо! Оё ба исми Ту нубувват

накардем? Оё ба исми Ту девҳоро наронем? Оё ба исми Ту мӯъҷизоти зиёде нишон надодем?" Он гоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳам гуфт: "Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам; аз Ман дур шавед, эй бадкорон!" Пас, ҳар кӣ ин суханони Маро бишнавад ва онҳоро ба ҷо оварад, ӯро ба марди оқиле монанд мекунам, ки хонаи худро бар санг бино кард; Ва борон борида, селобҳо равон шуд, ва бодҳо вазида, ба он хона фишор овард; лекин он фурӯ нарафт, чунки бар санг бино шуда буд. Ва ҳар кӣ ин суханони Маро бишнавад ва онҳоро ба ҷо наоварад, ба марди нодоне монанд аст, ки хонаи худро бар рег бино кард. Ва борон борида, селобҳо равон шуд, ва бодҳо вазида, ба он хона фишор овард; ва он хона фурӯ рафт, ва харобии он бузург буд" (Матто 7:18-27).

Зеро муҳаббат ба Худо ҳамин аст, ки мо аҳкоми ӯро риоят кунем; ва аҳкоми Ӯ гарон нест. Зеро ҳар кӣ аз Худо таваллуд ёфтааст, ҷаҳонро мағлуб мекунад; ва ин ғалабае ки ҷаҳонро мағлуб кардааст, имони мост. Кист, ки ҷаҳонро мағлуб мекунад, ҷуз касе ки имон дорад, ки Исо Писари Худост? (1 Юҳанно 5:3-5).

Акнун, Юҳанно 9:31-ро дуруст  аз назар гузаронед, дар зер онро нависед, ва фикр кунед, ки он дар бораи чӣ аст:

Оё ин ба шумо дар дурусттар фаҳмидани муносибат байни итоат ба Худо ва дуои ҷавобгирифта ёрӣ медиҳад?

Оҳ, Дӯстам, шумо то ҳоло дар гуноҳҳои худ ҳастед, ё шумо дуогӯи Худо ҳастед, ки хеле мехоҳад иродаи Падарро ба ҷо орад? Танҳо одами охир дар дуо ба сӯи Худо роҳ дорад.

## *РӮЗИ ДУВОЗДАҲУМ*

Якчанд сол пеш бародари азизе дар Худованд бори аввал меҳмони Пресепт Министриез шуд. Чун Ӯ ҳамчунин бо кори телевизион машғул буд, муштоқи дидани студия ва асбобу анҷоми мо буд. ҳангоми гуфтугӯ дар бораи камера, ман гуфтам, "Ман аз Худованд фақат як хоҳиш дорам, ки ба мо камераи сеюм диҳад". Ӯ фавран меҳрубонона ҷавоб дод. "Бас аст хоҳиш кардан. Имон дор ту онро дорӣ ва он аз они шумост. Фақат бигӯ. "Ман имон дорам, ва он иҷро хоҳад шуд".

Ман метавонам бигӯям, "Ман имон дорам" ва донам, ки он иҷро шуд? Аз сабаби он, ки дар он вақт мо камераи сеюмро дастрас накарда будем, оё ин надоштани имон буд? Оё эътирофи мусбии имон сабаби он шуд, ки ба дуоҳоямон ҷавоб гирифтем? Кормандони Пресепт Министриез барои ин камераи сеюм якчанд сол дуо карданд. Оё барои он ки мо нагуфтем, " Ман имон дорам", ба мо доштани камера муяссар нашуд? Бародари азизи мо гуфт, ки барои камераи дуюмаш Ӯ ду сол дуо кард. (Воқеан ҳарчанд Ӯ имон дошт ва эътироф мекард Ӯ низ камера

надошт). ҳоло, ки мо дар бораи ин сухан карда истодаем, биёед ба Рӯзи якум баргардем ва роҷеъ ба дуои Дебра барои зани касалии саратон дошта баҳс кунем. Оё ин кас метавонад шифо ёбад, агар мо имон дорем ва ин имонамонро дар дуо иқрор кунем?

Бисёриҳо мегӯянд "Бале". Барои ин фикрашонро пуштибонӣ кардан онҳо аз Навиштаҷотҳои Муқаддас иқтибос меоранд, ва бисёр ҳикояҳое, ки он ҷо одамон баъд аз он ки дар бораи онҳо шахсони меҳрубон ва дӯстдоштаашон эътирофи мусбии имон карда буданд шифо ёфтанд, нақл мекунанд. Навиштаҷотҳое, ки онҳо иқтибос меоранд инҳо ҳастанд: "Агар чизе ба исми ман биталабед. Ман онро ба ҷо хоҳам овард" (Юҳанно 14:14). "То кунун ба исми Ман чизе талаб накардаед; талаб кунед, то бигиред, ва шодии шумо комил гардад" (Юҳанно 16:24) "Агар ба андозаи донаи хардале имон дошта бошад ва ба ин кӯҳ бигӯед : Аз ин ҷо ба онҷо кӯч кун", он кӯч хоҳад кард; ва ҳеҷ чиз барои шумо ғайриимкон нахоҳад буд" (Матто 17:20). "Бинобар ин ба шумо мегӯям; ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард – ва ба шумо ато хоҳад шуд (Марқӯс 11:24).

Ин Навиштаҷотҳо ҳақиқат ҳастанд? Ба онҳо метавон бовар кард?

Албатта! ҷавоб ба ҳамаи ин се суолҳо мусбӣ аст, Каломи Худо бехато, бе ягон иштибоҳ аст.

Пас рафиқи ман ҳақ буд, ҳамин хел не? ҳамаи он чизе, ки ман бояд мекардам, Дебра бояд мекард - ин имон буд, дар дуо эътироф кардан ва он иҷро хоҳад шуд. Шумо чӣ андеша доред? Чаро шумо он кореро, ки мекунед аз он пуштибонӣ мекунед? Асоси библиявии пуштибонӣ кардан дар чист?

Дар бораи ин чизҳо фикр кунед. Ин хеле муҳим аст. ҷавобҳоятонро рӯи коғаз оред. Бо Падар гуфтугӯ кунед. Дар бораи ин мо пагоҳ гуфтугӯ хоҳем кард.

## *РӮЗИ СЕНЗДАҲУМ*

Оё шумо баъзе вақтҳо худро ноҳинҷор ҳис кардед, ва ҳатто тарсидед ки Худо ба дуоҳоятон ҷавоб намегардонад? Ман дар ин ҳолат будам. Ман чунин фикр мекардам. "Падар, чӣ мешуд агар Ту ба ин дуоям ҷавоб нагардонӣ? Яъне дуои ман ягон фоидае надорад!" Аз чунин нуқтаи назар шояд баъзеҳо маро механданд… Ман шуморо айбдор намекунам чунки маро ҳам хандаам меояд! Мумкин шумо ин хел мегӯед, "Кай, чаро Худоро айбдор мекунӣ, агар дуоят ноҷавоб монд? Чаро худатонро айбдор намекунед?"

Ман ба шумо мегӯям, ки чаро! Ман ҳис кардам, ки ман имонро дар табиати Ӯ ва роҳҳои Ӯ талаб карда будаӣ ва агар Худо ба воситаи он наомад, бароям чунин ба назар расид ки Ӯ ҷавоб надод! Аз рӯи виҷдон! Ман чунин худро ҳис кардам. Ман ба шумо тасвиреро пешниҳод мекунам. Ин яке аз рӯзҳои аввали дар Масеҳ

буданам, вақте ки ман танҳо дар Худованд се ё чорсола будам рӯй дод. Аз он рӯз ман ба Падар бештар боварӣ мекардам.

Ҷек ва Ман дар Мексика ба ҳайси мубаллиғ (миссионер) кор мекардем ва дар рӯзи истироҳат бо як гурӯҳи наврасони англисзабон ба табиат баромадем. Шароити зист хеле оддӣ буд, вале барои духтарон хеле хуш омад. Дар болои сарамон хаймаҳои низомӣ доштем.

Он шаб, ки мо атрофи гулхан нишаста будем ва ман онҳоро таълим медодам, дар ҳақиқат Худо гап зада буд. Якчанд наврас он бегоҳ наҷот дода шуданд ва ба Худованд имон оварданд. Дар гирди гулхан ман хулосаҳои гуногуни ҳиссӣ меовардам, аммо ман онҳоро даъват накардам. Вале бо вуҷуди ин онҳо аз торикӣ, як нафарӣ, баъзеҳо ашк дар чашм ба пеши ман меомаданд ва мегуфтанд, ки онҳо ба Худо рӯй гардонданд ва хоҳиши пайравии комили ӯро доранд. Худо такон дод!

Шодию хурсандии оншабаро дар хайма тасаввур кунед. Духтаракон чӣ хел буданд! Онҳо дар ҳаяҷони чуқуре буданд, вақте ки ногаҳон мо садои баланди дарднокро шунидем, “Оҳ, не! Ман иртиботамро аз даст додам! Волидайнам маро хоҳанд кушт”. Акнун шумо медонед, ки ба волидони мубаллиғ куштани фарзандонаш манъ аст, чунки ин шаҳодати бад аст! Вале, шояд Гейл ҳақ буд – мумкин дар сарашон ин фикр буд. Иртиботи аз даст рафта бароям наҷот буд, чунки иртиботи нав ҷои онро гирифт!

Ҳамаи мо ба зону нишаста будем, фонусҳо болои сарамон овезон буданд ва мо чашмонамонро ба алафи сабз дӯхта будем! Ва дар ҳамин маврид Худо ба ман хотиррасон кард, ки лаҳзае пеш ман ба ин наврасон дар бораи ӯ, нишонаҳои Ӯ ва роҳҳои Ӯ нақл кардам. “Аз Ман пурсед, то онро дарёфт кунам”, чунин фикр бар сарам омад. “Дар пеши ин духтарҳо аз ман пурсед”. Пас аз он гуфтугӯи хомӯш сар шуд. “Вале, Падар чӣ мешавад агар ман Туро мепурсам ва мо онро намеёбем? Баъд чӣ гап мешавад?” Ман ба назди гурӯҳам баргаштам, вале ҳар хел фикрҳо дар сарам чарх мезаданд. “ӯ медонад, ки ин иртибот дар куҷост, чунки Ӯ ҳамафаҳм аст. ҳеҷ чиз аз назари Ӯ пинҳон нест”. ҳанӯз ҳам ман муқовимат мекардам: ин хеле ҳам таваккалӣ буд. Эҳтимол мо онро намеёбем. Баъд Худо ба чӣ монанд мешавад? Беҳтар мешавад, агар ман обрӯю эҳтироми ӯро дар пеши ин нафарони ҷавон дар имон дар хатар намемонам. (Шумо инро мефаҳмед, аз кадом озмоиш ман гузоштам?).

Бале, Худо пирӯз шуд. Ман дуо кардам. Ман ба Ӯ дар бораи ҳар ваъдаҳои Ӯ хотиррасон кардам. Ман андеша кардам, ки ин ба паймони мо ҳам муносибат дорад.

Баъд аз оне, ки ман тамом кардам муддати кӯтоҳе мо ба оҳанги канда-канда ва номуназзами суруди Гейл нақароти кӯтоҳе, “Волидайнам маро хоҳанд кушт! Волидайнам маро хоҳанд кушт!” ҷӯстуҷӯ кардем.

Вақте ки ман қариб тайёр будам ба Худо гӯям, ки ҳаргиз наметавонам бо овози баланд дуо гӯям, Лили бо садои баланди ҳаяҷоновар чеғ зад. “Ман ёфтам! Ман ёфтам!” Ашк аз чашмони Ӯ мешорид. Вале чаро? Инҳо ашкҳои пур аз эҳсоси духтарона набуданд.

Ман вақти дарозе надоштам, ки интизор шавам. Аз ҳамаи наврасон, ҳеҷ кас дар рафтор ва ташнаи таблиғотӣ нисбат ба Лилӣ нишони тақлид набуд. ҳамаи мо бо камоли майл ӯро аз они худ ҳисоб мекарданд. Ӯ моро ба мубаллиғи идеалӣ монанд мекард! Лилқ
мегӯяд, ки Ӯ дар синни хурдӣ наҷот ёфта буд, ва аз рафтори Ӯ дар бораи ҳаққонияти иқрори Ӯ шубҳае набуд. ҳоло дар пеши мо духтари хеле зебо, бо чашмони пур аз ашк, гоҳе хандону гоҳе гирён дар бораи худ ба мо ҳикоят кард.

Баъд аз дарси гирди гулхан, Лилӣ дарк кард, ки Ӯ ҳақиқатан ҳаргиз наҷот ёфта набуд. Барояш эътироф кардани он ки Ӯ бисёр одамони дигарро ба Исо раҳнамоӣ кардааст, хеле гарон буд.
Чун Ӯ фаҳмид, ки ин рост аст, ва дар торикӣ корҳои дигар воқеъ шуданд. Лилӣ аз марг ба ҳаёт, аз зери ҳукмронии Шайтон ба зери ҳукмронии Малакути Худо гузашт. Ӯ дар миёни онҳое, ки муқаддас ҳастанд омурзиши гуноҳҳо ва насибро соҳиб шуд (Аъмол 26:18).ӯ ба хаймаи мо омад, то ин ки инро ба мо гӯяд ва ҳамин вақт Гейл аз сабаби иртиботи худ дар ҳаяҷон буд.

Он вақте, ки ман ба зону нишаста дар ҷустуҷӯи иртибот будам ва аз Худо дар бораи бо овози баланд дуо кардан кӯмак мепурсидам, Лилӣ аллакай дуо карда буд: “Худовандо, ҳамаи ин солҳо Ту бевосита ба дуоҳоям ҷавоб нагардондақ. ҳоло ман худро ба Ту мебахшам, ва инро ба василаи ҷавоб додан ба ин дуо исбот намо. Ба ман кӯмак кун то ин ки иртиботи Гейлро ёбам”.

Оё Худо доимо, вақте ки мо дуо мекунем, иртиботи гумшударо мeёбад? Ман баъзе ҳолатҳоро медонам, ки Ӯ наметавонад, ҳарчанд онҳое, ки дуо мекунанд самимона боварӣ доранд. Чаро Ӯ иртиботи Гейлро ёфт? Барои он ки Ман боварӣ доштам? Не. Барои он ки ин иродаи Ӯ буд – ва дар ин ҳолат мо мувофиқи иродаи Ӯ дуо мекунем.

Дар бораи ин андеша кунед. Дар бораи ин дуо кунед. Иродаи Худо калиди ҳал кардани бисёр асрорҳо роҷеъ ба дуо мебошад. Шумо аз Худо чиро хоҳиш кардед? Шумо аввал аз Ӯ хоҳиш кардед, агар ин иродаи Ӯ бошад? Агар не, пас чаро шумо вақтатонро дар дуо намегузаронед, то ин ки ба василаи он аз Ӯ хоҳиш кунед, ки Иродаи Худро ба шумо нишон диҳад.

## *РӮЗИ ЧОРДАҲУМ*

Аз як тараф мо “фақат имондорқ”-ро дорем ва аз тарафи дигар мо “иродаи Худо”-ро дорем. чӣ тарз мо ҳар дуро ба дуои таъсирнок нисбат медиҳем? Ин суоли хеле муҳим аст. Ёфтани ҷавоб ба ин савол шуморо аз дуоҳои умумӣ ба

мисли "Худоё ҳамаро дуои хайр бидеҳ" озод мекунад. Як бор шумо ин ҳақиқатро пазируфтед, дигар он шуморо аз дуоҳои густохона, ки бисёр вақт Худоро дар чашми одамизод беэътибор мекунанд, нигоҳ медорад, ва шумо метавонед бо боварии комил барои чизҳои махсус дуо кунед.

Аз сабаби нагуфтани суханҳои зиёдатӣ ҳангоми дуо, биёед бори дигар ба дастури Исо дар бораи чӣ хел дуо кардан назар андозем:

1. Дуо барои онҳое, ки метавонанд ва хоҳанд гуфт, ки "Эй Падари мо, ки дар осмонӣ, исми Ту муқаддас бод" Дуо танҳо барои онҳо асар мекунад, ки ба василаи имон овардан ба Худованд Исои Масеҳ фарзандони Худо шуданд. Барои он ки дуоятон натиҷае бахшад, шумо бояд он Касеро ки дуо мекунед парастиш кунед.

2. Дуо тобеъияти комилро ба Малакути Ӯ талаб мекунад комилан бояд бо малакути Худо як шавад ва волоии ӯро аз ҳама чизҳои дигар эътироф кунад.

3. Дуо итоатро талаб мекунад: доштани хоҳиши кор кардан мувофиқи иродаи ӯ, чӣ хеле ки он набошад, дар ин ҷо ва ҳоло дар замин. "Малакути Ту биёяд. Иродаи Ту чунон ки дар осмон аст дар замин ҳам ба амал ояд". Танзими иродаи Худо нест, чунки мо дар замин зиндагӣ мекунем, ки ҳукмронии ӯро эътироф намекунад.

Акнун дар партави ин се ҷумлаи намунавӣ, ки барои итоат кардан ба иродаи Худо даъват мекунад, оё ман метавонам ба таври оддӣ дуо кунам, чизеро талаб кунам ва онро интизор шавам, ки рӯй диҳад? Оё ин танҳо барои он ки Ман фарзанди Худо ҳастам, ва барои он ки ман боварӣ дорам, талаб мекунам, ва хоҳиши эътирофи мусбии имонро дорам, рӯй медиҳад? чӣ мешавад агар дуои ман иродаи Худо нест? Ба мақсади тасвир, чӣ мебуд агар ин иродаи Худо набуд, ки мо камераи сеюмро дошта бошем? Ва чӣ буд агар, дар имон, ман эътиқодманди он будам, ки Худо дар шаст рӯзи оянда камераро ба мо хоҳад дод? Фарз кардем, ман баҳонаи хуб доштам, ки тавассути иҷорагирии асбобу анҷом пулҳои Худоро аз сарфашавии беҳуда нигоҳ медоштам? Чун фарзанди Худо, оё ман имтиёзи талаб кардани камераи сеюмро доштам? Оё ман метавонистам, дар дуоҳои "имон ва эътиқоди муқаррарқ"-и худам, дар як вақти маҳдуд имон ва эътиқод орам? Агар ин танҳо матлаби имон ва эътиқод бошад, чаро не? Дар бораи ин андеша кунед!

Оҳ, дӯстам, ман одамонеро медонам, ки чандин маротиба дар имони худ ғарқ шуданд, чунки онҳо барои Худо вақти маҳдуде муайян карданд. Онҳо Навиштаи Муқаддасро талаб карданд, рӯзро қарор доданд, ва ҳангоме, ки он наомад ин одамон пароканда шуданд. Дигарҳо ба шифоёбии ҷисмонии касе имон ва эътиқод доранд – фақат он шахсе аз ин дунё равад.

Зане ба ман гуфт, ӯ медонад Худо падарашро шифо мебахшад. Вақте ки ӯ дар касалхона мурд, он зан Библияи худро сари синааш монда ӯро барои ҳаёти дубора дуо кард. Баъди муддати кӯтоҳе ӯ маротибаи дуюм мурд. Ӯ ба кормандони касалхона манъ кард, ки ба ҷасади ӯ даст расонанд. Зан дарро пӯшида ва панҷ ё шаш соат ӯро фармон дод зинда шавад, чунки ин зан боварӣ дошт. Ӯ ба ҳақиқате ки дар Матто 21:21-22 омадааст часпида буд. "Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: "Ба ростӣ ба шумо мегӯям, агар имон дошта бошед ва шубҳа накунед, на танҳо онро, ки ба дарахти анҷир рӯй дод, ба амал хоҳед овард, балки агар ба ин кӯҳ гӯед, ки "бархоста, худро дар баҳр афкан" – чунин хоҳад шуд. Ва ҳар он чӣ дар дуо бо имон талаб кунед, хоҳед ёфт" (Матто 21:21-22).

Дар бораи 1 Юҳанно 5:14-15 чӣ фикр доред?

Ва ҷуръате ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад. Ва агар донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад, онро низ медонем, ки он чӣ аз Ӯ талаб кардаем, меёбем.

Чӣ хел гуфтаи дар 1 Юҳанно омадаро бо Матто 21:21-22 муқоиса кунем? Фикри худатонро нависед, ва пагоҳ мо онро бо ҳам хоҳем дид.

## *РӮЗИ ПОНЗДАҲУМ*

Онҳое, ки имон доранд, ки марги Исо на танҳо аз гуноҳ моро халосӣ дод, балки ҳамчунин ҷисмҳои моро комилан шифо бахшид тарафдорони ҳақиқии "имон, эътиқод" мебошанд ва ин як навъи дуои шумо мебошад. Баъзеҳо инро ҳамчун "пайғоми имон" ҳисоб мекунанд. Онҳо мегӯянд, ки боварӣ кардан кофӣ нест – шумо бояд имон дошта бошед. Онҳо имонро аз боварӣ кардан бо гуфтани он ки имон дар он чизе, ки шумо боварӣ доред ба амал меояд. Боварӣ камфаъол аст, имон фаъол аст. Эътиқоди мусбӣ имонро фаъол мекунад. Он чизе, ки шумо мегӯед онро хоҳед гирифт. Бинобар ин эътиқоди манфӣ аз имон орӣ аст. Шумо ба Худо боварӣ надоред. Аз ин сабаб Худо ба дуоҳои шумо ҷавоб намедиҳад.

Чӣ хел онҳо аз ҷиҳати библиявӣ ин таълимотро пуштибонӣ мекунанд? Ман наметавонам ҳамаи матнҳоро дар бар гирам. Вале як гуфтаи муҳими Навиштаро, аз Матто 21 шумо дина аз назар гузарондед.

Матто 21:18-22-ро хонед ва ба калимаҳои зеринро таваҷҷӯҳ зоҳир кунед: имон, шубҳа, боварӣ (имон), гуфт.

Бомдодон, вақте ки ба шаҳр бармегашт, гурусна монд. Дар сари роҳ дарахти анҷире дида, назди он рафт ва, ҷуз баргҳо, чизе бар он наёфта, ба он гуфт: "Пас аз ин то абад мевае аз ту нарӯяд". Ва ҳамон дам дарахти анҷир хушк шуд. Шогирдон инро дида, дар тааҷҷуб монданд ва гуфтанд: "чӣ гуна ин дарахти

анҷир даррав хушк шуд?”. Исо дар ҷавоби  онҳо гуфт: “ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар имон дошта бошед ва шубҳа накунед, на танҳо онро, ки ба дарахти анҷир рӯй дод, ба амал хоҳед овард, балки агар ба ин кӯҳ гӯед, ки “бархоста, худро дар баҳр афкан”, -чунин хоҳад шуд; ва ҳар он чӣ дар дуо бо имон талаб кунед, хоҳед ёфт” (Матто 21:18-22) .

Онҳо ҳамчунин Марқӯс 11:23-24-ро, ки ин гапҳоро такрор мекунад истифода мекунанд. ҳамчунин ин калимаҳоро нишона кунед. Ба Худо имон оваред. Зеро ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба ин кӯҳ гӯяд: “Бархоста, худро дар баҳр афкан” ва дар дили худ шак надошта бошад, балки яқин дорад, ки он чӣ гӯяд мешавад, ҳар чӣ гӯяд ба вай ато хоҳад шуд. Бинобар ин ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, - ва ба шумо ато хоҳад шуд. Агар шумо ин оятҳоро аз Матто ва Марқӯс гирифта онҳоро аз Навиштаҷот ҷудо кунед.

Ва мувофиқи ин навиштаҳо, агар ин ба кор наояд, шумо метавонед гӯед, ки сабабаш шубҳа буд. Вале, Дӯстам, шумо наметавонед Навиштаҷотро аз ҳам ҷудо кунед. ҳамаи Навиштаҳо бояд бо ҳам мувофиӣ оянд. Навиштаҷот наметавонад мухолифи Навиштаҷот бошад.

Бинобар ин агар шумо мехоҳед табиати ҳақиқии дуо ва тарзи кори онро фаҳмед, шумо бояд ҳамаи он чиро, ки Каломи Худо оиди ин мавзӯъ таълим медиҳад, донед! Барои ҳамин шумо наметавонед Юҳанно 14:14-ро гиред, “Агар чизе ба исми Ман биталабед, Ман онро ба ҷо хоҳам овард!

Ман мехоҳам дар бораи номае, ки аз зане гирифтам ба шумо нақл кунам. Дар он чунин омадааст.

Ман мехоҳам шуморо барои мақолае, ки 15 октябр дар газетаи “Дӯст” омода гардида буд сипосгузорӣ кунам. Дар ҳақиқат фақат раҳмат гуфтан кофӣ нест. Шояд ман чунин гӯям “Раҳмат!”

Ман Худоро ҳамду сано мекунам ки Ӯ ба шумо ҷасорат дод, то ин ки шумо хилофи таълимоти эътирофкунии ___________________________
Ки он ҳоло хеле васеъ паҳн шудааст. Бале ин таълимот “зарари калон” дорад, - ман то кунун захми онро дорам. Ва ҳозир ман вақт дорам ба шумо дар бораи ҳаёти худам нақл кунам. Ман танҳо гуфтаниам, ки ман медонам ин чӣ аст, вақте ки масеҳии нав, ки тайёр аст амиқтар сӯи таслимшавӣ аз тарафи Худованд ва иродаи комили Ӯ равона шавад ва дар ҳамин ҷо бо ҳамин таълимот зарба зада шавад. Ман медонам чӣ хел кас худро танҳо ҳис мекунад, вақте Ӯ дар ҷангу ҷидоли ҷисмонӣ, фикрӣ ва рӯҳӣ аст ва эҳтиёҷ дорад бо нафари дигаре сӯҳбат кунад, вале шумо наметавонед  бо касе сӯҳбат кунед, чунки шуморо метавонанд барои эътирофи манфӣ мутаҳҳам кунанд.

## *РӮЗИ ШОНЗДАҲУМ*

Оё ҳамаи ин барои Шумо мушкил аст? Дили худатонро баракат диҳед! Ин хеле муҳим аст, ки шумо тамоми иродаи Худоро медонед. Павлус ин ҳақиқатро дарк кард ва чунин навишт: Зеро ки ҳеҷ як фурсатро аз даст надодаам, ки ба шумо тамоми иродаи Худоро бифаҳмонам. Пас, нигаҳбони худатон ва нигаҳбони тамоми он рамае бошед, ки Рӯҳулқудс шуморо барои назорат кардани он таъин намудааст, то ки Калисои Худоро, ки Ӯ бо хуни худ харидааст, бичаронед. Зеро ман медонам, ки баъд аз рафтани ман гургҳои дарранда ба миёни шумо хоҳанд омад, ки ба рама раҳме нахоҳанд кард. Аз миёни худатон низ шахсоне пайдо хоҳанд шуд, ки суханони каҷ хоҳанд гуфт, то ки шогирдонро аз ақиби худ бикашанд (Аъмол 20:27-30).

Агар шумо тамоми иродаи Худоро дар дуо надонед, шумо метавонед раҳгум занед. Одамон ба ин пайғоми "имон" часпида, бе ягон ҷустуҷӯ аз Навиштаҷот, ки оё ин пайғом дуруст аст ё не, аз он баҳра мебаранд ва охир ягон зиёне мекунанд. Онҳо на танҳо ақидаи барғалатро, ки дар асоси таҷрибаи онҳо аст, таълим медиҳанд, балки дар бисёр мавридҳо имони худи онҳо хароб мешавад, вақте ки он таълимоте ки онҳо ба дигарон меомӯзанд дар вақти зарӯрӣ ба кор намеояд.
1 Юҳанно 5:14-15 ва Юҳанно 15:7-ро бодиққатона хонед. Баъд аз тамом кардан ба суолҳо ҷавоб диҳед.

Ва ҷуръате, ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад. Ва агар донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад, онро низ медонем, ки он чӣ аз Ӯ талаб кардаем, меёбем (1 Юҳанно 5:14-15).

"Агар дар ман бимонед, ва сухани Ман дар шумо бимонад, ҳар чӣ мехоҳед, талаб кунед, ва он ба шумо дода хоҳад шуд (Юҳанно 15:7).

1. Мувофиқи 1Юҳанно 5:14-15, барои он ки дуои мо аз тарафи Худо шунида шавад ва ҷавоб дода шавад кадом шартҳо ҳастанд?

2. Агар ман ин шартҳоро ба ҷо меоварам дар пеши Худо чӣ хоҳам дошт? (ин сухан дар матни болоӣ аст).

3. Бар тибқи ин ду порча, кай ман метавонам боваринок бошам, ки Худо ба ман он чиро, ки талаб кунам, медиҳад?

4. Дар шартҳо барои дуоҳои ҷавобгирифтаи ин ду порча ягон алоқае ҳаст? Агар бошад, маънидод кунед. Агар набошад, маънидод кунед.

5. Агар шумо ин Навиштаҷотҳоро бо онҳое ки дирӯз хондем ҳамчун ҷиҳати муҳими таълимот як кунед, дар дуо чӣ фоида хоҳед дид? Рӯйхати он чизҳоеро, ки ин Навиштаҷот роҷеъ ба дуои мустаҷоб таълим медиҳад нависед.

## *РӮЗИ ҲАБДАҲУМ*

Ман фикр мекунам, ки акнун шумо дарк кардед, агар шумо мехоҳед Худо ба дуоҳои шумо ҷавоб диҳад, мувофиқи иродаи Ӯ талаб кунед. "Агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад" (1 Юҳанно 5:14). Баъд чунин савол ба миён меояд, "чӣ хел ман иродаи ӯро медонам?". Саволи хуб ҳамин хел не?

Дар Юҳанно 15:7 ба ин савол чунин ҷавоб омадааст. "Агар дар Ман бимонед, ва сухани Ман дар шумо бимонад, ҳар чӣ мехоҳед, талаб кунед ва он ба шумо дода хоҳад шуд". Дар ин ҷо ваъда аст: чизеро ки мехоҳед талаб кунед, ва он ба шумо дода хоҳад шуд. Дар айни ҳол бо ин ваъда шарте низ ҳаст! Шарт он ҳаст, ки шумо бояд дар Ӯ бимонед ва сухани Ӯ бояд дар ту бимонад. Ин шарт калиди донистани иродаи Худо мебошад.

Якум, агар шумо мехоҳед иродаи Худоро донед, шумо бояд дар Ӯ бимонед. Калимаи "мондан" маънии "дар хона будан бо касе, зиндагӣ кардан бо касе"-ро дорад. Агар шумо бо ягон кас бимонед, ӯро ба хубӣ мешиносед.

Ба ман иҷозат диҳед, ба шумо тасвиреро аз ҳаёти худ пешкаш намоям. Одамон бисёр мехоҳанд дар бораи ман донанд, чунки онҳо маро дар минбар ё телевизион дидаанд, ё сабтҳо ва барномаҳои радиоии маро гӯш кардаанд, ва инҳо ҳастанд иртиботи онҳо бо ман. Ва вақте ки онҳо имкони савол додан пайдо мекунанд, бо саволҳои беохир ба ман муроҷиат мекунанд. "Кей чӣ хел одам аст?" Одамони кунҷков аз фарзандони мо мепурсанд, "Оё модаратон хӯрок тайёр мекунад?" Бисёриҳо, ки паёми ба монанди паёми Ирмиё будаи маро мехонданд маро дар ҳолати истироҳат, хурсандӣ кардан ва ханда кардан тасаввур кардан наметавонанд. Ва агар баъзе вақтҳо ман ягон кори хато кунам ҳамкоронам чунин мегӯянд: "Агар онҳо ҳозир метавонистанд шуморо бинанд!" Чаро одамон маро дар "кулл" мебинанд? Чаро онҳо танҳо баъзе ҷанбаҳои табиати маро мебинанд? Чаро? Ин хеле оддӣ – чунки мо дар ҳамдигар нестем.

Бинобар ин баъзе занҳо чунин мегӯянд; "Агар Кей инро медонист, шояд ӯ инро маъқул медонист". Бале, онҳо ғалат мекарданд. Ман кори Калисоҳоеро, ки ба ҳар як шахс ҳафт доллар медиҳанд, то ки маро дар конфронсҳо гӯш кунанд маъқул намешуморам. Ва он занҳое, ки аз номи ман гап мезананд, фикр мекунанд, ки онҳо ҳақ ҳастанд, вале онҳо хато мекунанд. Онҳо суханони маро

шуниданд, ки ман мутассадӣ нестам, ки Каломи Худоро бо пул ба касе фурӯшам. Шахсан ман бовар намекунам, ки бо ин амалам Худоро хурсанд кунам, ҳоло он ки ман таблиғгари Каломи Ӯ ҳастам. Вале, ман нагуфтам, ки ба одамон барои ташрифёбӣ ба конфронсҳо пул диҳанд. Чаро мо барои конфронсҳо дар Пресепт Министриез пул медиҳем. Онро барои пӯшондани пули хона, хӯрок ва корҳои дигар харҷ мекунем, то ки конфронс бо як мароми муайян равад. Онҳо гапҳои маро дигар хел овардаанд, чунки онро аз матн ҷудо карданд.

Ва ҳамчунин мо метавонем суханони Худоро дигар хел фаҳмем, агар мо дар Ӯ набошем ва сухани Ӯ дар мо набошад. Бинобар ин мо бояд вақтамонро дар танҳоӣ бо Ӯ гузаронем, ва барои он ки Каломи Ӯ дар мо бимонад… мо бояд ӯро ва иродаи ӯро пурра донем.

Дар бораи ин мо пагоҳ ҳарф мезанем. Саволи имрӯза чунин ҳаст, “То чанд шумо дар Ӯ мемонед ва то чанд сухани Ӯ дар шумо мемонад?” Чаро? ҷавоби худатро навис то ин ки мувофиқи он амал намоқ.

Ман фикр мекунам, ки акнун шумо дарк кардед, ки агар шумо мехоҳед Худо ба дуоҳои шумо ҷавоб диҳад, мувофиқи иродаи Ӯ талаб кунед. “Агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад” (1 Юҳанно 5:14). Баъд чунин савол ба миён меояд, “чӣ хел ман иродаи ӯро медонам?”. Саволи хуб ҳамин хел не?

Дар Юҳанно 15:7 ба ин савол чунин ҷавоб омадааст. “Агар дар Ман бимонед, ва сухани Ман дар шумо бимонад, ҳар чӣ мехоҳед, талаб кунед ва он ба шумо дода хоҳад шуд”. Дар ин ҷо ваъда аст: чизеро ки мехоҳед талаб кунед, ва он ба шумо дода хоҳад шуд. Дар айни ҳол бо ин ваъда шарте низ ҳаст! Шарт он ҳаст, ки шумо бояд дар Ӯ бимонед ва сухани Ӯ бояд дар ту бимонад. Ин шарт калиди донистани иродаи Худо мебошад.

Якум, агар шумо мехоҳед иродаи Худоро донед, шумо бояд дар Ӯ бимонед. Калимаи “мондан” маънии “дар хона будан бо касе, зиндагӣ кардан бо касе”-ро дорад. Агар шумо бо ягон кас бимонед, ӯро ба хубӣ мешиносед.

Ба ман иҷозат диҳед, ба шумо тасвиреро аз ҳаёти худ пешкаш намоям. Одамон бисёр мехоҳанд дар бораи ман донанд, чунки онҳо маро дар минбар ё телевизион дидаанд, ё сабтҳо ва барномаҳои радиоии маро гӯш кардаанд, ва инҳо ҳастанд иртиботи онҳо бо ман. Ва вақте ки онҳо имкони савол додан пайдо мекунанд онҳо бо саволҳои беохир ба ман муроҷиат мекунанд. “Кей чӣ хел одам аст?” Одамони кунҷков аз фарзандони мо мепурсанд, “Оё модаратон хӯрок тайёр мекунад?” Бисёриҳо, ки паёми ба монанди паёми Ирмиё будаи маро мехонданд маро дар ҳолати истироҳат, хурсандӣ кардан ва ханда кардан тасаввур кардан наметавонанд. Ва агар баъзе вақтҳо ман ягон кори хато кунам

ҳамкоронам чунин мегӯянд: “Агар онҳо ҳозир метавонистанд шуморо бинанд!” Чаро одамон маро дар “кулл” мебинанд? Чаро онҳо танҳо баъзе ҷанбаҳои табиати маро мебинанд? Чаро? Ин хеле оддӣ – чунки мо дар ҳамдигар нестем.

## *РӮЗИ ҲАЖДАҲУМ*

“Вале чӣ хел ман медонам, ки Иродаи Худо чист?” мепурсед шумо. Агар ман барои ба дуоҳоям ҷавоб гирифтан мувофиқи иродаи Ӯ бояд дуо кунам, чӣ хел ман фаҳмидани иродаи ӯро меомӯзам?”.

Тамом! Саволи охирин

Ман боварӣ дорам, ки фаҳмидани иродаи Худо санъати илоҳиест, ки ба василаи нишастан дар пеши пои Ӯ омӯхта мешавад.

Лаҳзае ба Дуои Худованд бармегардем. Ба ёд оред, ки он бо парастиши Падар сар шуда, баъд бо тобеъияти комил ва нолаи дил барои иҷро кардани иродаи Ӯ давом меёбад… ин итоати дурудароз ва иродавӣ мебошад. Оё шумо дар ин нуқтаи Дуои Худованд дидед, ки ягон талаб карда нашудааст? Ана ҳамин нуқтаи асосист. Пеш аз он ки аз Худо ягон чизро талаб кунед, ба шумо лозим аст, ки пеши Ӯ интизор шавед, ва дар:

1. Муносибати Ӯ ба шумо … ҳамчун Падари шумо.
2. Волоияти Ӯ … Ӯ дар осмон зиндагӣ мекунад ва аз болои ҳамаи мо ҳукм меронад.
3. Қудсияти Ӯ … ҷиҳатҳои ӯ, ки ӯро Худо мекунанд, бимонед.

Вақте ки шумо ба ин чизҳо диққат медиҳед, итоат ба иродаи Худо худ ба худ пайдо мешавад. Оё шумо мехоҳед роҳи худро интихоб кунед агар он муқобили роҳи ӯ, мақсади ӯ, ва иродаи Ӯ бошад?

Дар ин ҷо шояд муборизаи беамон бошад. Вале албатта агар шумо ду ҷиҳати Дуои Худовандро иҷро кунед, муборизаи шумо ба охир мерасад ва он монанди дуои Исо дар ҷатсамонӣ мешавад: “Эй Падар! Агар бохоҳӣ, ин косаро аз Ман бигзарон; лекин на иродаи Ман, балки иродаи Ту бигзор ба амал ояд”.

Ӯ намехост тавассути дӯзахи салиб гузарад, зеро дар он салиб Ӯ барои мо лаънат гардид (2 Қӯрунтиён 5:21; Ғалотиён 3:13). Вале бо вуҷуди ин Ӯ иродаи Худоро ба ҷо овард. Дӯстам, оё медонед, ки Исо барои мо мисоли зинда ин ду ҷиҳати Дуои Худованд – парастиш ва итоат мебошад.

Агар шумо дар Ӯ ба василаи ибодат ва Калом бимонед, суханҳои Ӯ дар шумо хоҳанд монд. Пас, аз сабаби он ки шумо иродаи ӯро донед, шумо қобил ҳастед бар табқи иродаи Ӯ талаб кунед.

“Вале, Кей”- мумкин шумо мепурсед, “чӣ хел ман метавонам иродаи ӯро ба тарзи махсус донам?” Ба андешаи ман ҷавоб таслис мешавад. Ба омили аввал мо имрӯз назар мекунем.

Дар Румиён 12:1-2 чунин омадааст, “Пас, шуморо, эй бародарон, ба марҳамати Худо даъват менамоям, ки ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед: ибодати оқилонаи шумо ҳамин хоҳад буд. Худро ба ин дунё ҳамшакл насозед, балки ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред, то дарк кунед, ки иродаи нек, писандида ва комили Худо чист”.

Ибораи, “шумо бо далел гуфта метавонед, ки иродаи Худо чист?”-ро қайд намудед? Шумо ҳаргиз иродаи ӯро нахоҳед донист агар аввал шумо ӯро ҳамчун Худо бо тақдимкунии ҷисми худ ҳамчун қурбонии зинда ва муқаддас ибодат накунед, ин аст “ибодати оқилонаи шумо”. Дуввум, шумо бояд “ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред”.

“Худро ҳамчун қурбонии зинда тақдим кардан?” чӣ маънӣ дорад. Ду калима, зинда ва қурбонӣ бо ҳам мувофиқ намеоянд ҳамин тавр не! Вақте ки мо дар бораи қурбонии библиявӣ фикр мекунем, мо дар бораи чизе ё каси (Худованди мо) мурдаистода фикр мекунем.

Барои он ки мо, ки дар хатоҳо ва гуноҳҳои худ мурда ҳастем зиндагӣ мекунем, Исо мурд ва боз эҳё шуд. Ин Хабари Хуш аст. Ва Хабари Хуш он аст, ки Павлус дар Румиён 1-11 муфассалан маънидод кардааст. Баъд вақте ки инро тамом мекунем, дар Румиён 12:1-2 зери илҳоми Рӯҳулқудс, Ӯ ба мо чӣ хел зиндагӣ карданро меомӯзад, ва чӣ хел мо ба наҷотёбии бузург ҷавоб диҳем: Мо, ки мурда будем ва ба мо ҳаёт ато шуда буд, ба Ӯ бояд ҷавоб диҳем ва ин ҷавобамон на мувофиқи роҳи мо, амри мо, андешаҳои мо, санҷиши мо ва хоҳиши мо бошад, балки он бояд бар тибқи итоати комил ба ҳамаи он чизе, ки Худо мехоҳад бо мо, ё ба василаи мо анҷом диҳад. Ба мисли Исо, ман ва ту низ бояд худро дар қурбонгоҳ гузорем ва бигӯем, “На иродаи ман, балки иродаи Ӯ иҷро хоҳад шуд”.

Дӯстам, лаҳзае бо ҳам андеша намоем. Агар ҳар фарзанди Худо ин корро дар ҳақиқат ҳам мекард, фикр кун, ки то чӣ андоза Инҷил пеш мерафт. Фикр кун, ки чанд пули дигар барои таблиғ ва барои кори Худованд хоҳад буд. Фикр кун, ки то чӣ андоза шаҳодати мо таъсирноктар мешуд, тарси мо аз Худо нисбати тарси одамизод зиёдтар мешуд, мо боҷуръаттар мешудем ва барои наҷоти ҷисми худ обрӯю эҳтиром, роҳат ва ҳатто ҳаёти худ созиш намекардем! Андеша кунед, ки то чӣ андоза ҳаёти мо ҷолиб хоҳад шуд, ва чун онҳо мебинанд, ки мо Исоро чунон дӯст медорем ва ба Ӯ чунон боварӣ дорем, ки тайёр ҳастем чунин ҳаёти фидокоронаро пеш барем, диққати тамоми оламиён ба мо ҷалб хоҳад шуд. ҳатто зимни навиштани ин сатрҳо, ман ҳаётамро таҳлил мекунам. Оё ман дар ҳақиқат ҳам барои Худо дар қурбонгоҳ қурбонии зинда ҳастам?

Дар бораи ин фикр кунед. Чаро мо ақли худамонро аз нав кунем. Ист ва фикр кун, дӯстам!

Чӣ қадар шумо  омӯхтед, ки дар асоси принсипҳои библиявӣ буд? Чӣ қадар устодони шумо фарзандони Худо буданд, ё шогирдон ва имондорони Каломи Худо буданд? Чӣ қадари онҳо боварӣ доштанд, ки ин Каломи пок ва махлутнашудаи Худои Бузург аст, ва он бе ягон хато аст ва ҳамаи гуфтаҳояш дақиқ ҳастанд?

То чӣ андоза он чизҳоро, ки дар васоити ахбор мебинед ё мешунавед ё дар матбуот мехонед тафаккури шуморо ба сӯи меёрҳои библиявӣ равон мекунанд? Шумо пеш аз донистани Худованд Исои Масеҳ чиро аз худ кардед ва омӯхтед?

Оё фикронии шумо, далеловарии шумо, ва имони шумо ба танзиму татбиқ ниёз дорад? Танҳо як роҳи донистан аст ба воситаи Калом, омӯзиши мунтазам – на як оят аз ин ҷо ва як оят аз дигар ҷо, балки як китоб паи китоб. Чун ин корро ба ҷо овардед, тафаккури шумо аз нав мегардад.

Вақте ки шумо дар Библия чизеро дучор омадед, ки ба тафаккур, имон ва ҳаёти шумо бегона аст, шумо бо ҳақиқат рӯ ба рӯ мешавед ва дар ин ҳолат шумо ба танзимкунӣ ниёз доред. ҳангоме, ки шумо ин танзимкуниро иҷро кардед тафаккури шумо таҷдид мешавад…  ва дуоҳо ба номи Худованди мо ҷавоб хоҳанд гирифт.

Исо пеш аз рафтан ба боғи ҷатсамонӣ, ки дар он ҷо Ӯ таслим шуда буд, барои Шумо дуо кард, “Илтимос намекунам, ки Ту онҳоро аз ҷаҳон бибарӣ, балки онҳоро аз шарорат муҳофизат намоқ. Онҳо аз ҷаҳон нестанд, чунон ки Ман низ аз ҷаҳон нестам. Онҳоро бо ростии Худ тақдис кун: каломи Ту ростист. (Юҳанно 17:15-17).

Тақдискунии чизе ин онро аз ҳам ҷудо кардан аст. Ва ин Каломи Худо, ки шуморо аз ҳам ҷудо мекунад. Чаро? Барои он ки Каломи Ӯ ростист. Бинобар ин чизеро, ки шумо ба он боварӣ доштед бо каломи Худо мувофиқ нест, чизеро, ки шумо ба он имон доштед хато аст. Ин дурӯғ аст, ва тафаккури шумо бояд аз нав шавад.

Ба ёд биёр,  пеш аз он ки шумо Худовандро шинохтед, шумо фарзанди хашму ғазаб, писари исён будед. Бодиққат гӯш кунед, ки Худо дар Эфсӯсиён 2:1-3 чӣ гуфтааст: “Шумо ба сабаби хатоҳо ва гуноҳҳои худ як вақте мурда будед. Дар онҳо шумо мувофиқи давраи ин олам ва иродаи мире, ки дар ҳаво ҳукмрон аст, яъне он рӯҳе, ки ҳоло дар писарони исён амал мекунад, зиндагӣ мекардед. Дар миёни онҳо ҳамаи мо низ як вақте аз рӯи шаҳавоти ҷисми худ зиндагӣ карда, ҳавасҳои ҷисм ва хаёлотро ба ҷо меовардем ва табиатан, мисли дигарон, фарзандони ғазаб будем”.

Акнун андеша кунед, ки Исо дар бораи шайтон чӣ гуфт. Мумкин шумо оятро медонед, вале онро сарфи назаратон накунед. Дар бораи он, ки Исо чӣ гуфта буд чуқуртар фикр кунед. "Падари шумо иблис аст, ва шумо мехоҳед орзуҳои падари худро ба амал оваред; вай аз ибтидо қотил буд ва дар ростӣ собит намонд, зеро ки дар вай ростӣ нест; вақте ки вай сухани дурӯғ мегӯяд, аз они худро мегӯяд, зеро ки вай дурӯғгӯй ва падари дурӯғ аст". (Юҳанно 8:44).

Шайтон дурӯғгӯ аст. Бале, баъзе вақтҳо Ӯ ҳақиқатро бо дурӯғ бо ҳам меомезад. Ӯ инро ҳангоми озмоиши Исо карда буд, вале Исо тавонист ҳамаи инро аз Худ дур кунад, чунки Ӯ Каломи Худоро – иродаи комили Худоро медонист. Ва шумо низ фарзандони меҳрубони Худо бояд ҳамин хел кунед.

Барои ҳамин шумо бояд тафаккури худро бо иродаи комили Худо аз нав кунед.

Ин вазифаест, ки онро мебоист дар давраи зиндагӣ иҷро кард.  Ҳамчунин ин кори озодшавӣ аст, чаро ки "ростиро хоҳед шинохт, ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард" (Юҳанно 8:32). Ва, албатта ин ба шумо кӯмак мекунад нисбатан беҳтар дуо кунед, чунки акнун шумо медонед чӣ хел мувофиқи Каломи Худо дуо кард. Далели ин, ман тафаккури худамро чанд бор аз нав кардам, ва дарёфтам, ки ман Каломи Худоро, ба Худо бо дуоям бармегардонам. Ин тарсовар аст, чунки вақте ки ман дуо мекунам, ман медонам, ки дуоҳои ман библиявӣ ҳастанд. Вале, дар хотир нигоҳ доред, ки шумо бояд мувофиқи иродаи комили Калом дуо кунед. Шумо наметавонед аз матн оятҳоро гиред.

## *РӮЗИ НӮЗДАҲУМ*

Дирӯз ман қайд намудам, ки асосан се роҳе мавҷуд ҳастанд, ки тавассути онҳо кас Иродаи Худоро мефаҳмад. Якум, ба василаи ибодати қурбонӣ мебошад. Дуввум, ба василаи донистани _________ Комили Худо мебошад. Худо ҳаргиз баръакси Каломи Худ ва табиати Худ амал намекунад. Сухани Худро аз исми Худ баландтар кард (Забур 138:2).

Ҳоло мо роҳи сеюмро аз назар мегузаронем, ки онро Иродаи имрӯзаи Худо меноманд.

Дар Юҳанно 15:7 омадааст. "Агар дар Ман бимонед, ва Сухани Ман дар шумо бимонад, ҳар чӣ мехоҳед талаб кунед, ва он ба шумо дода хоҳад шуд". Дар ин ҷо калимаи юноние, ки барои "сухан" истифода мешавад рҳема (rhema) мебошад.

Асосан ду калимаи юнонӣ мавҷуд ҳастанд, ки ба Сухани Худо нисбат дода мешаванд: логос (logos) ва рҳема (rhema).

Маънии логос “(1) ифодаи фикр… (а) ҳамчун таҷассуми мафҳум ва идеяҳо (б) гуфтаҳо ва баёнҳо (с) мубоҳиса ва гуфтори омӯзиш (ll) Каломи Шахсӣ, номи Писари Худо.

Рҳема маънои онро дорад, ки чӣ гуфта мешавад, ва чӣ ҳангоми гуфтор ё навишт ба забон оварда мешавад… муҳим будани рҳема (аз логос фарққунанда) дар дастури гирифтани шамшери Рӯҳ, ки каломи Худо аст, маънидод шудааст? Эфсӯсиён 6:17; Дар ин ҷо ба тамоми Библия таъкид нашудааст, балки ба навиштаи фардӣ, ки рӯҳ онро ҳангоми эҳтиёҷот, барои истифода ба ёди мо меорад, ва он ниёзе ҳаст, ки мунтазам тафаккури моро бо Навиштаҳо пур мекунад.

Бар тибқи ҳамаи ин, Худо дар Юҳанно 15:7 дар бораи иродаи Худо чӣ баён кардааст? Ман метавонам иродаи Худоро дар ҳолати махсус, он замоне донам, ки Худо бо Рӯҳи Худ тафаккури маро бо рҳема навиштаҳои махсус, ки дар ҳолати махсус ба кор меоянд пур мекунад.

Агар шумо Худоро интизорӣ кашед, ӯро ибодат кунед, хоҳиши онро доред, ки ҳар иродаи ӯро ба ҷо оваред, он гоҳ Худо ба шумо имкон медиҳад, ки ба василаи рҳема хоҳиши ӯро дар ҳолатҳои махсус бифаҳмем.

Пас, оё ин маънои онро дорад, ки пеш аз донистани иродаи Худо ҳама вақт аз Худо рҳема дошта бошед? Не! Не! Не! Ҳамчунин шумо метавонед ба таври оддӣ – дар Ӯ будан иродаи ӯро бифаҳмед. Баъзе чизҳо ҳастанд, ки ман ниёз надорам онҳоро аз Худо пурсон шавам. Чаро? Чунки ман Каломи Ӯро медонам, Ман Ӯро медонам, ва вақте ки ман суолҳо ва хулосаҳои худро бо дониши Ӯ ва Каломи Ӯ муқоиса кунам, ман бе ягон мушкилот ҷавобҳои Ӯро меёбам. Ман, “аз дониши иродаи Ӯ дар ҳар ҳикмат ва фаҳми рӯҳонӣ пур шудам” (Қӯсассиён 1:9). Ин зебогии дар Ӯ мондан ва доштани сухани Ӯ дар худ мебошад.   Баъзе вақтҳо, танҳо барои он ки Ман Каломи Ӯро медонам, Ман иродаи Ӯро медонам.

Вақте ки ман дар бораи рҳема, навиштаи махсусе, ки онро Худованд ба тафаккури шумо меорад, гап мезанам, илтимос дида баромадани онро мувофиқи ҳамаи он чизе, ки ман пештар гуфта будам,  аз хотир набаоред. Бисёр одамон ба дигарон гуфтани он, ки онҳо аз Худо “рҳема” доранд, дӯст медоранд. Вале мо бояд дар ин ҳолат эҳтиёткор бошем. На ҳамаи онҳо, ки мегӯянд ки аз Худо “рҳема” доранд, сухани Худоро доро ҳастанд. Ва чун онҳо дар назди Худо аз ҳамаи суханҳо ва амалҳои кардаашон ҳисобот медиҳанд, мо низ барои гӯш кардани ин гапҳо ва тибқи онҳо кор кардан дар пеши Худо ҷавоб хоҳем дод.

Оё бехатарии мо дар он ҳаст, ки моро набояд ҳеҷ чиз ё ҳеҷ кас ба ғайр аз Худо раҳнамоӣ кард? Хуб, оғози ин корҳо мувофиқи Румиён 12:1-2 зиндагӣ кардан мебошад. Вале ҳамчунин мо ниёз дорем, ки пеши пои Худованди мо нишаста ба Ӯ гӯш диҳем. Баъд ҳамаи он чизеро, ки Ӯ ба мо мегӯяд, иҷро бояд кард.

Луқо 10:38-42-ро бодиққат аз назар гузаронед. Акнун, он чиро ки дар бораи Марта ва Марям аз ин порча хондед дар зер нависед. Ҳамчунин нависед, ки Исо бо ҳар дуи онҳо чӣ хел дастур ё ваъда дода буд.

| **МАРТО** | **МАРЯМ** |
| --- | --- |

Дӯстам, акнун боварӣ дорӣ, ки "рҳемаҳои" шумо рҳемаҳои Худо ҳастанд. Дар пеши пои Ӯ нишастан ва гӯш карданро ёд гир. Саросема набош. Агар шумо дар назди Худо ором бошед, шумо овози ӯро мешунавед ва мувофиқи иродаи Худо чӣ хел дуо карданро хоҳед донист.

## *РӮЗИ БИСТУМ*

"Вале чӣ мешавад, ки шумо то ҳоло намедонед, ки иродаи Худо чӣ ҳаст, чунки Сухан__________________________________________? Ё, агар шумо аз ҷониби Худо рҳема надоред. Он гоҳ шумо чӣ кор мекунед? Мепурсед шумо.

Сипас ман пеши Худованд рафта мегӯям, "Падар, Ман намедонам чӣ хел дуо кунам. Ин он чӣ ҳаст, ки ман мехоҳам ё дар борааш фикр мекунам (ва баъд ман ҳамаи он чизеро ки дар борааш фикр мекунам ё мехоҳам ба Ӯ нақл мекунам), вале ман фақат хоҳони иродаи шумо бароям ҳастам (барои ҳама). Худро ҷалол деҳ, Падар".

Баъзеҳо дар чунин андеша ҳастанд, ки бо чунин роҳ дуо гуфтан ҳеҷ гоҳ фоидае надорад. Чӣ хел шумо боэътиқод дуо мекунед агар шумо намедонед, ки иродаи Худо чӣ ҳаст? Барои мисол, ҳарчанд ман намедонам, ки Худо мехоҳад одами беморро ҷисмонӣ шифо бахшад ё касалии ӯро барои ҷалол додани Худ ба кор мебарад, ман ба Ӯ имон дорам ва дар он фикр ҳастам, ки агар ман ӯро парастиш кунам, ва ман тайёрам ба иродаи Ӯ тобеъ бошам, Ӯ дуои маро "Иродаи Ту ба амал ояд – ҳар куҷое, ки набошад!" эҳтиром хоҳад кард.

Ба номи Худо, дӯстам ва ман боз қайд мекунам ба номи Худо, бифаҳм ки Ӯ Падари Туст. Худо медонад, чӣ хел фарзандони Худро бардорад, ёд диҳад ва роҳнамоӣ кунад. Яъне "бо тамоми дили худ ба Худованд таваккал намо, ва ба хиради худ такя накун. Дар ҳамаи тариқҳои худ Ӯро дарк намо, ва Ӯ роҳҳои туро ҳамвор хоҳад кард". (Масалҳо 3:5-6).

"Вале чӣ мешавад, агар ман андеша мекунам, ки ман иродаи Худоро медонам, ба Ӯ таваккал мекунам ва ман интизор ҳастам, вале ҷавобе нест? Пас ман чӣ кор кунам?"

Фақат ба Худо бигӯед, ки ба гуфтаҳои Ӯ диққат надодед, ки шумо ӯро барғалат фаҳмидед, ва дуоятонро довар диҳед. Боз ба Ӯ баргардед. Ноумед нашавед. Худо хато накард. Шумо онро аз даст додед. Гиря кардан бас аст.

Ман дар бораи падарам пештар ҳам сухан карда будам. Чанд сол пеш, вақте ки ӯ касал буд, ман фикр  кардам, ки Худо ба ман гуфта буд падарам зинда хоҳад монд. ҳатто ман чунин андеша доштам, ки ман рҳема дорам. Баъд аз панӣ ҷарроҳии ҷиддӣ  дар дувоздаҳ рӯз ва чил рӯзи дигар дар беморхона мондан падар аз дунё гузашт. Ман дар бораи иродаи Худо фикри барғалат доштам. Чӣ ман метавонам кунам? Ба ӯ имкон диҳам, ки маро шикаст диҳад? Ба ӯ имкон диҳам, ки дуоҳо ва эътиқоди маро дар пеши Худо оҷиз кунад? Ба ӯ имкон диҳам, ки маро аз ҳаракат боздорад? Не!Не!Не! Ман бояд пеш равам. Худо аз ҳамаи хатоҳои ман бузургтар аст. Ӯ Худои умед ҳаст! Дили ман аз Ӯ саршор ҳаст. Ӯ инро медонад.

Фаҳмидед? Бале, ман чунин дуо мекунам!

Ман чизи охироне ба шумо гуфтан мехоҳам, ки дар бораи иродаи Худо мебошад ва он хеле муҳим ҳаст. Аз шумо илтимос мекунам, ки ба ман бодиққат гӯш диҳед, чунки ман намехоҳам шумо маро дигар хел фаҳмед. Баъзе вақтҳо, ки мо Худоро дар дуоямон ҷустуҷӯ мекунем, мо аз навиштаҳо чизеро, ки дар ин ё он роҳ ба ҳолати махсуси мо муносибат доранд, чанг мезанем ва онро ҳамчун иродаи Худо ҳисоб мекунем. Он на ҳама вақт иҷро мешавад. Барои мисол, мо метавонем Яъқуб 5:14-15-ро гирифта онро ҳангоми шифоёбӣ истифода кунем.

“Оё касе аз шумо бемор аст? Бигзор пирони Калисоро назди худ даъват намояд, ва онҳо ӯро ба исми Худованд равған молида, дар ҳаққи Ӯ дуо гӯянд: ва дуои имон беморро шифо хоҳад дод, ва Худованд ӯро ба по хоҳад хезонд: ва агар Ӯ гуноҳ карда бошад, гуноҳҳояш омурзида хоҳад шуд (Яъқуб 5:14-15).

Вале, ин оятҳо – оятҳои барои ҳамаи дардҳо даво нестанд. Мо метавонем онҳоро танҳо он замоне ба кор барем, агар Худованд гӯяд, ки ин оят барои касалии муайяне мебошад. Ин оятро мулоҳиза намоед, “дуо дар имон тақдим мешавад”. “Дар имон” маънои онро дорад, ки Худо иродаи худро барои шифодиҳии шахси муайян эътироф кард.

Баъзе вақтҳо маро хоҳиш мекунанд, ки барои шахси беморе дуо гӯям. Агар кор чунин шавад, ман ҳама вақт аз Падар чунин мепурсам: “чӣ хел ман дуо кунам?” Боре таблиғотчии дин аз касалии саратон дар дами марг буд. Худованд дар дили ман барои шифоёбии Ӯ дуоеро тайёр кард, ва дуоҳои дар имон тақдимшуда ҷавоб гирифтанд!

Ман ҳис кардам, ки ман бояд инро бо шумо бо ҳам бинам, хоҳ шумо розӣ бошед ё не, чунки бисёриҳо ноумед шуданд. Онҳо Навиштаҳоро талаб мекунанд ва на ҳама вақт натиҷаашро мебинанд.

Акнун, маро ғалат нафаҳмед! Навиштаҳои муайян асосан ҳақиқат ё ваъда ҳастанд ва мунтазири иҷрошавии имонӣ мебошанд. ҳол он ки, ҳатто Павлус ҳам аз захми теғ шифо наёфт, чунки Худо дар Ӯ нақша дошт ( 2Қӯрунтиён 12:7).

Дар бораи ин чизҳо фикр кун, дӯстам, ва Каломи ӯро бодиққат ҷустуҷӯ кун.

## *РӮЗИ БИСТУЯКУМ*

Оё ягон вақт шумо дуоятонро тамом карда ҳис кардед, ки он тамоман бефоида буд?

Ман дар чунин ҳолат будам. Ман хеле ноумед шудам. Ҳиссиёти ман баъди ин мавридҳо аз ҳиссиёти умумии беқувватӣ (заифӣ), барои гуноҳ кардан (аз сабаби фикрҳои сарсон), барои ҳисси маъюсӣ фарқият дошт. Ман ҳайрон шудам, ки "Падар, ман дуокуниро аз худ мекунам, ё ман дар тамоми умри боқимондаам дер хоҳам кард?

Албатта Исо ҳис кард, ки ин бо мо рух хоҳад дод, ва эҳтимол дар ҳаёти масеҳӣ дуо кардан амали нисбатан низомдор ва тартибдор ва душвортар мебошад. Оҳ, чӣ тарз ман он Худои моро, ки ваъда дод, ки ҳамаи эҳтиёҷоти моро дар дуо таъмин мекунад, дӯст медорам. Чӣ тарз Ӯ чашмони моро барои дидани он, ки Исо чӣ кор кард боз кард, вақте ки гуфт. "Вақте ки дуо мегӯед, чунин бигӯед". Донистани он, ки Дуои Худованд намунаест барои дуо, ё ҷамъи ҷумлаҳои мухтассар, ки ҳар кадомашон мавзӯи дуо ҳастанд хеле ҳаяҷоновар буд. Акнун мо медонем чӣ хел дуо кунем. Танҳо як ҷумларо аз дуои Ӯ аз ёд гуфта, мавзӯъ ё кадом нуқтаи назарро дар бар мегирад бифаҳмед ва баъд дар бораи ҳама чизе, ки ба ин қисми муайяни намуна наздик ҳаст бо Худо гап занед.

Чун ҷумлаи нахустро тамом кардем, ба ҷумлаи дуюм мегузарем. ҷамъи пурраи ҷумлаҳои намунавиро аз назар гузарондан нақшаи пурраи дуоро дар бар мегирад. Ё чӣ хеле, ки Г. Кэмпбелл Морган сарвари тавзеҳдиҳандагон гуфта буд. "Ба таври ақлонӣ ин дуоро гуфтан барои ягон чиз дуо кардан мебошад. Онро метавон шикаст, ҳар илтимоси онро метавон дар алоҳидагӣ гирифт ва бо роҳҳои дигар ифода кард, вале худаш он, ягона ва комил мебошад.

"Оҳ, Падар, раҳмат ба Ту, раҳмат ба Ту, раҳмат ба Ту барои дастурҳо аз Писари Ту".

Дӯстам акнун дидед? Дуои Худовандро аз ёд кунед, ва ҳеҷ кас наметавонад аз шумо роҳи дуокунии Худоро гирад. Аз кӯдаки навамал дар Исо то одами

муқаддаси комил, барои ҳар кас роҳе аст ва ӯ метавонад дуо кунад ва бифаҳмад, ки дуоҳояш Худоро хурсанд мекунанд.

Ин шакли дуоест, ки мунтазам васеъ хоҳад шуд, шумо дар дониши Ӯ амиқтар медароед ва бо Ӯ қадам мезанед. Ин роҳи дуокунӣ мебошад, ки бо шумо инкишоф меёбад.

"Вале Кей –мумкин шумо пурсед:- миёнрав аз номи дигарон дар куҷо?" Ман инро дар Дуои Худованд надидам, ва албатта Худо аз мо мехоҳад, ки барои дигарон дуо кунем!

Бале, Ӯ мехоҳад! Ман аз Падар ин суолро пурсон шудам ва Ӯ ба ман онро нишон дод! Ман дар ҳаяҷон будам! Пас биёед ба шумо ҳам нишон диҳам. Ба рӯзи чорум баргардед ва дуои Худовандро бихонед. ҳангоми хондан ҳар ҷонишинҳои шахсии дар шакли танҳо бударо нишон диҳед: Ман (I ), ман (me) аз они ман (my), (mine). Сипас ҷонишинҳои шахсии дар шакли ҷамъро қайд кунед: мо(we ), аз они мо (our ). Ҳамчунин ҳар мавриди истифодаи аз они мо – (us )-ро нишона кунед.

Акнун, пеш аз хондан, ба ин суол ҷавоб диҳед, миёнрав дар дуои Худованд дар куҷо ҳаст?

Вақте, ки шумо бо "чунин роҳ" дуо мекунед, шумо барои худ ва ҳамчунин барои мо – ҷисми Исои Масеҳ дуо мегӯед. Бинобар ин, ҳар ибораи намунавӣ маънои на танҳо ҳавасманд кардани дархостҳо барои худ, балки ҳамчунин миёнравӣ барои ҷисми Исоро дорост.

"Вале Кей, дар куҷо ин ҷаҳони гумшуда боз бар мегардад? Суоли дигари хуб. Он дар ибораи намунавии, "Малакути Ту биёяд".

Онҳое, ки барои омадани Малакути Худо дуо мекунанд, медонанд, ки онҳо бояд барои рӯҳҳои гумшуда миёнравӣ кунанд. То он даме, ки ҷисми Ӯ пурра нашудааст, то он даме, ки гӯсфанди охирини Ӯ ба рамма ҳамроҳ нашудааст, Малакут намеояд (Юҳанно 10,17). "Худованд дар иҷрои ваъда таъхир наменамояд, чунон ки баъзе касон инро таъхир ҳисоб мекунанд: балки ба шумо пурсабрӣ зоҳир менамояд ва намехоҳад, ки касе нобуд шавад, балки ҳама ба тавба рӯ оваранд (2 Петрус 3:9). Бинобар ин вақте ки шумо барои Малакути Худо дуо мекунед, "шумо омадани рӯзи Худоро орзу доред
(2 Петрус 3:12).

Оё ин шигифтангез (аҷиб) нест! Шумо барои дуо роҳ доред – роҳи таъсирнок. Дуо кунед, дӯстам, дуо кунед! Ва вақте ки дуо мекунед "моро" фаромӯш накун. Дар ҳақиқат ҳам чаро шумо дуои Худовандро ҳамчун воситаи миёнравӣ барои дигарон истифода набурд? Шумо дарк мекунед, чӣ хел он фоида дорад. Биёед сар кардем…

Падари мо – “Оҳ, Падарам ман мехоҳам барои_____________-- дуо кунам, чунки Ӯ наметавонад Туро Падар хонад. Иродаи Ту иҷро шавад.- “Оҳ, Падар, ман барои президенти мамлакати худ дуо мекунам. Бигузор Ӯ иродаи Туро аз ҳама авлотар донад, ва хоҳиш дорӣ онро аз маъқулдории одамон бисёртар дошта бошқ. Ӯро аз маслиҳатҳои одамони бехудо нигоҳ дор”.

## *РӮЗИ БИСТУДУЮМ*

Акнун ибораи намунавии чорум – “Ризқу рӯзии маро имрӯз ба мо бидеҳ”-ро мавриди таҳқиқ қарор бидиҳем. Ба калимаи “моро” диққат додед? Дар хотир нигоҳ дор, ки вақте ки мо дуо мекунем, мо натанҳо барои худ дуо мекунем, балки барои тамоми ҷисми зиндаи Исо дар ҳар гӯшаву канори ин олам бояд дуо кунем.

Ибораи чоруми намунавӣ принсипи муҳими дуоро дорост. Ман намехоҳам онро ба шумо бигӯям – чунки ман мехоҳам шумо онро худатон бинед – агар шумо онро худатон бинед, онро беҳтар аз худ хоҳед кард. Ва ман ҳам мехоҳам, ки шумо онро дурустакак фаҳмед! Пас ба ман имкон бидиҳед ба воситаи овардани Навиштаҳое, ки монанди ин принсипҳоро доро ҳастанд, онро ба шумо нишон диҳам.

Навиштаҳои зерро хонед ва зери калимаҳои такрорёбандаи муҳими ҳар оятро хат кашед.

Ва ҳар чиро, ки ба исми ман биталабед, ба ҷо хоҳам овард, то ки Падар дар Писар ҷалол ёбад (Юҳанно 14:13).

Ва дар он рӯз аз Ман чизе нахоҳед пурсид. Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар он чӣ аз Падар ба исми Ман талаб кунед, ба шумо ато хоҳад кард.

Ва Ман ба шумо мегӯям: биталабед, ба шумо дода хоҳад шуд; биҷӯед, хоҳед ёфт; дарро бикӯбед, он ба рӯятон кушода хоҳад шуд; Зеро ҳар ки биталабад, мегирад, ва ҳар ки биҷӯяд, меёбад, ва ҳар кӣ дарро бикӯбад, он ба рӯяш кушода мешавад.

“Ва ҳар он чӣ дар дуо бо имон талаб кунед, хоҳед ёфт (Матто 21:22).

На шумо маро баргузидаед, балки Ман шуморо баргузидаам ва шуморо таъин кардам, ки шумо биравед ва мева оваред, ва меваи шумо бимонад, то ки ҳар чӣ аз Падар ба исми Ман талаб кунед, ба шумо ато кунад (Юҳанно 15-16).

Чӣ хел ин оятҳо бо “Ризқу рӯзии Маро имрӯз ба мо бидеҳ” баробар ҳастанд? ҷавобатонро нависед.

Ва ниҳоят ба Яъқуб 4:1-3 нигаред.

Адоват ва ҷидолҳо дар миёни шумо аз куҷост? Оё на ҳавасҳои шумост, ки дар андоматон меҷанганд? ҳавас мекунед – ва надоред; мекушед ва ҳасад мебаред – ва наметавонед ба даст оваред; муноқиша ва адоват мекунед ва надоред, чунки илтимос намекунед; илтимос мекунед ва ба даст намеоваред, чунки на аз баҳри қасди нек илтимос мекунед, балки аз баҳри он ки барои ҳавасҳои худ истифода намоед.

Биёед ин порчаро аз Яъқуб бо Ишаъё 31:1 муқоиса кунем.

Эй вой бар онҳое, ки барои мадад ба Миср фурӯд меоянд, ва бар аспон такя менамоянд, ва бар аробаҳо ба сабаби бисёрии онҳо, ва бар саворон ба сабаби пурзӯрии онҳо таваккал мекунанд, валекин ба қуддуси Исроил рӯ намеоваранд ва аз Худованд дархост намекунанд!

Чӣ хел ин ду Навишта бо Навиштаҳои дигаре, ки мо имрӯз аз назар гузарондем ва боибораи намунавии Дуои Худованд муносибат доранд?

Шумо чиро аз худ кардед, ки метавонед онро дар зиндагӣ истифода кунед?

## *РӮЗИ БИСТУСЕЮМ*

Дина дар бораи дуо чиро фаҳмидед? Дуо вобастагии пурраи шуморо аз Худо нишон медиҳад, ки шумо бояд пеши Ӯ биравед ва аз Ӯ барои таъмини эҳтиёҷоти худ илтимос кунед. Ба хотир биёред, ки дар рӯзҳои нахустини ин омӯзиш мо чиро фаҳмидем? Мо ба пеши Падарамон хоҳем рафт, ки дар осмон ҳаст”. ҳар як инъоми нек ва ҳар як бахшоиши комил аз боло, аз Падари нурҳо нозил мешавад, ки дар Ӯ тағъироте ва ҳеҷ дигаргуние мавҷуд нест” (Яъқуб 1:17).

Пас дастури муҳими дуо ин илтимос кардан мебошад. Шояд ин ба шумо маъқул нест. Шояд шумо ҳис кунед, ки ин рост нест. Шояд шумо фикр мекунед, ки он чизеро ки бо он эҳтиёҷ доред, онро худатон ба ҷо меоред. Вале, дӯстам, шумо хато мекунед. Худо ваъда дод “ҳар эҳтиёҷи шуморо ба ҳасби сарвати ҷалоли Худ дар Исои Масеҳ пур хоҳед кард (Филиппиён 4:19)

Кӯшиш кардан ва иҷро кардани эҳтиёҷоти худ берун аз ҷустани Ӯ бо адоват ва ҷидолҳо дар миёни худатон анҷом меёбад, ва шумо худатонро пур аз ҳавасу шаҳват ва рашку ҳасад дарёфт хоҳед кард (Яъқуб 4:1-2) Кӯшиши иҷро кардани

эҳтиёҷоти худ бе боварӣ ба Худо бо ҷангу ҷидол ва мунокишаҳо бо дигарон ба анҷом мепазирад  (Яъкуб 4:1). Кӯшиши мустақилона берун аз Худо инкори эҳтиёҷоти шумо ба Ӯ ва ваъдаҳои Ӯ мебошад (Филиппиён 4:19). Мадад пурсидан аз дигарон ба ҷои Падар ин зиндагӣ кардан бар тибқи он ки дар Ишаъё 31:1 омадааст. Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд. “Малъун аст марде, ки ба одамизод таваккал мекунад, ва ҷисмро муттакои худ мегардонад, ва дилаш аз Худованд дур мешавад. Ва Ӯ мисли дарахти аръар дар бодия хоҳад буд, ва нахоҳад дид, ки кай некӣ меояд; ва дар ҷойҳои хушки биёбон, дар шӯразамини ғайримаскун сокин хоҳад шуд”. (Ирмиё 17:5-6).

Вале онҳое ки мувофиқи вобастагии мутлақ аз Худо зиндагӣ мекунанд чунин ваъда доранд: “Муборак аст марде, ки ба Худованд таваккал мекунад, ва Худованд пушту паноҳи ӯст; ва Ӯ мисли дарахте хоҳад буд, ки назди об шинонда шудааст, ва решаҳояшро ба сӯи ҷӯйҳо равона мекунад, ва аз омадани гармо наметарсад, ва баргҳояш сабз аст, ва дар хушксолӣ ғам намехӯрад, ва аз мева додан бознамемонад (Ирмиё 17:7-8).

Чаро мо худамон фурӯтан нестем, аз мағрурию ҳавобаландӣ дурӣ намеҷӯем ва дарк намекунем ки дур аз Ӯ мо наметавонем ягон корро ба ҷо оварем, ва ҳатто наметавонем эҳтиёҷоти худамонро таъмин кунем?

Шояд шумо мегӯед, “Вале онҳое, ки Исоро намедонанд, эҳтиёҷоти худашонро таъмин мекунанд ва зиндагӣ менамоянд!” Бале, онҳо зинда мемонанд! Вале чӣ тарз  онҳо зинда мемонанд? Оё онҳо бо мутобиқати устувор бо дороии маводии худ зиндагӣ мекунанд… онҳоро доро ҳастанд  ва нигоҳ медоранд? Онҳо ҳама вақт дар ҷангу ҷидоланд. Онҳо дарк карда наметавонанд, ки сабаби дороие, ки онҳо ҳоло доранд Худо аст. “Зеро Ӯ офтоби Худро дар бадону некон тулӯъ мекунонад ва борон бар одилону золимон меборонад” (Матто 5:45). Кист аз ҳамаи онҳо, ки надонад, ки дасти Худованд инро ба вуҷуд овардааст? ҷони тамоми мавҷудот ва рӯҳи тамоми навъи башар дар дасти ӯст (Айюб 12:9-10). Ана барои ҳамин мо ба дуои “Ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ” ниёз дорем.

Чӣ тарз шумо аз Худо вобастагӣ доред? Шумо ба Худо боварӣ доред ё ба одамизод?

## *РӮЗИ БИСТУЧОРУМ*

“Вале чӣ тарз ман илтимос кунам?” “Чиро илтимос кунам?”

Шумо метавонед ҳама чизро аз зарурриятҳои доимиатон ва дигаронро илтимос кунед! Барои ҳамин дар ин ҷумлаи намунавӣ “ризқу рӯзии ҳаррӯза” омадааст. Оё шумо метавонед донед, ки ин чӣ тарз бо амри Ӯ “Пайваста дуо гӯед” (1 Таслӯникиён 5:17) алоқамандӣ дорад? Чун мо дар Ӯ зиндагӣ мекунем, дороии мо дар Ӯ аст, мо бояд ҳамеша бо Ӯ дар алоқа бошем, Ӯро парастиш кунем, ба Ӯ

итоат кунем, тобеӣ Ӯ бошем, иродаи ӯро ҷустуҷӯ кунем, барои таъмини эҳтиёҷоти худ илтимос кунем, гуноҳои худро эътироф кунем, ва аз Ӯ паноҳӣ ҷӯем. Ҳамаи ин на танҳо барои мо – балки барои ҳамагон!

Вақте ки ман ба ин амри Худо дар бораи пайваста дуо кардан нигоҳ мекунам, ман онро ҳамчун фармони роҳ рафтан дар тобеъияти доимӣ аз Ӯ, дарк кардани он ки Ӯ Худо аст, куҷое, ки набошад. Ӯ Худое ҳаст, ки ҳамаи эҳтиёҷоти маро аз эҳтиёҷоти ибодат то ҷустани ҳимоя аз шайтон таъмин мекунад. Бинобар ҳамин ман бояд пайваста дар алоқамандӣ бо Ӯ бошам, гӯё ки Ӯ доимо дар паҳлӯи ман аст.

Чӣ тарз ман илтимос кунам? Ман бояд мувофиқи иродаи Ӯ илтимос кунам. Ва чӣ хел мо метавонем иродаи ӯро бифаҳмем? Мо бояд дар Ӯ бимонем ва сухани Ӯ дар мо бимонад.

Пас ман чӣ хел илтимос кунам? Ва василаи дархосткунии ваъдаҳои Худо: “ Зеро ки ҳамаи ваъдаҳои Худо дар Ӯ “оре” буд ва дар Ӯ “омин” буд,- барои ҷалоли Худо, ба воситаи мо”  (2 Қӯрунтиён 1:20).  Д. Л. Мудӣ гуфта буд “Дар ваъдаҳои Худо бимонед ва Худо шуморо он ҷо хоҳад вохӯрд”. Ин принсипи зебои дархосткунии ваъдаҳои Худо барои ман рӯшан шуд, вақте ки ман аз Мактаби Дуои Армин ҷесвейн порчаи зеринро хондам:

Рӯзҳои аввали рӯҳониятам бо ман чизе рӯй дод, ки фаҳмиши маро дар бораи дуо комилан дигар кард. Дигаршавии чӣ хела? Ман ба иштироккунӣ дар Калисоҳо даъват шудам ва ман дар Аъмол “ҳақиқатро дар бораи ҷамъомадӣ дуохонӣ” муайян кардам. Ва ман дар ҷамъомади дуохонии якум ширкат варзидам.

Як шаб ба Калисо роҳиби Методист солхӯрда омад. Ҳангоме ки Ӯ дуо кард, ман чизи наверо кашф кардам. “Ин хел дуо карданро ман пеш ҳеҷ вақт нашунидам” – гуфтам худ ба худ. Ин на танҳо шавқу ғайрат буд. Ман аз он пур будам. Вақте ки Ӯ дуо кард замину осмон як шуданд. Дуо ва ҷавобҳояш аз ҳам ҷудо набуданд – онҳо якҷо буданд.

Рӯҳулқудс дар ӯ, дар амал буд ва ӯро барои гирифтани ҷавобаш дилгарм мекард, ҳатто ҳангоме, ки ӯ дуо мекард! Вақте ки ман дуо мекардам Худо “берун аз ӯ”, дур буд. ҷавобҳо низ аз дур буданд.

Ман ташнаи аз худ кардани сирру асрори ӯ будам ва рӯзе ба назди ӯ рафтам. Номи вай Эмбросе Уайли буд, ва ҳама ӯро “Амаки Эм” ном мебурданд. Ӯ бо оҳангарӣ машғул буд – ва ҳамчунин ӯ таблиғгари ғайрикасбӣ буд. Сипас ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки “Амаки Эм ман мехоҳам бо шумо дуо кунам”. Ӯ аз ҷо хеста, мо он тарафи роҳ равон шудем, ва дохили анбори сурх шуда бо нардбон ба боло, ба хонаи дигар, ки пур аз коҳи хушк буд даромадем. Дар он ҷо дар болои коҳи кӯҳна 2 Библияи калон гузошта шуда буданд, ки яке аз онҳо кушода буд. “Ин чист?” фикр кардам ман. Аввал ман дуо гуфтам. Ман дили худро, эҳтиёҷоти

худро, орзӯҳо ва илтимосҳои худро пеши Худо холӣ кардам. Баъд ӯ дуо кард ва боз дар дуояш "он дигаргунӣ" вуҷуд дошт. Дар он ҷо, сари зону, дар болои коҳи хушк ман гуфтам: "Амаки Эм, ин чӣ аст?… дар дуоятон ягон сирру асроре ҳаст. Хеле хуб мешуд агар маро низ аз онҳо бохабар мекардед?".

Ман 24 сола будам ва ӯ 73 сола буд. Ӯ ба ман гуфт.
**"ДӮСТИ ҶАВОН, ИЛТИМОС КАРДАНИ ВАЪДАҲОИ ХУДОРО ЁД ГИР!"**

Аз он замон дуоҳои ман дигар шуданд. Ин сухан фаҳмиши маро дар бораи дуо дигар кард. Он фаҳмиши маро ба куллӣ тағъир дод! Ман "онро дидам" вақте ки ӯ инро гуфта буд. Ҳангоме ки ман дуо кардам дуоҳоям шавқу ғайрат, орзу ва ғайра буд. Вале дар он имон набуд. Дуо ин калиди осмонҳост ва имон он дарро боз мекунад. **БОЯД ИМОН БОШАД.** Он аз куҷо меояд? Аз шунидани … **СУХАНИ ХУДО**.

Амаки Эм Навиштаро паси навишта илтимос мекард, ваъдаҳояшро ба ӯ паиҳам хотиррасон мекард, ва монанди ҳуқуқдоне, ки корашро дар додгоҳ бурда истодааст талаб мекунад, - Рӯҳулқудс ба ӯ дар ин кор ёрӣ медиҳад. Чунин ба назар мерасид, ки ӯ ба он ду китоби Библияе, ки болои коҳи хушк буданд ниёз надошт! Баъди чанде ман фаҳмидам, ки ӯ миёнрави пурқувват аст. Ӯ танҳо **БА ВОСИТАИ БИБЛИЯ ДУО МЕКАРД.** Вай ба ман асрори миёнравии дуоро ёд дод. **БАЪД ЧӢ РӮЙ ДОД?** Бо ин кашфиёт Худо дар ҳақиқат ҳам **БА МАН БИБЛИЯИ НАВРО ТАҚДИМ КАРД!** То кунун ман омӯхтагӣ набудам, ки чӣ тарз Библияро **КИТОБИ ДУОИ ХУД** табдил диҳам.

Ин ба ман ангезандае буд барои омӯзиши Библия. Ман ба "кофтани он" сар кардам. Акнун ман бояд Навиштаҳоро ҷустуҷӯ намоям… андеша кунам… ваъдаҳои бисёри онро нишона кунам… **АЗ ЁД КУНАМ, АЗ ЁД КУНАМ, АЗ ЁД КУНАМ**! ҳазорҳо ваъдаҳо ҳастанд: ваъдаҳо барои ҳар эҳтиёҷот, мушкилӣ, ҳолатҳо.

**"ДӮСТИ ҶАВОН, ИЛТИМОС КАРДАНИ ВАЪДАҲОИ ХУДОРО ЁД ГИР!"**

Ин суханҳо то ҳоло ҳам дар дили ман садо медиҳанд!

Амаки Эм дар кори илтимос кардани ваъдаҳои Худо танҳо набуд! Пеш аз ӯ низ ин корро мекарданд.

Аҳди қадимро аз назар гузаронед ба дуоҳои одамони Худо нигоҳ кунед ва рӯшан мешавад, ки онҳо низ ба Худо дар бораи ваъдаҳои ба Иброҳим, Исҳоқ, Яъқуб ва халқи интихобкардаи Худ – Исроил дода хотиррасон шуданд. Ба дуои Мӯсо ки дар Хуруҷ 32:9-14 омадааст назар андозед ва сипас ба суолҳои баъди он омада ҷавоб диҳед:

Ва Худованд ба Мӯсо гуфт: "Ин қавмро дидаам, ва инак, қавми гарданкаш мебошанд; Ва алҳол Маро бигзор, то ки ғазабам бар онҳо аланга зада, онҳоро маҳв намоям, ва туро қавми бузурге гардонам". Вале Мӯсо ба ҳузури Худованд Худои худ тазаррӯъ намуда, гуфт: "Чаро, эй Худованд, ғазаби Ту бар қавмат, ки бо қуввати азим ва дасти зӯровар онҳоро аз замини Миср берун овардаӣ, аланга занад?
Чаро мисриён сухан ронда, гӯянд: "Онҳоро бо қасди бад берун овард, то ки онҳоро дар кӯҳҳо бикушад ва аз рӯи замин маҳв намояд"? Аз шиддати ғазаби худ баргард, ва қасди бади талаф кардани қавми Худро ботил намо. Бандагони Худ Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқубро ба ёд овар, ки барои онҳо ба Зоти Худ қасам ёд карда, ба онҳо гуфтақ: "Насли шуморо мисли ситорагони осмон афзун хоҳам кард; ва тамоми ин заминро, ки дар бораи он сухан рондаам, ба насли шумо хоҳам дод, ва онро ба сурати абадӣ тасарруф хоҳанд намуд". Ва Худованд он бадиро, ки гуфта буд, ки ба сари қавми Худ хоҳад овард, ботил намуд (Хуруҷ 32:9-14).

1. Мӯсоро чӣ маҷбур кард, ки дуо кунад?

2. Чӣ хел дар дуо Мӯсо ба Худо наздик шуд? Яъне дар кадом асос ӯ дуояшро сар кард?

3. Кадом ваъдаро Мӯсо илтимос кард? Чаро шумо фикр мекунед, ки ӯ ин ваъдаи муайянро интихоб кард?

4. Натиҷаи дуои Мӯсо чӣ буд? Чаро шумо фикр мекунед, ки Худо ба дуои Мӯсо ҷавоб дод?

Оё шумо ягон ваъдаро медонед, то ки онро илтимос кунед?

## *РӮЗИ БИСТУПАНҶУМ*

Бисёр вақтҳо вақте ки ман сари хӯрок мешинам, ман дар бораи он бародарон ва хоҳароне, ки аз гуруснагӣ азоб мекашанд, фикр мекунам, вале ман наметавонам ба онҳо ёрӣ расонам. Ба ростӣ, ки Америка мамлакати бой ҳаст. Ва аз сабаби ин боигарӣ мо ба худ дарди гуруснагиро тасаввур кардан наметавонем.

Вақте ки дар бораи ҷумлаи чоруми намунавӣ "Ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ" ҳарф мезанем мо бояд сухани "моро" ба ёд биёрем. Ва ҳоло ки мо дуо мекунем, дар ҷустуҷӯи таъминоти Худо ҳастем, мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ин ҷумлаи намунавӣ метавонад ҳамчун такягоҳе бошад, ки аз он мо барои

ҳамаи ҳолатҳои эҳтимолӣ ки таъминоти ризқу рӯзиро ҳамроҳӣ мекунанд дуо гӯем. Худо ба мо хотиррасон мекунад, ки “дуоҳо, илтимосҳо, тозаррӯҳо ва шукронаҳо ба ҷо оварам барои ҳамаи одамон, барои подшоҳон ва барои ҳамаи ҳукуматдорон, то ки ором ва сокит, бо камоли парҳезгорӣ ва покӣ умр гузаронем” (1 Тимотиюс 2:1-2). Вақте ки дар он бенизомию хараҷу тараҷ аст, он ба мамлакат ва некӯаҳволии халӣ таъсири калон дорад. Бинобар ин ҳангоме, ки мо барои ризқу рӯзии ҳаррӯза дуо мекунем, бояд ин ҳолатҳои эҳтимолиро ба назар гирем.

Бисёр мавридҳо вақте ки ман оббозӣ мекунам, ман барои дӯстони масеҳӣ, ки имкони оббозӣ кардан надоранд, барои онҳое, ки дар ҳабсхонаҳо ҳатто барои шустани танашон об надоранд дуо мекунам. Сурати Галина, ки дар рӯзномаи “Библия барои Россия” чоп шуда буд, доимо ба хотири ман меояд. Ин рӯзномаи ташкилоти ғайри тиҷоратӣ буд, ки Калисоҳои зери таъқиботбударо кӯмак мекард. Галина бисту ду сол дошт. Ва аз сабаби он ки ӯ ба кӯдакон дар бораи Исо сабақ медод, ӯро ба лагери меҳнатии воқеъ дар Сибир бадарға карданд. Дар як ҳафта ба ӯ танҳо як коса об медиҳанд – ҳам барои шустани либос ва ҳам ҷисми худаш.

Ҳар рӯз бо хӯроки ночиз Ӯ даҳ соатӣ кор мекунад. Шабона Ӯ дар хонае чӯбине хоб мекард, ки зимистон дар он ҷо ҳарорати ҳаво то ба 40 дараҷа хунукӣ мерасид.

Ман барои ӯ Каломи Худоро ва мувофиқи Наҳум 1:12-13, оятҳои Худо барои онҳое ки зери фишори ҳукуматдорҳоянд илтимос кардам. “Худованд чунин мегӯяд: “ҳарчанд онҳо пурзӯр ва сершумор бошанд ҳам, вале шикаст хӯрда аз назар ғоиб хоҳанд шуд; ва туро эй Яҳудо, ки ба азият дучор намудаам, дигар азият нахоҳам дод. Ва алҳол юғи варо аз гардани ту хоҳам шикаст, ва бандҳои туро хоҳам барканд”.

Як чизи дигар. Вақте ки шумо дуо мекунед, бояд дар хотир дошта бошед, ки дуои мустаҷоб ба Падар танҳо ба василаи номи Исо ҳосил мешавад. Аз ҳамин сабаб мо фикр мекунем, ки мо бояд ба Падар ба номи Писар дуо кунем, ба василаи номи Исо. Оё шумо мулоҳиза намудед, ки Навиштаҳо то чӣ қадар “Ба номи Ман” талаб мекарданд? Ин чӣ маънӣ дорад? Арно Тэбелейн инро хеле рӯшан фаҳмондааст.

Барои бо ному Ӯ дуо кардан лозим аст, ки шахс бояд дар Ӯ бошад ва бо Ӯ як шавад. Ибораи “бо номи” ки дар Аҳди ҷадид ба кор бурда шудааст одатан маънии мавҷуд будани шахсеро, ки номашро истифода мебаранд, дар ҷои Ӯ истодааст, мақсадҳои ӯро иҷро мекунад, иродаи Ӯро ошкор мекунад ва зиндагии оянда ва ҷалоли Ӯро нишон медиҳадро дорад. Бинобар ин ба номи Ӯ дуо кардан маънои дар Исо будани мо, иттиҳоди мо бо ӯ, ва ҷустуҷӯи ҷалоли ӯро доро аст. Ба тарзи оддӣ истифода бурдани номи Худованди мо дар дуо бе ягон ҳақиқати рӯҳии иттиҳоди мо бо Ӯ ва хоҳиши амиқи ҷалол додани номи Ӯ ба василаи ба

амал омадани иродаи Ӯ дар ҳаёти мо кори бефоида аст. Вале бо донистани номи Ӯ ва хоҳиши иҷро кардани иродаи Ӯ мо метавонем бо номи Ӯ дуо кунем.

Дӯстам, вақте ки мо дуо мекунем, вақте ки мо ба василаи номи Исо ба пеши Ӯ меоем, барои Калисои масеҳӣ дуо карданро фаромӯш накунед.

Нақшаи “Илтимос кардан мувофиқи иродаи Худо: Яъқуб 4:1-3” Агар шумо онро бо хоҳиши том пур кунед, Худо онро истифода хоҳад бурд, вақте  шумо маълум мекунед, ки чӣ хел дуо мекунед.

<table>
<tr><td rowspan="5">ИЛТИМОС КАРДАН МУВОФИқИ ИРОДАИ ХУДО ЯЪқУБ 4:1-3</td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td rowspan="2">МАН чӣ МЕХОҳАМ</td><td>ЧАРО МАН ИНРО МЕХОҳАМ</td><td>ОЁ МАН МЕТАВОНАМ БАРОИ ИН БО НОМИ ИСО ИЛТИМОС КУНАМ?</td><td>ЧИРО МАН ИЛТИМОС ХОҳАМ КАРД?</td></tr>
<tr><td>КАЛИСОИ МАН</td><td>ОИЛАИ МАН</td><td>МАН</td></tr>
</table>

***РӮЗИ БИСТУШАШУМ***

ҷумлаи панҷуми намунавӣ дар Дуои Худованд бо эътироф ва бахшиш сару кор дорад: “ Ва қарзҳои моро бибахш, чунон ки мо низ ба қарздорони худ мебахшем"” Ин ҷумлаи намунавии________________
аст! Ман хеле мехостам, ки аз болои ин ҷумла аққалан ду ҳафта кор кунем.

Чун шумо ба тартиби ин ҷумлаҳои намунавӣ нигоҳ мекунед, шумо дарк мекунед, ки Исо бо чунин тарз ҷобаҷогузории онҳо мақсад дошт. Ва шумо ҳайрон намешавед, ки чаро Ӯ муддати дарозе дар бораи гуноҳ ва бахшиш ҳарф назад? Ман ҳайрон шудам ва дар борааш фикр кардам.

Ба назарам чунин мерасад, ки агар ман гуноҳро эътироф мекардам ва пеш аз он ки ман дар дуо чизи дигаре кардаам, ман бояд ёрӣ худро бахшам, ва эҳтимол ин покшавии сарсарӣ бошад ва шояд дар ин ҳолат бахшоиш мушкилтар мешавад – чунки ман танҳо дар бораи худ фикр мекунам! Вале, вақте ки ман дар ибодат орзӯи Малакути Худоро мекунам, хоҳони иродаи Ӯ ҳастам, ва пеши Ӯ барои таъмини эҳтиёҷи худ меоям, пас эътироф кӯмак намекунад, вале ӯро ҳамроҳӣ мекунад!

Чӣ хел ман ба таври ҳақиқӣ Худоро ибодат кунам, ба Ӯ гӯям, ки ман иродаи ӯро хоҳиш дорам, аз Ӯ илтимос кунам, ки эҳтиёҷоти маро таъмин кунад, ва бо гуноҳи худ, бо эҳтиёҷоти ман аз марҳамати Ӯ дар бахшиш шикаст дода нашавам. Ва бахшоиши ӯро донистa, чӣ хел ман метавонам ҳамон бахшиш, ҳамон файзро аз онҳое, ки муқобили ман баромаданд дареғ намоям? Ман бояд бахшиши ӯро дошта бошам, чунки ман Падарро захмӣ кардам. Ман бояд бахшам чуноне ки Ӯ маро бахшид, агар ин корро ба ҷо наоварам Барраи Худоро ҷароҳатдор мекунам.

Танҳо як чизе ҳаст, ки Худо онро кардан наметавонад. Ӯ наметавонад гуноҳро назорат кунад. Ӯ муқаддас аст, бинобар ин бо гуноҳ бояд доимо сару кор дошт. Агар шумо мехоҳед қудсияти Худоро бинед, бодиққатона ба Калворӣ нигоҳ кунед. кӣ Писари ягонаи ӯро дар ҷолҷолто "ҷои косахонаи сар" чормех кард? кӣ ба Исо иҷозат дод то фарёд занад "Худои ман! Худои ман! Чаро маро тарк кардқ?" кӣ ба Ӯ имкон дод, ки ба дӯзах равад? (Аъмол 2:27, 31).
Чашмони Ту он қадар пок аст, ки наметавонист шароратро бубинӣ (ҳабаққуқ 1:13, Забур 22:1-3).

Барои Ӯ хуни бузу говҳо кифоя набуд, чунки онҳо ҳеҷ гоҳ наметавонанд гуноҳро дур кунанд (Ибриён 10:4-8).

Ин Касе буд, ки гуфта буд "Бе рехтани хун омурзиш нест". (Ибриён 9:22).

Ин он касе буд, ки дар Калворӣ қудсияти Ӯ пурра шуд, вақте ки Ӯ Барраи бегуноҳи Худо, аз тарафи Падар қурбонӣ шуд… Баррае ки гуноҳи тамоми ҷаҳонро бо худ гирифт (Юҳанно 1:29). Дар қудсияти Ӯ "Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо қурбони гуноҳ сохт, то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем (2 Қӯрунтиён 5:21).

Вале, шояд шумо бигӯед, ки "Агар гуноҳҳои ман дар Калворӣ бахшида шуданд, чаро ман бояд онҳоро бори дигар эътироф намоям, ва бахшиши ӯро илтимос намоям? Оё онҳо аллакай бахшида нашудаанд?

Бале, ҳамаи гуноҳҳо – гузашта, ҳозира ва оянда бо Калворӣ сару кор доранд. “Мо ба василаи қурбонии якбораи ҷисми Исои Масеҳ тақдис ёфтем (Ибриён 10:10).

Вале бо вуҷуди он ки дар Калворӣ музди гуноҳ пурра пардохта шуд, гуноҳи ноэътирофшуда дар пеши тахти Худо байни Худо ва фарзандаш монеъа мегузорад. Чаро? Дар бораи ин дар партави табиати Ӯ андеша кунед, фикрҳои худатонро рӯи коғаз оваред ва мо дар бораи он пагоҳ гуфтугӯ хоҳем кард.

## *РӮЗИ БИСТУҲАФТУМ*

Талаботе аст, ки барои наҷотёфтагон ва гумроҳон роҷеъ ба бахшиш ба кор бурда мешавад: Онҳоеро, ки дигаронро намебахшанд, Худо низ онҳоро намебахшад. Шумо метавонед бо он розӣ набошед, оиди он баҳс кунед, вале мо бояд ба ҳамаи гуфтаҳои он эътиқод дошта бошем.

Он гоҳ Петрус назди Ӯ омада, гуфт: “Худовандо! Чанд бор ба бародари худ, ки нисбат ба ман гуноҳ карда бошад, афв намоям? Оё то ҳафт бор?” Исо ба вай гуфт: “Ба ту намегӯям: “То ҳафт бор”, балки то ҳафтод карат ҳафт бор. Аз ин рӯ Малакути осмон монанди подшоҳест, ки мехост бо ғуломони худ ҳисобӣ кунад. Вақте ки ба ҳисобӣ кардан шурӯъ намуд, якеро назди вай оварданд, ки даҳ ҳазор талант аз вай қарз дошт. Чун чизе барои адои қарз надошт, оғояш амр фармуд, ки худаш, занаш, фарзандонаш ва ҳамаи дороияшро фурӯхта, қарзашро адо кунанд. ғулом рӯй ба замин ниҳода, ба вай саҷда бурд ва гуфт: “Эй оғо! Ба ман мӯҳлат деҳ, ва ман ҳамаашро ба ту адо хоҳам кард”. Ва оғои он ғулом, раҳмаш омада, вайро ҷавоб дод ва қарзашро ба вай бахшид.

Лекин чун ғулом берун рафт, яке аз рафиқони худро ёфт, ки аз Ӯ сад динор қарздор буд; вайро сахт дошта ва гулӯяшро фишурда, гуфт: “Он қарзатро ба ман адо кун”. Он рафиқаш ба пойҳои Ӯ афтода ва илтимос намуда, гуфт: “Ба ман мӯҳлат деҳ, ва ман ҳамаашро ба ту адо хоҳам кард”. Аммо Ӯ розӣ нашуд, балки рафта, вайро дар зиндон андохт, то ки қарзашро адо кунад. Чун рафиқонаш ин воқеаро диданд, бисёр ғамгин шуданд ва назди оғои худ омада, ҳар он чӣ рӯй дода буд, ба вай нақл карданд.

Он гоҳ оғояш ӯро назди худ даъват намуда, гуфт: “Эй ғуломи шарир! Тамоми қарзатро ман ба ту бахшидам, зеро ки ту аз ман илтимос кардқ. Оё туро низ лозим набуд, ки ба рафиқи худ раҳм кунӣ, чунон ки ман ба ту раҳм кардам?” Ва оғояш ба хашм омада, ӯро ба шиканҷакунандагон супурд, то тамоми қарзашро адо кунад. ҳамин тавр Падари ман, ки дар осмон аст, бо шумо низ амал хоҳад кард, агар ҳар яке аз шумо гуноҳҳои бародари худро аз самими қалб афв накунад” (Матто 18:21-35).

Пас акнун, биёед ба он суханони Худо дар бораи гуноҳ ки ба дуоҳои мустаҷобгашта алоқа дорад. Навиштаро аз Яъқуб ба хотир биёред: “Дуои боисрори шахси одил қуввати бузурге дорад”. чӣ хел шахси одилро дар назар дорад? Оё ин шахсест, ки танҳо бо ном одил ё шахсе, ки ҳам бо ном одил ва ҳам одилона зиндагӣ мекунад?

Ба ин суол бо хондани оятҳои зер ҷавоб диҳед. Дар охир хулосаатонро рӯи коғаз оред.

Касе, ки гӯши худро аз шунидани шариат дур кунад, дуои вай низ зишт аст (Масалҳо 28:29).

Касе ки ҷиноятҳои худро пинҳон дорад, муваффақият намеёбад; вале касе ки иқрор шавад ва онҳоро тарк кунад, сазовори раҳм мегардад (Масалҳо 28:13).

Охир, дасти Худованд кӯтоҳ нест, ки наҷот надиҳад ва гӯши Ӯ вазнин нест, ки нашнавад: балки гуноҳҳои шумо дар миёни шумо ва Худои шумо ҷудоӣ андохтааст, ва хатоҳои шумо рӯи ӯро аз шумо пӯшидааст, то ки нашнавад (Ишаъё 59:1-2).

Агар дар дили худ талбисро медидам Худованд маро намешунид (Забур 65:18).

Чунки чашмони Худованд сӯи одилон нигаронида шудааст, ва гӯшҳои Ӯ – сӯи дуои онҳо, аммо рӯи Худованд ба муқобили бадкорон аст
(1 Петрус 3:12).

Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро биомурзад ва маро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд
(1 Юҳанно 1:9).

Ба гуноҳҳои худ назди якдигар иқрор намояд ва барои якдигар дуо гӯед, то шифо ёбед: дуои боисрори шахси одил қуввати бузурге дорад (Яъқуб 5:16).

Акнун, аз ин оятҳо хулоса бароред. Он чиро дар бораи дуо ва гуноҳ омӯхтед ҷамъбаст намоед.

Вақте ки Исо гуфт, “қарзҳои моро бибахш”, ва қарзҳое, ки Исо дар бораи он сухан карда буд қарзҳои ахлоқии мо – гуноҳҳои мо мебошанд. Адолати мутлақи мо ба шарофати Худо ба даст омад. Гуноҳ кардан яъне қарздор будан!

Оё шумо қарзҳоятонро ба воситаи эътироф ва тарк кардан дуруст кардед?

Худо мегӯяд “Ва Ман бар инҳо назар хоҳам кард: бар мискин ва шикастарӯҳ, ва бар касе ки пеши каломи ман ба ларза ояд (Ишаъё 66:2). Барои дуои беҳтар дар бораи эътироф Забур 51-ро аз назар гузаронед.

Дӯстам, пагоҳ рӯзи охирон, ки мо бо ҳам ҳастем. Ман мехостам шуморо барои саъю кӯшиши пайваста ва собитқадамӣ ситоиш кунам. Танҳо онҳое соҳиби тоҷ мешаванд, ки ба марра мерасанд. Ман шуморо баракат медиҳам. Ман дуо мекунам, ки ҳаёти ибодатиатон якхела нахоҳад буд. Бигузор он дар иртибот бо Падари мо амиқтар шавад.

## *РӮЗИ БИСТУҲАШТУМ*

Ҷумлаи намунавии охирини Дуои Худованд. “Ва моро ба озмоиш дучор накун, балки моро аз иблис раҳоӣ деҳ” мебошад ва ин ҷумларо фаҳмидан мушкил аст.

Яъқуб мегӯяд, “Дар озмоиш бигзор ҳеҷ кас набояд бигӯяд; “Маро Худо меозмояд”, чунки Худо бо бадӣ озмуда намешавад ва Худаш ҳеҷ касро намеозмояд” (Яъқуб 1:13). Агар рӯякӣ бинем, чунин ба назар мерасад, ки ин ҷумлаи намунавии Дуои Худованд ба сарзаниши дӯстонаи Яъқуб муқобил аст. Вале, мо медонем, аз сабаби он ки ҳамаи Навиштаҳо бо илҳоми Худо навишта шудаанд (2 Тимотиюс 3:16), як навишта наметавонад дигареро инкор кунад, на он метавонад муқобили ҳақиқат бошад, дар ин ҳол он наметавонад ҳақиқат бошад!

Бинобар ин чунин савол ба миён меояд. “Чаро Исо ба мо мефармояд, ки ба чунин тарз дуо кунем, агар Худо моро намеозмояд? Чаро дуо бо ин тарз аст?” Ман мехоҳам ба шумо бодиққати том ҷавоб диҳам, вале ман шуморо ҳушдор доданиам, ки шуморо лозим аст он чиро ман навиштам хонед, чунки он хеле мушкил аст. ҳақиқати бисёре дар як рӯз ҷамъ шудааст.

Биёед ибораи “моро бо озмоиш дучор накунро ҷудо кунем”. Сипас мо ҷавоби ин саволҳоро хоҳем дарёфт. Бодиққат маро пайравӣ намоед. Дар ягон ҷо дарнамонед.

“Дучор кардан” дар юнонӣ “eisphero” (эйсферо) аст, ки маъноящ “овардан” мебошад. Ин феъли шартии аористӣ (шакли феъл дар баъзе забонҳо) мебошад. Замони аористӣ амали дақиқро мефаҳмонад, ки дар мавриди муайян ба вуқӯъ пайваст. Тарзи мафъул (active voice) нишон медиҳад, ки предмет амали феълро ҳосил мекунад. Бинобар ин Худоест, ки моро ба озмоише ё меоварад, ё не. Сиғаи шартӣ ин сиғаи эҳтимолият мебошад ва амалеро ифода мекунад, ки шояд ва бояд ба амал ояд вале дар ҳоли ҳозир ин зарур нест. Бинобар ин ибораи “моро ба озмоиш дучор накун” моҳиятан чунин гуфта аст, “Худо, ман аз шумо илтимос мекунам маро дар ҳар вақту замон ба озмоиш дучор накунед”.

Лаҳзае таваққуф кунед! Лаҳзаи беҳтар омада истодааст. Шумо инкишофёфта истодаед. Оё шумо бо дарду азоби инкишоф ягон чӣ гуфта метавонед? Акнун биёед ба озмоиш назар андозем.

Калимаи юнонӣ барои "озмоиш" ( temptation)  "peirasmos" (пейрасмос) мебошад ва он барои муҳокимаи хусусиятҳои гуногун истифода бурда мешавад: имтиҳонҳо, санҷишҳо, озмоишҳо. Бинобар ин калимаи пейрасмос бояд мувофиқи матн фаҳмида шавад.  Барои мисол дар Яқуб 1:2,12 пейрасмос озмоишро мефаҳмонад, ки мо сазовори он шудем, ҳол он ки дар Яъқуб 1:13-14 ин калима бо гуноҳ алоқа дорад, ва з-ин сабаб мо бояд аз ин озмоиш дурӣ ҷӯем.

Пас Матто 6:13 чӣ мегӯяд? Хуб мо медонем, ки "Худо моро ба озмоиш дучор накун" дар ин оят наомадааст, чунки он муқобили табиати Худо аст. Ва он муқобили Яъқуб 1:13 мебошад: "Дар озмоиш бигзор ҳеҷ кас набояд бигӯяд: "Маро Худо меозмояд"; чунки Худо бо бадӣ озмуда намешавад, ва Худаш ҳеҷ касро намеозмояд".

Пас Исо моро дар дуо чиро гуфтан даъват кард? Ман боварӣ дорам, ки ин ҷумлаи намунавӣ  ҳушдордиҳӣ аст ё даъват барои эҳтиёткорӣ дар дуои "пешгирӣ" мебошад. Вақте ки шумо ба ин мавзӯи охирони дуо мерасед, шумо ба Худо имкон медиҳед, ки дили шумо дар адолат қарор ёфтааст, ва шумо намехоҳед ба нокомӣ дучор шавед, ё пешпо хӯред. Вақте ки шумо худатонро дар озмоиш дарёфтед, ва агар шумо мисли гуфтаи Яъқуб 1:2 накунед ва ҳамаи инро хурсандӣ ҳисоб кунед, шумо одатан ба озмоиш дучор мешавед ва онро ба ҷисми худ роҳ медиҳед. Агар шумо дарк накардаед, ки "имтиҳони имони шумо сабрро ба вуҷуд меоварад " ва шумо намемонед, ки сабр бояд амали комил дошта бошад, то ки шумо комил ва солим буда, ҳеҷ камбудие надошта бошед (Яъқуб 1:3-4)".

Биёед ман ба шумо як тасвиреро пешкаш кунам. Ман инро он замоне навишта истодаам, ки Ҷек мошинро ронда истодааст ва мо барои вохӯрӣ ба Атланта роҳакӣ ҳастем. Вохӯрии мо соати 12.00 рӯз муқаррар шуда буд. Барои ҳамин мо бояд соати 10.30 аз Чатануга бароем. Соати 10:25 Ҷек хост ба хонаи корӣ дарояд. Дар саросемагӣ ман аз паси ӯ давидам, то ин ки ба ӯ бигӯям, ки мо бояд баъди панҷ дақиқа ба роҳ бароем. Соати 10:35 ман барои шавҳарам қаҳваро резондам. Соати 10:45 ман ноумедона аз утоқи корӣ занг задам ва фаҳмидам, ки Ҷек ба бонк рафтааст. Соати 11:00 ман чунон қаҳрӣ шудам, ки тайёр будам фарёд занам. Ман рӯзи худро чунон бодиққатона ба нақша гирифтам, ва акнун ҳамаи нақшаҳои ман барбод шуданд. Ман нишастам ва кӯшиш кардам китоби дуоро бихонам, вале ҳеҷ не ки диққатамро ба як ҷо ҷамъ намоям. Соати 11:05 садои сигнал шуд. Чун ман аз дар берун рафтам ва ранҷур будам. Оятҳои Яъқуб 1:2-3 ба ёдам омаданд: "ҳамаи инҳоро хурсандӣ ҳисоб кунед… озмоишҳо… сабру тоқат". Ман ба мошин даромадам, оғози сафарамон он қадар хуб набуд, вале ман хулоса кардам, ки дар итоат сафар намоям. Сафарамон хеле ширин гузашт,

чунки Кей итоаткор буд… вале ҷисман ӯ намехост чунин бошад. Дар имтиҳони ман, агар ман вақти дидани Ҷек ба таври бояду шояд ҷавоб намедодам ман ба доми озмоиш меафтидам, ва қаҳрам аз болоям назорат мекард ва ман гуноҳ мекардам!

Акнун ин ҷумлаи намунавиро дар корҳои раҳоӣ мебинем? "Моро ба озмоиш дучор накун, балки моро аз иблис раҳоӣ кун". Мо ба Худо гуфтанием, ки намехоҳем дар доми иблис афтем. Ин дуои пешгирӣ мебошад ва Падар онро мешунавад. Ба фикри шумо, ки Навиштаро ба ёди ман овард, вақте ки ман аз хона берун шудам?

Ба ман имкон бидиҳед,  ба шумо порчаи дигареро, ки дар баробари ин ҷумлаи намунавӣ оид ба раҳоӣ мебошад, пешниҳод намоям. Матто 26:36-44-ро хонед ва баъд ба суолҳои баъди он омада ҷавоб диҳед. То ба анҷом расидани саволҳо чизи дигареро нахонед – дидани хурсандиро аз даст надиҳед!

*Баъд аз ин Исо бо онҳо ба мавзее ки Ҷатсамонӣ ном дошт, омад ва ба шогирдонаш гуфт: "дар ин ҷо бинишинед, то дар он ҷо дуо гӯям".*
*Ва Петрус ва ҳар ду писари Забдойро бо Худ бурд; ва хеле маҳзун ва дилтанг шуд. Ва ба онҳо гуфт: "ҷони Ман то ба дараҷаи марговар маҳзун шудааст; дар ин ҷо бимонед ва бо Ман бедор бошед". Ва каме пештар рафта, рӯ ба замин афтод ва дуо карда, гуфт: "Эӣ Падари Ман! Агар мумкин бошад, ин коса аз Ман бигзарад; лекин на бо хоҳиши Ман, балки бо иродаи Ту". Ва назди шогирдонаш омада, онҳоро хуфта ёфт, ва ба Петрус гуфт: " Оё натавонистед соате бо Ман бедор бошед? Бедор бошед ва дуо гӯед, то ба озмоиш дучор нашавед: рӯҳ бардам аст, лекин ҷисм нотавон". Бори дигар рафта, боз дуо кард ва гуфт: "Эй Падари Ман! Агар мумкин набошад, ки ин коса, бе он ки онро бинӯшам, аз Ман бигзарад, пас он чӣ иродаи Туст, бишавад". Ва омада, боз онҳоро хуфта ёфт, зеро чашмонашон хоболуд буд. Ва онҳоро гузошта, боз рафт ва бори сеюм бо ҳамон суханон дуо гуфт*
*(Матто 26:36-44).*

1. Кадом косаро Исо мехост, ки Падари Ӯ онро гузаронад? Инро бо Юҳанно 18:11 муқоиса кунед.

2. Чанд бор Исо аз Худо илтимос кард ин косаро гузаронад?

3. Вақте ки Исо аз Худо хоҳиш кард косаро гузаронад, дуои кадом аст?

4. Байни ин дуо ва Дуои Худованд ягон монандӣ аст? Донистагиатонро нависед?

5. Дастури Исо дар ин вақт ба шогирдон ва Петрус чӣ буд?

6. Оё шумо байни дастури Исо дар Матто 26:41 ва ҷумлаи намунавии оид ба раҳоӣ дар Дуои Худованд ягон монандӣ мебинед? Агар бошад, онҳоро дар поён нависед.

Барои ман ояти Матто 26:41, “Бедор бошед ва дуо гӯед, то ба озмоиш дучор нашавед” қариб такрори дақиқи он чӣ дар дуои Худованд омадааст мебошад. Ин иқрор шудан ба он, ки ҷисми мо заиф аст, ҳарчанд рӯҳи мо ирода дорад. Ин огоҳии мо аз вобастагии комили мо аз Худо ва заифии комили мо ҳангоми озмоиш дур аз Ӯ мебошад. Ва ба Петрус чӣ рӯй дод? Ӯ хоб кард. Ӯ бедор нашуд ва дуо накард! Ӯ Исоро инкор кард, чунки Ӯ хабар надошт, ки душмани ӯ, иблис, ҳамчун шери ғуррон гаштугузор мекард, ва касеро меҷӯяд, то ба коми худ кашад (1 Петрус 5:8).

Ин илтимос барои раҳоӣ, эътироф кардани ҳақиқати ҷангу ҷидол мебошад. Хабардор аз он, ки шайтон талабгори ба монанди гандум ғалбер кардани мо мебошад, ва ҳатто чун ба Петрус (Луқо 22:31) карда буд, мо ба Худо мегӯем, ки мо фаҳмидем мо танҳо аз ӯҳдаи дур кардани Ӯ намебароем. Мо хоҳиши дар адолат будан дорем, вале Худо бояд моро раҳоӣ кунад. Оҳ, чӣ хел мо мехоҳем ин ҳақиқатро бинем! Исо ба мо дуо кардани дуоеро, ки Худо ба он ҷавоб намедод, тақдим нанамуд! Бинобар ин, раҳоӣ ҳамеша барои онҳое, ки ҳақиқатан онро мехоҳанд дастрас аст. ҳеҷ масеҳӣ наметавонад бигӯяд, “Иблис маро маҷбур кард, ки инро кунам!”

Мо ваъдаи 1 Қӯрунтиён 10:13-ро дорем: “Озмоише, ки ба сари шумо омадааст, ҷуз озмоиши оддии инсонӣ чизи дигаре нест; ва Худо ямин аст, ва Ӯ намегузорад, ки шумо берун аз қуввати худ озмуда шавед, балки дар баробари озмоиш сабукӣ низ медиҳад, то ки шумо тоб оварда тавонед”.

Дуои охирони мо дуои раҳоӣ мебошад. Ин фарёд ба Худо аз сабаби заифии рӯҳ (Матто 5:3), аз сабаби заволи меъёри қудсияти Ӯ (Матто 5:4) аз сабаби фурӯтанӣ (Матто 5:5), аз сабаби гуруснагӣ ва ташнагии адолат (Матто 5:6), ва аз сабаби покии дил (Матто 5:8) аст. Ин фарёдест ки дар дуо чунин мегӯяд, “О, Падар, маро аз озмоишу имтиҳонҳои нолозиме, ки метавонам бо онҳо дучор шавам, халосӣ деҳ”. Ин фарёди огоҳӣ ва эътирофи дар ҳақиқат будани полис ва ҷанговарии масеҳиро мефаҳмонад.

Ин сарзаниши дӯстонаи Худованд моро барои “бедор будан ва дуо гуфтан, то ба озмоиш дучор нашудан: рӯҳ бардам аст, лекин ҷисм нотавон” (Матто 26:41)-ро дар назар дорад.

Бо ин роҳ дуо гуфтан, дӯстам, ин дуо кардан барои пирӯзӣ, ки он чунин мегӯяд, “Ман медонам мо – бародарон ва хоҳарони ман ва ман – дар ҷанг ҳастем, ва мо мехоҳем, мо хоҳиш дорем, ва мо пирӯзиро интихоб мекунем”. Албатта онҳое, ки бо чунин роҳ дуо мекунанд “дар ҳар вақт дар Рӯҳ бо ҳар дуо ва илтимос дуо мегӯянд, ва ҳушёр ва босабот буда, ҳамеша дар бораи ҳамаи муқаддасон” ва барои худ илтимос мекунанд (Эфсӯсиён 6:18).

Ҳарчанд ҷумлаи охирин, “Зеро ки Малакут ва қувват ва ҷалол то абад аз они Туст. Омин”, дар навиштаҳои пештара нест, он ҳамчун ҳалелуёҳ (мадҳ)-и пирӯзӣ, ё ибодат мебошад. Ин ҷумлаи ҳафтум мебошад ва ҳафт рақами камолот мебошад.

Дӯстам, лаҳзае таваққуф намо. Гӯш кун! Оё ту садои мадҳро аз осмон намешунавқ? Худоро шукр, ки “ӯ ҳамеша ба мо дар Масеҳ зафар мебахшад” (2 Қӯрунтиён 2:14). Ин роҳи комил барои дуо аст ва аз тарафи Он касест, ки ҳамеша зинда аст то ки барои фарзандони Худо миёнравӣ кунад, омӯзонда шудааст.

Пас, дӯстам, мо медонем, чӣ хел дуо кунем! Мо медонем, чиро дуо кунем! Акнун ба мо лозим аст, дуо кунем… ва вақте ки дуо мекунед…

**ДУО**

**ҲАФТАИ АВВАЛ. РӮЗҲОИ 1-УМ ТО 7**

Дар ҳафтаи аввали мусоҳиба барои шумо сомон додани муҳити ҳаммаслакӣ ва ошкоро хеле муҳим аст, то ин ки одамон худро озод ҳис кунанд ва бе ягон шармгинию ҳиҷолат фикрашонро баён кунанд. Ва чӣ хел шумо ин муҳитро ба даст меоред? Ин вақтро дар дуо, ҷустуҷӯи ҳузури Худо ва раҳнамоии ӯ гузаронед. Ва ҳамчунин дар пеши ҳамдигар осебпазир бошед. Ҳеҷ кадоме аз мо дар дуо таҷрибаи бой надорад, барои ҳамин дар дили худ мақсад гузоред, ки дарсро бо ҳамдигар омӯзед.

Худро ба ин саволҳои баҳснок маҳдуд накунед, ва сахтгирона онҳоро пайравӣ накунед. Хубтар мешуд, агар онҳоро ҳамчун тахтаи ҷастгоҳ барои баҳс истифода мебаред. Он даме, ки баҳс шурӯъ мешавад, шумо роҳатонро хоҳед ёфт.

**Дар ҳафтаи аввал якҷоя:**

1. Бифаҳмонед, ки чаро Исо ба шогирдонаш Дуои Худовандро тақдим кард. Чӣ сабаби он шуд?

2. Дуои Худованд чист?

3.Ҷумлаи намунавӣ чист?

4. Кадом мавзӯъҳоро Дуои Худованд дар бар мегирад?

5. Ибриён 11:6-ро хонед. Кадом талаботҳоеро, ки ба дуо шомил ҳастанд, аз ин оят омӯхтед.

6. Дар бораи Ильёс аз Яъқуб 5 чиро аз худ кардед? Оё Худо бо Шумо шахсан бо як роҳи махсус гуфтугӯ кард ё не?

7. Оиди дуо Еҳушофот баҳс кунед. Саволи Рӯзи Шашумро ҳамчун роҳнамо истифода баред. Чанд мавзӯъ аз Дуои Худованд дар дуои Еҳушофот омадаанд?

8. Оиди номҳои Худо баҳс кунед ва чӣ хел онҳо метавонанд дар дуо истифода бурда шаванд.

9. Тақдискунии номи Худованд чӣ маънӣ дорад?

10. Ба василаи омӯзиш дар ин ҳафта дар дуоҳоятон ба чӣ ноил шудед?

11. Ин ноилшавӣ дар ҳаётатон чӣ таъсирот доранд.

Он чизеро, ки ин ҳафта омӯхтед ба кор баред. Барои он ки одамон натарсанд, дуоро дар як вақт аз як то се ҷумла маҳдуд кунед. Хеле хуб мешуд, агар шумо Дуои Худовандро мавзӯъ паси мавзӯъ аз худ кунед. Мавзӯи якуми дуоро аз худ кунед: агар онро ба таври кофӣ аз худ кардед, ҷумлаи намунавии дуюмро мавриди омӯзиш қарор диҳед: ташвиш накашед, агар шумо худро ноҳинҷор ҳис мекунед. Бояд ҳамин хел мешуд. Бо мурури замон ва гирифтани таҷрибаи кофӣ ин ноҳинҷорӣ нопадид хоҳад шуд.

## ҲАФТАИ ДУЮМ. РӮЗҲОИ АЗ 8-УМ ТО 14-УМ

1. Бо гуфтани Дуои Худованд, ҷумла паи ҷумла оғоз кунед. Дар охири ҳар ҷумла ба фаҳмиши як гурӯҳ гӯш диҳед, ки мавзӯи ҳар ҷумла чиро дар бар мегирад.

2. Аз Ишаъё 36-37 чиро омӯхтед? Суолҳои Рӯзи ҳаштумро барои баҳс истифода баред.

3. Чӣ хел Ирмиё дар дуоҳои худ дар Ирмиё 32:16-25 Худоро ибодат мекунад?

4. Чӣ хел Дониёл дар дуоҳои худ дар Дониёл 2:19-23 ва 9:3-19 ибодат мекунад?

5. Шумо дар бораи далели он ки дуо фақат барои онҳое, ки ҳақиқатан ҳам фарзандони Худо ҳастанд, ягон суол доред? Агар дошта бошед, Навиштаҳоро аз назар гузаронед, ки дар Рӯзҳои нӯҳум ва даҳум истифода бурдем.

6. Аз ҷумлаи дуюм "Малакути Ту биёяд" чиро фаҳмидед.

7. Дар бораи аҳамияти иродаи Худо дар дуо чиро фаҳмидед?

Ин ҳафта вақти худро дар дуо бо ибодат номи Худо ва хусусиятҳое, ки номи Ӯ ошкор шуд гузаронед. Номи ӯро ҳангоми дуо тақдис кунед.

## ҲАФТАИ СЕЮМ. РӮЗҲОИ 15-УМ ТО 21

1. Шумо аз 1 Юҳанно 5:14-15 ва Юҳанно 15:7 дар бораи дуо чиро омӯхтед?

2. Калимаи "мондан"-ро (abide )чӣ тарзе ки он дар Юҳанно 15:7 омадааст маънидод кунед. Ин чӣ маънӣ дорад, ки сухани Ӯ дар шумо бимонад? чӣ хел он ба дуои шумо таъсир мерасонад?

3. Фарқият байни рҳема ва логос чист?

4. Чӣ хел шумо метавонед иродаи Худоро бидонед? Кадом воситаҳои гуногун дар ин дарсҳо нишон дода шудаанд?

5. Вақте ки шумо дуо мекунед ва иродаи Худоро намедонед, дуоятонро давом медиҳед? чӣ тарз?

6. Чӣ хел Матто 21:18-22 ва Марқӯс 11:23-24 бо ҳамаи он чӣ мо дар бораи дуо ва итоат ба иродаи Худо омӯхтем, муносиб меояд?

7. Кадом мушкилиҳо дар бораи дуоҳо ба монанди "имондор, иқрор шав, ва ин аз они шумо", дар партави он чӣ мо ин ҳафта омӯхтем, пеш омаданд?

8. Дар бораи номае, ки дар Рӯзи Понздаҳум омадааст чӣ фикр доред?

9. чӣ хел шумо метавонед Дуои Худовандро дар миёнравӣ бо дигарон истифода баред?

**Бо дуо хотима мебахшем.**

Лаҳзае вақтатонро дар дуо барои миёнравӣ ба дигарон гузаронед, ва он чиро, ки ин ҳафта омӯхтед истифода баред.

## ҲАФТАИ ЧОРУМ. РӮЗҲОИ 22-ЮМ ТО 28

1. Бо азназаргузаронии мавзӯи ҳафт ҷумлаи намунавии Дуои Худованд шурӯъ кунед.

2. Шумо дар бораи ҷумлаи коруми намунавӣ чиро омӯхтед?

a) Чӣ хел талаб кардан муҳим аст?
b) Чаро шумо фикр мекунед, ки Худо мехоҳад мо талаб кунем, ҳол он ки Ӯ ҳамаи эҳтиёҷоти моро мефаҳмад?
c) Оё ягон вақт Худо ба шумо он чизеро, ки дар дуо талаб кардед дода буд? Чиро? Он ба шумо чӣ таъсирот дошт?
d) Оё барои талаб кардан ягон шарт аст (Яъқуб 4:1-3; Юҳанно 14:13; 15:16; 16:23; Матто 21:22; Луқо 11:9-10)?

3. “Ваъдаҳоро илтимос кардан” чӣ маънӣ дорад? Якчанд ваъдаҳое, ки мо метавонем дар дуо илтимос кунем, кадомҳоянд?

4. Шумо аз дуои Мӯсо аз Хуруҷ 32:9-14 чиро омӯхтед? Ба суолҳои Рӯзи Бистум такъя кунед, агар лозим шавад?

5. Нақшаи илтимос ба шумо кӯмак кард? Аз пур кардани он шумо чиро фаҳмидед?

6. Чӣ хел гуноҳ шуморо аз тарафи Худо шунида шудан дур мекунад? Оиди ин Навиштаҳои зерин андеша кунед: Масалҳо 28:9; Ишаъё 59:1-2; Забур 66:18; 1 Петрус 3:12; 1 Юҳанно 1:9; ва Яъқуб 5:16.

7. Дар бораи иқрор шудан аз Забур 51 чиро омӯхтед?

8. Чаро бахшиши дигарон вобаста ба дуо аст? Шумо метавонед Матто 18:21-35-ро хонда оиди он андеша намоед.

9. Охирон, дар болои маънои ҷумлаи шашум намунавқ- раҳоӣ фикр кунед.

a) Бо ин ҷумлаи намунавӣ шумо ягон мушкилӣ доштед?
b) Чӣ хел шумо онҳоро ҳал кардед?
c) Чиро Исо дар назар дошт, вақте Ӯ гуфт : “Моро ба озмоиш дучор накун?”
d) Чӣ хел ин ҷумлаи намунавӣ ба 1 Қӯрунтиён 10:13 ва 26:41 муносибат дорад?
e) Ин дуо ба рафтори шумо ҳамчун масеҳӣ чӣ таъсирот дорад? чӣ хел ва чаро?

10.Чӣ хел ин омӯзиш ба ҳаёти ибодатии шумо таъсир расонд?

**Дуои Худовандро мавзӯъ ба мавзӯъ гуфта бо ҷумлаи ҳафтуми намунавӣ ба охир расонед.**

**Бигузор Падар ин мусоҳибаҳоро**
**дуои хайр диҳад ва онҳоро барои**
**ғанӣ гардондани муносибати шумо**
**бо Ӯ ва бо ҳамдигар истифода баред:**